**ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ**
**ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# МАЪРУЗАИ
# ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН
# ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# БАРОИ СОЛИ 2025

**ДУШАНБЕ – 2026**

**Хонандаи гиромӣ,**

Соли 2025 барои Ҷумҳурии Тоҷикистон соли дастовардҳои муҳим дар самтҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа маҳсуб ёфта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандона ва сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба натиҷаҳои назаррас дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва таҳкими заминаҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ноил гардид.

Чунончи, дар асоси принсипҳои инсондӯстона, ғамхорӣ ба оила ва кӯдакону наврасон бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бахшиши ҷазои шахсоне, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд» аз 20 марти соли 2025, № 1009 ҷазои 897 нафар маҳкумшудагон бахшида шуда, онҳо аз адои минбаъдаи ҷазо озод карда шуданд.

Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ниҳоди миллӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон фаъолияти худро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» идома дода, ҷиҳати мусоидат намудан ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин, баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тадбирҳои муассир амалӣ намуд. Ҳамзамон, дар самти ҳифз, эҳтиром ва барқарорсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳамчунин, татбиқи уҳдадориҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ

бо мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ тақвият дода шуд.

Дар Маърузаи мазкур дар бораи фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025, дастовардҳо, натиҷаҳои амалисозии вазифаҳои асосӣ, инчунин, мушкилоту монеаҳои мавҷуда дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва тавсияҳо ҷиҳати ҳалли онҳо инъикос гардидааст.

Итминон дорем, ки Маърузаи пешниҳодгардида мавриди омӯзишу баррасии мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар сохторҳои дахлдор қарор гирифта, барои татбиқи тавсияҳои манзуршуда ҳамкориҳо боз ҳам тақвият меёбанд.

Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон омодагии худро ҷиҳати густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо ҳамаи сохторҳои дахлдор иброз менамояд.

**Бо арзи эҳтиром,**

**Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон**

**Бобозода Умед**

## МУНДАРИҶА

**ПЕШГУФТОР**........................................................................ 4

**I. ВАЗЪИ РИОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

1.1. Ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида........................................................................ 9

1.2. Ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ ва шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ........................................................ 25
1.3. Ҳуқуқ ба мурочиат........................................................ 36
1.4. Ҳуқуқ ба ҳаёт ва бекор кардани ҷазои қатл.................... 45
1.5. Ҳуқуқҳои маъюбон........................................................ 53
1.6. Ҳифзи ҳуқуқҳои занон дар доираи уҳдадориҳои байналмилалӣ................................................................ 68
1.7. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳуқуқи соҳибкорон.............................................. 84

## II. ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР СОЛИ 2025

2.1. Таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон........................................................................ 109
а) Раванди мутобиқсозии фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба Принсипҳои Париж.......................... 109
б) Тақвияти ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ, доираҳои илмӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ.......... 118
в) Таъминоти моддӣ, техникӣ ва молиявии фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон......................................................... 131
2.2. Иттилоотонӣ ва мусоидат дар баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон............................................................................ 136
2.3. Таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон

(10 - декабр)........................................................................... 145
2.4. Татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 дар соли 2025.................................... 152
2.5. Мусоидат ба такмили қонунгузорӣ ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон............. 164
2.6. Қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ................................................................................ 171
2.7. Фаъолияти намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон........................................................................................ 180
**ХОТИМА**.......................................................................................... 185

# ПЕШГУФТОР

Дар доираи татбиқи пайгиронаи сиёсати иҷтимоӣ ва башардӯстонаи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мамлакат дар самти пешбурди ҳуқуқу озодиҳои инсон дастовардҳо сол ба сол афзоиш меёбанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли беш аз ду даҳсола аст, ки бо ташаббусҳои сатҳи ҷаҳонии худ дар арсаи байналмилалӣ шинохта шуда, эътибору нуфуз ва эҳтиромаш афзун гардидааст. Зеро ташаббусҳои байналмилалии ҷониби Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои обу иқлим ва масъалаҳои дигар, дар маҷмуъ, барои ҳифзи ҳуқуқи инсон нигаронида шудаанд.

Лозим ба ёдоварист, ки 12 декабри соли 2025 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар Иҷлосияи 80-уми худ қатънома таҳти унвони «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ, 2027» қабул намуд ва боиси ифтихору сарафрозист, ки ин иқдоми муҳим бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардид.

Дарвоқеъ, иқдоми мазкур ҳамчун идомаи мантиқии татбиқи бомуваффақонаи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 арзёбӣ мегардад.

Ин ташаббус метавонад дар амалисозии ҳамаҷониба ва пурраи ҳуқуқу озодиҳои инсон, инчунин, дар таҳкими волоияти қонун ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам байналмилалӣ саҳми назаррас гузорад. Он барои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, густариши фарҳанги ҳуқуқӣ ва таҳкими

масъулиятшиносии шаҳрвандон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ҳамзамон, ташаббуси мазкур бо уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон пурра мувофиқат карда, татбиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро тақвият мебахшад. Илова бар ин, он бори дигар аз иродаи қавии сиёсӣ ва омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои худ дар доираи механизмҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ҳамкорӣ бо сохторҳои дахлдори Созмони Милали Муттаҳид, шаҳодат медиҳад.

Қобили зикр аст, ки бо қарори Шурои сарони давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 8 октябри соли 2024 дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил соли 2027 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардид.

Санадҳои қабулгардида бо фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳамоҳангии пурра доранд, зеро мувофиқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» яке аз вазифаҳои асосии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Воқеан, дар масири эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи адолатпарвар, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Конститутсия пеша намудааст, маърифати баланди ҳуқуқии шаҳрвандон нақши муассир дорад.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини иҷрои самаранок, босифат ва саривақтии ваколатҳои худ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон муқаррар намудаанд, пайваста чораҳои зарурӣ меандешад.

Яке аз механизмҳои мусоидат ва таъсиррасонии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таҳия ва пешниҳод намудани Маъруза мебошад, ки дар он вобаста ба фаъолияти мақомот ва вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавсияҳо дода мешаванд.

Ҳамин тавр, Маърузаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 мутобиқи моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида, аз ду қисм – дар бораи вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷумҳурӣ ва фаъолияти мақомот иборат мебошад.

Қисми якуми Маъруза фарогири масъалаҳо вобаста ба ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида, ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ ва шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ, ҳуқуқ ба муроҷиат, ҳуқуқ ба ҳаёт ва бекор кардани ҷазои қатл, ҳуқуқҳои маъюбон, ҳифзи ҳуқуқҳои занон дар доираи ӯҳдадориҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳуқуқи

соҳибкорон мебошанд, ки ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта дар самтҳои дахлдор тавсияҳо манзур гардидаанд.

Қисми дуюми он ба масъалаҳои таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон (раванди мутобиқсозии фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба Принсипҳои Париж, тақвияти ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ, доираҳои илмӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъминоти моддӣ, техникӣ ва молиявии фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон), иттилоотонӣ ва мусоидат дар баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон (10 – декабр), татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 дар соли 2025, мусоидат ба такмили қонунгузорӣ ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, қабул ва баррасии мурожиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, фаъолияти намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бахшида шуда, бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани фаъолият, таҳкими иқтидори мақомот ва масоили дигари марбута тавсияҳои дахлдор пешниҳод гардидаанд.

Бояд хотирнишон сохт, ки ҳадафи асосии таҳияи Маърузаи зикргардида, қабл аз ҳама, ҷалб намудани таваҷҷуҳи мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, воситаҳои ахбори омма ва аҳли ҷомеа ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон маҳсуб ёфта, тақозо мегардад, ки бо назардошти дастовардҳои муҳим ва имкониятҳои воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешрафти ҳуқуқу озодиҳои

инсон ва бартараф намудани норасоиҳои мавҷуда чораҳои мушаххас андешида шаванд.

Маърузаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тибқи талаботи моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дигари дар моддаи мазкур пешбинишуда, манзур карда мешавад.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутмаин аст, ки мақомоти дахлдори давлатӣ дар ҳамбастагӣ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати амалӣ намудани тавсияҳое, ки дар Маърузаи навбатии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон омадаанд, чораҳои зарурӣ меандешанд ва дар пешбурди ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳм мегузоранд.

# I. ВАЗЪИ РИОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1.1. Ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида

Дар доираи татбиқи пайгиронаи сиёсати иҷтимоӣ ва башардӯстонаи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир низоми муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида ба марҳалаи нави рушд ворид гардидааст. Дар натиҷаи амалӣ намудани тадбирҳои мушаххаси давлатӣ шароити нигоҳдории гумонбаршудагон, айбдоршавандагон, судшавандагон ва маҳкумшудагон тадриҷан рӯй ба беҳбудӣ оварда, механизмҳои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо таҳкиму тақвият ёфтаанд.

Фаъолияти муассисаҳои зикргардида ба меъёрҳои қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, тибқи онҳо давлат вазифадор аст, ки ҳуқуқ, озодӣ ва шаъну шарафи шахсони аз озодӣ маҳрумшударо дар ҳама ҳолат эҳтиром ва таъмин намояд.

Бо мақсади таъмини шаффофият ва баланд бардоштани сатҳи иттилоотонии ҷомеа фаъолияти муассисаҳои пӯшида аз тариқи воситаҳои ахбори омма мунтазам инъикос карда мешаванд. Чунин раванд ба таҳкими эътимоду боварии ҷомеа нисбат ба мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва густариши

ҳамкориҳои созанда бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат хоҳад намуд.

Дар доираи ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кормандони Дастгоҳи он имкон пайдо карданд, ки мурочиатҳои шахсони аз озодӣ маҳрумшударо сари вақт мавриди баррасӣ қарор дода, бо маҳкумшудагон суҳбату вохӯриҳои озод ва маҳрамона гузаронанд.

Яке аз вазифаҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мусоидат дар риоя ва барқарорсозии ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида мебошад. Тибқи қонунгузорӣ ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳуқуқ дода шудааст, ки бемамоният ба муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ташриф оварад ва мустақилона ё якҷоя бо дигар мақомоти салоҳиятдори давлатӣ санҷиши муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятиро гузаронад.

Лозим ба ёдоварист, ки самти мазкур дар Стратегияи фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2021-2025 ҳамчун самти афзалиятнок арзёбӣ гардидааст.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва кормандони Дастгоҳи он соли 2025 бо мақсади шиносоӣ ва санҷиши шароити будубоши шахсоне, ки дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида нигоҳ дошта мешаванд, ба чанде аз ин муассисаҳо ташриф оварданд.

Аз ҷумла, соли 2025 Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз муассисаи ислоҳии ЯС3/1 ва тавқифгоҳи тафтишотии ЯТ9/4-и

Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия дар шаҳрҳои Ваҳдат ва Кӯлоб, тавқифгоҳҳои нигоҳдошти муваққатӣ дар ШВКД ноҳияҳои Ш.Шоҳин, М.С.А.Ҳамадонӣ ва Муъминободи вилояти Хатлон боздид ба амал оварда, аз шароити нигоҳдошти маҳкумшудагон ва дастгиршудагон, аз ҷумла ҷойи хоб, ҳуҷраҳои мулоқот (кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат), ошхона, чойхона ва ҷойи кори маҳкумшудагон дидан намуд.

Боздид нишон дод, ки шароити нигоҳдории шахсони дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида қарордошта рӯй ба беҳбудӣ оварда, аксарияти биноҳои муассисаҳо аз нав сохта шуда, ҷиҳати азнавсозии иншооти санитарию маишӣ пайваста чораандешӣ карда мешавад.

Ҳангоми боздид дар муассисаҳои ислоҳӣ ва тавқифгоҳҳои нигоҳдошти муваққатии шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо маҳкумшудагон ва дастгиршудагон вохӯрӣ ва мулоқот намуда, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ба масъулин тавсияву маслиҳатҳо дод.

Зимни ҳамкориҳо дар доираи Комиссияи ҳуқуқи инсони ИДМ пайваста боздиди намояндагони давлатҳои узв ба муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ташкил карда мешавад. Дар ин робита, санаи 9 октябри соли 2025 раиси Комиссияи ҳуқуқи инсони ИДМ - Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Федератсияи Россия хонум Т.Н. Москалкова дар доираи сафари хизматӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муассисаи ислоҳии ЯС3/1-и Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия боздид ба амал овард.

Дар рафти боздид Т.Н. Москалкова аз шароити муассиса, ҷойи зисти маҳкумшудагон, қисми тиббӣ, мағоза ва коргоҳҳои истеҳсолӣ дидан намуда, ба он баҳои мусбӣ дод. Инчунин, Т.Н. Москалкова бо маҳкумшудагон-шаҳрвандони Федератсияи Россия, ки дар муассисаи мазкур адои ҷазо менамоянд, вохӯрӣ намуд. Маҳкумшудагон дар рафти суҳбат аз шароити муассиса ва муносибати кормандон изҳори қаноатмандӣ намуда, ҳамзамон, бинобар дур будани ҷойи зисташон аз Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Федератсияи Россия хоҳиш намуданд, ки барои интиқол ба Федератсияи Россия барои адои минбаъдаи ҷазо ба онҳо кумак расонад.

Бо мақсади иҷрои Барномаи амали мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаи кории Гурӯҳи мониторингии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2025 дар 19 муассисаи пӯшида ва қисман пӯшида ҷиҳати муайян намудани вазъи риояи ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда, ҳуқуқ ба озодӣ аз шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф ва риояи ҳуқуқи беморони руҳӣ мониторинг гузаронида шуд.

Чунин мониторингҳо, аз ҷумла дар муассисаҳои ислоҳии ЯС3/4 ва ЯС3/7-и шаҳри Душанбе, муассисаҳои ислоҳии ЯС3/3 ва ЯС3/5-и шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, муассисаҳои ислоҳии ЯС3/6, ЯС3/7 ва тавқифгоҳҳои тафтишотии ЯТ9/4 ва ЯТ9/7-и шаҳрҳои Ёвон, Норак, Бохтар ва Кӯлоби вилояти Хатлон,

тавқифгоҳи тафтишотии ЯТ9/3-и шаҳри Хоруғи ВМКБ гузаронида шуданд.

Санҷишу мониторингҳо нишон доданд, ки дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ як қатор корҳо ба анҷом расонида шудаанд. Аз ҷумла, дар муассисаи ислоҳии ЯС3/3-и шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд бинои мутобиқгардонии маҳкумшудагон бо шумули хобгоҳ, ошхона, ҳаммом ва ҳуҷраи тарбиявӣ, дар муассисаи ислоҳии ЯС 3/4-и шаҳри Душанбе як маҷмааи нави санитарӣ-гигиенӣ барои маҳкумшудагон иборат аз 26 нуқтаи оббозӣ ва 23 нуқтаи гигиенӣ, дар муассисаи ислоҳии ЯС3/5-шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд бинои сеошёнаи замонавӣ барои зисти 600 маҳкумшуда иборат аз хобгоҳ ва ҳуҷраҳои маданӣ-маишӣ, бинои иловагии иншооти беҳдоштӣ барои маҳкумшудагон иборат аз 30 нуқтаи гигиенӣ, 6 ҳуҷраи иловагӣ барои мулоқоти дарозмуддат бо ҳаммом ва ошхонаи иловагӣ, як ҳоҷатхонаи иловагӣ (дар як вақт барои истифодаи 30 нафар), дар муассисаи ислоҳии ЯС3/6-и ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон сохтмони ошхонаи дуошёнаи замонавӣ барои маҳкумшудагон бо масоҳати 1440 метри мураббаъ дар марҳилаи анҷомёбӣ қарор доранд.

Ҳамчунин, дар муассисаи ислоҳии ЯС3/7 (махсусгардонидашуда) дар шаҳри Душанбе чойхона барои маҳкумшудагон, дар муассисаи ислоҳии ЯС3/8 (занона) дар шаҳри Норак бинои санитарӣ-гигиенӣ, дар тавқифгоҳи тафтишотии ЯТ9/4-и шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон хобгоҳ ва майдончаи варзишии замонавӣ барои кормандон, инчунин,

ҷевонҳои анбори нигаҳдории маводди хӯрокаи муассисаҳои зикргардида сохта ва пурра azнавсозӣ ва ба талаботи замони муосир мутобиқ гардонида шудаанд.

Бо мақсади ба таҳсил ва омӯзиши касбӣ фаро гирифтани маҳкумшудагон дар муассисаи ислоҳии ЯС3/6 мактаби шабона, дар муассисаҳои ислоҳии ЯС3/1, ЯС3/2, ЯС3/4 ва ЯС3/6 литсейҳои касбии техникӣ аз рӯйи 7 ихтисос фаъолият намуда, дар муассисаҳои ислоҳии ЯС3/3 ва ЯС3/5 синфхонаҳои мувофиқ барои гузаронидани курсҳои тайёрии касбӣ ҷудо гардидааст.

Мониторингҳо нишон доданд, ки дар ҳамаи муассисаҳои ислоҳӣ ва тавқифгоҳҳои тафтишотӣ китобхонаҳо пурра азнавсозӣ ва аз таъмири асосӣ бароварда шуда, шароити зарурӣ, аз ҷумла ҷойи нишаст (мизу курсӣ) барои мутолиаи китобу рӯзномаҳо муҳайё карда шуда, бо мебелҳо, раҳҳои китобмонӣ ва лавозимоти зарурӣ муҷаҳҳаз шудаанд.

Дар рафти санҷишу мониторингҳо бо 250 нафар, аз ҷумла 150 нафар маҳкумшуда ва 100 нафар кормандони муассисаҳо пурсиш гузаронида шуд.

Бояд қайд кард, ки фаъолияти гурӯҳи мониторингӣ барои пешрафти ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида мусоидат мекунад. Аз ҷумла, гурӯҳи мониторингӣ барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шахсони аз озодӣ маҳрумшуда оид ба ҳуқуқҳои онҳо, баланд бардоштани малакаи касбии кормандони муассисаҳои мазкур дар масъалаи омӯзиши стандартҳои байналмилалӣ ва миллии муносибат бо шахсони аз озодӣ маҳрумшуда кумак менамояд. Тавсияҳои гурӯҳи

мониторингӣ боиси беҳтар шудани шароити будубоши маҳкумшудагон гардид.

Лозим ба ёдоварист, ки Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия баҳри таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, бо мақсади беҳтар намудани шароити нигоҳдории маҳкумшудагон ва ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯй гардонидани он, дар муассисаҳои мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тадбирҳои зарурӣ андешида истодаанд.

Аз маълумоти Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия бармеояд, ки соли 2025 дар муассисаи ислоҳии ЯС3/2-и шаҳри Ваҳдат ҳуҷраҳои тарбиявӣ-сиёсӣ, 2 ҳуҷраи иловагии мулоқоти дарозмуддат, ҳуҷраи мулоқоти кӯтоҳмуддат (дар як вақт барои 14 нафар), толори замонавии фарҳангӣ бо 234 ҷойи нишаст сохта ба истифода дода шуда, сохтмони бинои нави тавқифгоҳи тафтишотии ЯТ9/5 дар шаҳри Истаравшани вилояти Суғд дар марҳилаи анҷомёбӣ қарор дорад.

Инчунин, дар ҳудуди 9 муассисаи ислоҳии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия 20 коргоҳи хурди истеҳсолӣ таъсис дода шуд, ки боз 140 маҳкумшуда бо ҷойҳои нави корӣ таъмин гардиданд. Ғайр аз ин, дар тамоми муассисаҳои мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ толорҳои фарҳангӣ ва ҳуҷраҳои алоҳида барои пешбурди корҳои тарбиявӣ - сиёсӣ ва гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ бо муҳайё намудани ҷойи нишаст ва насби телевизорҳои калонҳаҷм барои тамошои барномаҳои

телевизонӣ ва хатти шунавоии барномаҳои радиоӣ ташкил карда шудааст.

Дар тамоми муассисаҳои мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ қисмҳои тиббӣ ва дар 2 муассиса беморхона фаъолият доранд, ки мунтазам ба маҳкумшудагон ёрии тиббӣ мерасонанд. Ҳамаи хобгоҳҳо ва ҳуҷраҳои нигоҳдорӣ бо рахти хоб, ҷиҳози бистарӣ, таҷҳизоти равшаннамоии сунъӣ, гарму сардкунӣ, ҳавотозакунӣ ва оби нӯшокӣ таъмин карда шудаанд.

Ҳамзамон, иловатан ба хатҳои оби нӯшокии мавҷудбуда бо пармакунии чоҳи амудӣ дар муассисаҳои ЯС3/1, ЯС3/2, ЯС3/4, ЯС3/5, ЯС3/6, ЯС3/7, ЯС3/10, тавқифгоҳҳои тафтишотии ЯТ9/4 ва ЯТ9/7 барои маҳкумшудагон оби нӯшокии тоза бароварда шудааст. Ҳамчунин, дар тамоми воҳидҳои сохтории мақомот бунёду азнавсозӣ ва таъмири асосии хобгоҳҳо, толорҳои фарҳангӣ, ошхонаву чойхона, биноҳои мутобиқсозӣ ва гузаронидани мулоқот, иншооти санитарӣ-гигиенӣ, майдончаҳои варзишӣ, гармхонаҳо ва дигар иншооти хурду миёна, шароити нигаҳдории маҳкумшудагон беҳбуд гардонида шуда истодааст.

Барои суҳбати телефонии маҳкумшудагон бо хешовандони худ дар тамоми муассисаҳои ислоҳӣ ва тавқифгоҳҳои тафтишотӣ беш аз 400 адад дастгоҳи телефонӣ фаъолият дорад, ки пардохти ҳаққи чунин хизматрасонӣ тариқи ғайринақдӣ тавассути корти пластикӣ амалӣ карда мешавад. Бо назардошти он, ки дар шароити кунунӣ техникаву технология дар ҳоли рушд қарор дорад масъалаи ташкили вохӯриҳои маҷозӣ (онлайнӣ)-и маҳкумшудагон бо хешовандон ҳалли худро тақозо менамояд.

Бо мақсади беҳтарсозии шароити нигоҳдорӣ ва адои ҷазои маҳкумшудагон аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ба сохтмони хобгоҳҳои нави чорошёна барои маҳкумшудагон дар муассисаҳоиислоҳии ЯС3/3, ЯС3/4 ва ЯС3/5 бо масоҳати беш аз 8100 метри мураббаъ оғоз бахшида шудааст, ки корҳо дар ин самт бомаром идома доранд. Дар муассисаҳои ислоҳии ЯС3/2, ЯС3/4, ЯС3/5, ЯС3/6 ва тавқифгоҳи тафтишотии ЯТ9/2 ошхонаҳои саҳроӣ сохта, мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Лозим ба ёдоварист, ки 20 марти соли 2025 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бахшиши ҷазои шахсоне, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум карда шудаанд» ба тасвиб расид, ки тибқи он 895 нафар маҳкумшудагон аз муассисаҳои мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз адои минбаъдаи ҷазо озод карда шуданд, ки аз инҳо 30 нафар ноболиғ, 87 нафар зан ва 778 нафар мард мебошанд.

Ҳамчунин, дар ин давра нисбати 1166 нафар маҳкумшуда чораҳои ҳавасмандгардонӣ нисбат ба ашхосе, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд татбиқ гардидааст. Аз инҳо, 975 маҳкумшуда ба колонияҳои сукунат гузаронида шуда, 179 нафар шартан пеш аз мӯҳлат аз адои ҷазо озод гардида, нисбати 12 нафар мӯҳлати адонагардидаи ҷазояшон бо ҷазои сабуктар иваз карда шуд.

Дар муассисаҳои ислоҳӣ ба расонидани ёрии тиббӣ, ташхис ва ба табобат фаро гирифтани ҳайати махсус таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад. Дар ин давра ба 9740 нафар хизмати тиббӣ расонида, 19393 нафар аз муоинаи тиббӣ гузаронида шуда, 81

нафар таъҷилӣ ва 235 маҳкумшуда нақшавӣ барои табобат ба муассисаи муолиҷавии 3/13 гузаронида шудаанд.

Бо мақсади беҳтар намудани шароити нигаҳдории маҳкумшудагоне, ки бо ҷазои якумра маҳрум сохтан аз озодӣ дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ адои ҷазо менамоянд, як қатор тадбирҳои зарурӣ ба сомон расонида шудааст. Чунончи, ҳамаи ҳуҷраҳои нигаҳдорӣ аз таъмири асосӣ бароварда шуда, бо тамоми шароити низоми нигаҳдорӣ таъмин карда шудаанд. Ҳамчунин, ба дохили ҳуҷраҳои нигоҳдорӣ нуқтаи радиошунавонӣ ва телевизорҳо барои тамошо ва шунидани барномаҳои фарҳангӣ ва сиёсӣ насб гардидааст, ба маҳкумшудагон тибқи муроҷиат рӯзномаю маҷалла ва китобҳо сари вақт барои мутолиа дастрас карда мешаванд. Илова бар ин, ҳамарӯза бо иштироки ҳамаи кормандони муассиса маҳкумшудагони ҷазои якумра бо сайругашт бо давомнокии 1 соату 30 дақиқа бароварда шуда, шароит оид ба шустушӯйи бадани маҳкумшудагон бо оби гарм муҳайё гардида, ҳафтае 1 маротиба аз ҳаммоми муассиса истифода мебаранд ва бо лавозимоти шустушӯйӣ таъмин карда мешаванд. Маҳкумшудагон тибқи талаботи қонун дастовез қабул намуда, бо хешовандонашон мулоқоти кутоҳмуддат анҷом медиҳанд.

Ҷиҳати баҳравар шудани маҳкумшудагон аз тамошои барномаҳои телевизионӣ беш аз 140 адад телевизор дар дохили ҳуҷраҳои нигаҳдории тавқифгоҳҳои тафтишотии ЯТ9/1, ЯТ9/2, ЯТ9/4 ва ЯТ9/7 насб гардид. Аз ин шумора, 24 адади он дар

ҳуҷраҳои нигаҳдории маҳкумшудагони якумра насб карда шудааст.

Чун солҳои қаблӣ соли 2025 низ ҳамкориҳои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо Вазорати корҳои дохилӣ дар сатҳи хуб ба роҳ монда шуд. Аз ҷумла, дар ин давра аз ҷониби кормандон ва гурӯҳи мониторингии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар якчанд тавқифгоҳҳои нигоҳдошти муваққатии ШВКД-и шаҳру ноҳияҳои мамлакат санҷишу мониторингҳо гузаронида шуд. Дар рафти санҷишу мониторингҳо бо 32 корманди ШВКД ва 54 нафар дастгиршуда дар алоҳидагӣ суҳбат доир карда шуд.

Санҷишу мониторингҳои дар сохторҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ ва Ишкошими ВМКБ, Хуҷанд ва Б.Ғафурови вилояти Суғд, Ш.Шоҳин, Муъминобод ва М.С.А.Ҳамадонии вилояти Хатлон, Рашт ва Нуробод гузаронидашуда нишон дод, ки дар баробари пешравиҳо баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд.

Аз ҷумла, набудани нақлиёти махсус барои интиқоли дастгиршудагон ба тавқифгоҳи тафтишотӣ дар ШВКД дар ноҳияи Ишкошими ВМКБ, ноҳияҳои Ш.Шоҳин ва Муъминободи вилояти Хатлон мушкилот эҷод намудаанд.

Аз сабаби набудани воҳиди корӣ барои кормандони тиб дар ШВКД ҷиҳати азназаргузаронии дастгиршудагон аз беморхонаҳои шаҳру ноҳияҳо истифода бурда мешаванд, ки ин аз ҷумлаи мушкилоти дигар маҳсуб меёбад.

Бояд иброз дошт, ки барои боз ҳам беҳтар намудани шароити нигоҳдории дастгиршудагон як қатор чораҳои мушаххас андешида шудаанд. Чунончи, дар ҳамаи шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ ҳуҷраҳо ва тавқифгоҳҳои нигоҳдошти муваққатӣ аз таъмири ҷорӣ бароварда шуда, шароити будубоши дастгиршудагон дар онҳо тадриҷан беҳтар шуда истодааст.

Бо мақсади муайян намудани вазъи риояи ҳуқуқҳои беморони руҳӣ корҳои назаррас ба анҷом расонида шуд. Аз ҷумла, соли 2025 аз ҷониби кормандони мақомот дар якҷоягӣ бо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ дар беморхонаи бемориҳои руҳии вилояти Суғд дар шаҳри Исфара, Маркази бемориҳои руҳии ноҳияи Б. Ғафуров ва Маркази бемориҳои руҳии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб санҷишу мониторингҳо гузаронида шуда, бо 32 бемори руҳӣ, 18 корманди тиб ва 21 корманди хурди тиббӣ пурсиш-суҳбат гузаронида шуд.

Дар рафти мониторинг аз ҷойҳои хоби беморони руҳӣ, ҳуҷраҳои кории кормандони тиббӣ, ҳаммом, ҳуҷраи маишӣ, ошхона, камераҳои мушоҳидавӣ дидан карда шуд.

Аз натиҷаи мониторингҳо бармеояд, ки дар маҷмуъ, шароити нигоҳдошт дар ин муассисаҳо қаноатбахш буда, муносибати кормандон бо беморони руҳӣ хуб аст. Ба беморон ёрии зарурӣ расонида шуда, онҳо бо хӯроки гарм таъмин ва ҳолати санитарии беморхонаҳои руҳӣ қаноатбахш мебошад.

Зимни монторинг муайян гардид, ки дар муасиссаҳои зикршуда табибони равоншинос (психиатр) намерасанд ва ин масъала ҳалли худро тақозо менамояд.

Аз рӯйи речаи кории муассисаҳои зикргардида берун аз соатҳои истироҳатӣ беморони руҳӣ метавонанд бо наздиконашон мулоқот намоянд.

Мониторингҳо нишон доданд, ки баъзе аз хешовандон ва наздикони беморон аз аҳволи онҳо хабар намегиранд ва чунин ҳолат боиси андуҳгин шудани онҳо мегардад. Бинобар ин, хуб мешуд, ки аз ҷониби кормандони муассисаҳои зикргардида ҷиҳати руҳбаланд сохтани беморон ва суҳбатҳо бо хешовандони онҳо дар хусуси аёдати онҳо чораҳои дахлдор андешида шаванд.

Баргузор намудани конференсияҳо, мизҳои мудаввар ва чорабиниҳои дигари иттилоотию фаҳмондадиҳӣ яке аз самтҳои фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мебошад. Соли 2025 дар ин самт кормандони мақомот дар якҷоягӣ бо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ як қатор корҳоро ба анҷом расонидаанд. Аз ҷумла, дар ин давра аз ҷониби кормандони мақомот ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муассисаҳои ислоҳии ЯС3/3, ЯС3/4, ЯС3/5, ЯС3/6, ЯС3/8 ва тавқифгоҳҳои тафтишотии ЯТ9/3, ЯТ9/4 ва ЯТ9/7-и Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия дар шаҳрҳои Душанбе, Ваҳдат, Хуҷанд, Норак, Бохтар, Кӯлоб ва ноҳияи Ёвон барои кормандон ва маҳкумшудагон мизи мудаввар дар мавзуъҳои «Нақши Ваколатдор дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон», «Масъалаҳои муқовимат ба терроризм ва экстремизм дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Пешгирии шиканҷа» ва «Ҳуқуқҳои маҳкумшудагон» баргузор карда шуд, ки дар онҳо зиёда аз 1000 нафар иштирок намуданд.

Инчунин, соли 2025 барои кормандони ШВКД дар шаҳру ноҳияи Хуҷанд ва Б. Ғафурови вилояти Суғд, РВКД ва ШВКД дар шаҳру ноҳияи Хоруғ ва Ишкошими ВМКБ, ШВКД дар ноҳияҳои Ш.Шоҳин, Муъминобод ва М.С.А.Ҳамадонии вилояти Хатлон, ШВКД дар ноҳияҳои Нуробод ва Рашт дар мавзуъҳои «Пешгирии терроризм ва экстремизм», «Пешгирии шиканҷа» ва «Ҳуқуқҳои дастгиршудагон» мизи мудаввар гузаронида шуд, ки дар онҳо зиёда аз 220 нафар кормандон иштирок намуданд.

Дар ин давра, аз тарафи маҳкумшудагон ва хешовандони онҳо ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 10 мурожиат ворид гардиданд. Муҳтавои асосии муроҷиатҳоро масъалаҳо оид ба мусоидат намудан барои аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудани маҳкумшуда, аз як муассисаи ислоҳӣ ба дигар муассисаи ислоҳӣ гузаронидан, ҳифзи ҳуқуқҳои шахси аз озодӣ маҳрумшуда, аз муассисаҳои ислоҳии дигар кишвар ба муассисаи ислоҳии ҷумҳурӣ гузаронидани маҳкумшуда барои адои минбаъдаи ҷазои ҷиноятӣ, аз муассисаҳои ислоҳии ҷумҳурӣ гузаронидан ба муассисаи ислоҳии дигар давлат гузаронидани маҳкумшуда барои адои минбаъдаи ҷазои ҷиноятӣ, таъини ҷазои сабуктар, кам намудани муҳлати ҷазо, озод намудан аз муассисаи ислоҳӣ, таъини экспертизаи судӣ-тиббии такрорӣ, вохӯрии намояндаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо маҳкумшуда, муайян намудани муҳлати адои ҷазо, замони озодшавӣ ва вазъи саломатии маҳкумшуда ташкил медиҳанд. Қисми асосии муроҷиатҳои воридгардида бинобар ба салоҳияти Ваколатдор оид

ба ҳуқуқи инсон дохил нашуданашон, барои баррасӣ ба мақомоти дахлдор фиристода шуданд.

Масалан, маҳкумшудагон-шаҳрвандони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аз муассисаи ислоҳии ЯС3/1 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия муроҷиат намуда, ҷиҳати интиқоли онҳо ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мусоидат пурсиданд. Бинобар тааллуқдориаш муроҷиат ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Муроҷиати шаҳрванд С.Н. оид ба огоҳӣ ёфтан аз вазъи саломатии бародараш Р.Н. ва аз кор дар истеҳсолот озод кардани ӯ дар муассисаи иҷрои ҷазои ЯС3/1 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия дар ҷояш санҷида шуд. Дар натиҷа, баъд аз гирифтани маълумот вобаста ба бемории маҳкумшуда ӯ аз кор дар  истеҳсолот озод карда шуд.

Муроҷиати шаҳрванд Ш.Ш. оид ба ҳимоя намудани ҳуқуқҳои хоҳараш маҳкумшуда Ш.Д. дар муассисаи ислоҳии ЯС3/8-и Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия, ки дар онҷо маҳкумшуда Ш.Д. адои ҷазо менамояд, дар ҷояш санҷиш гузаронида шуд.

Дар рафти суҳбат маҳкумшуда Ш.Д. танҳо хоҳиш намуд, ки дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ, ки дар марҳилаи назоратӣ қарор дорад, намояндаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон иштирок намояд.

Ҳамин тавр, мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон минбаъд низ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида тадбирҳои зарурӣ меандешад.

**Бо мақсади беҳтар намудани вазъи ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида ва ба ҳаёти иҷтимоӣ мутобиқ намудани шахсони озодшуда аз ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***- андешидани тадбирҳо ҷиҳати беҳтар намудани шароити моддии ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ ва расонидани ёрии тиббии саривақтӣ ба дастгиршудагон ва маҳкумшудагон;***

***- андешидани чораҳои мушаххас ҷиҳати таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ барои маҳкумшудагон, такмил додани фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагии муассисаҳои ислоҳӣ;***

***- баланд бардоштани сатҳи касбияти ҳайати шахсии муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида;***

***- бо назардошти имкониятҳои мавҷуда ташкили муассисаҳои шакли камеравӣ;***

***- бо назардошти рушди технологияи рақамӣ, ҳамзамон ба роҳ мондани суҳбатҳои кӯтоҳмуддати маҳкумшудагон бо хешовандонашон ба тарзи маҷозӣ (онлайнӣ);***

***- таъмин намудани нақлиёти махсус барои интиқоли дастгиршудагон ба ШВКД дар ноҳияҳои Ишкошими ВМКБ, Ш.Шоҳин ва Муъминободи вилояти Хатлон.***

## 1.2. Ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ ва шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ

Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи муқаддаси шаҳрванд мебошад.

Раванди даъват ба хизмати ҳарбӣ ва адои хизмати ҳарбиро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ», Низомнома «Оид ба тартиби адои хизмати ҳарбӣ», Дастур оид ба омодакунӣ ва баргузории даъвати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати ҳарбӣ ва ба эҳтиёт рухсат шудани хизматчиёни ҳарбии хизмати ҳарбӣ тибқи даъват ва оинномаҳои дахлдори ҳарбӣ танзим менамоянд.

Дар ин раванд, ҳамчунин, қонунгузории амалкунандаи ҷумҳурӣ ба санадҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон, аз ҷумла Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Конвенсияи СММ зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ё ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф мутобиқ гардонида шудаанд.

Даъват ба хизмати ҳарбӣ, яке аз марҳилаҳои муҳимми уҳдадории ҳарбӣ мебошад. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» шаҳрвандони ҷинси марди аз 18 то 27-солаи дар қайди ҳарбӣ қарордошта ё

шаҳрвандоне, ки уҳдадоранд дар қайди ҳарбӣ бошанд ва барои ба таъхир гузоштани муҳлати даъват ё озод шудан аз даъват ба хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнок ҳуқуқ надоранд, ба хизмати ҳарбӣ ба Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳо ва воҳидҳои дигари ҳарбӣ, ки мутобиқи Қонуни мазкур дар онҳо хизмати ҳарбӣ пешбинӣ гардидааст, дар вазифаҳои сарбозон ва сержантҳо даъват карда мешаванд.

Барои ташкил ва гузаронидани даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ дар ҷумҳурӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссияи даъватии ҷумҳуриявӣ ва бо қарори раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо комиссияҳои даъватии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо таъсис дода мешаванд.

Тибқи қонун даъватшаванда уҳдадор аст бо даъвати комиссариати ҳарбӣ ба муоинаи тиббӣ, комиссияи даъватӣ ё барои фиристодан ба қисми ҳарбӣ бо мақсади адои хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнок ҳозир шавад ва дар комиссариати ҳарбӣ то сафарбар шудан ба маҳалли адои хизмати ҳарбӣ қарор гирад.

Даъватномаро ба шаҳрванд кормандони комиссариати ҳарбии ҷойи истиқомат, кор ё таҳсили шаҳрванд ба воситаи роҳбарон, шахсони масъули дигари корхона, муассиса ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият ва ташкилию ҳуқуқӣ, инчунин, шахсони мансабдоре, ки барои кори баҳисобгирии ҳарбии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот,

роҳбарони мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ (шурои маҳалла, кумитаи маҳалла, кумитаи манзил ва ба мисли инҳо) масъуланд, месупоранд. Дар даъватнома бояд оқибатҳои ҳуқуқии аз тарафи шаҳрванд иҷро нагардидани талаботи ба зиммаи ӯ гузошташуда дарҷ шаванд.

Мунтазам зиёд гардидани музди меҳнати хизматчиёни ҳарбӣ дар беҳтар шудани вазъи иҷтимоии онҳо ва иҷрои сифатноки уҳдадориҳои хизматӣ мусоидат мекунад.

Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани вазъи иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пайваста чораҳои зарурӣ меандешанд. Чунончи, тибқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2025, №962 аз 1 сентябри соли 2025 музди меҳнати амалкунандаи хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 20 фоиз зиёд карда шуд. Ҳамчунин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ироаи Паёми навбатӣ аз 16 декабри соли 2025 баланд бардоштани музди меҳнатии амалкунандаи хизматчиёни ҳарбиро таъкид намуда, супориш доданд, ки аз 1 сентябри соли 2026 ба андозаи 20 фоиз зиёд карда шавад.

Дар самти мусоидат дар ҳифзи ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон зимни амалӣ гардонидани фаъолият бо Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои ҷамъиятии дар ин самт фаъолиятбаранда ҳамкориҳои самаранокро ба роҳ мондааст. Ин ҳамкориҳо,

хусусан, дар гузаронидани мониторинги қисмҳои ҳарбӣ назаррасанд.

Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 2025 дар доираи гурӯҳи мониторингӣ вазъи риояи ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбии якчанд қисмҳои ҳарбиро дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ мавриди мониторинг қарор дод. Аз ҷумла, дар ин давра гурӯҳи мониторингии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҳайати кормандони Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва ТҶ «Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ» дар 4 қисми ҳарбии Вазорати мудофиа дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Ишкошими ВМКБ, шаҳри Конибодом ва ноҳияи Б. Ғафурови вилояти Суғд мониторинг гузарониданд.

Зимни мониторингҳо пеш аз ҳама шароити маишии хизматчиёни ҳарбӣ (ҳуҷраҳои хоб, хизматрасонии маишӣ, фароғат, ошхона, нуқтаи тиббӣ, ҳаммом ва ҷойҳои либосшӯйӣ) мавриди санҷиш қарор дода шуданд.

Ҳангоми гузаронидани мониторингҳо усулҳои пурсиши сарбозон ва афсарон, мушоҳида ва шиносшавӣ бо шароити ҳаррӯзаи будубоши онҳо истифода бурда шуданд. Гурӯҳи мониторингӣ бо 42 афсар ва 52 сарбоз аз рӯйи саволномаи махсус дар алоҳидагӣ суҳбат гузаронид. Дар суҳбатҳо, аз ҷумла масъалаҳои эҳтимолияти истифодаи зӯроварӣ ва таҳқир дар байни сарбозони қисмҳои ҳарбӣ, зӯроварӣ ва таҳқир аз ҷониби ҳайати афсарон, худсарона баромада рафтани сарбозон аз ҳудуди қисми ҳарбӣ, ҷалби сарбозон ба корҳои ба хизмати ҳарбӣ вобастанабуда мавриди пурсиш қарор дода шуданд. Аз суҳбатҳо

бармеоянд, ки роҳбарияти қисмҳои ҳарбӣ ҷиҳати роҳ надодан ба муносибатҳои ғайриоинномавӣ ва бартараф намудани камбудиҳо дар ин самт тадбирҳои зарурӣ меандешанд.

Мониторинги қисмҳои ҳарбӣ нишон дод, ки ҷойи хоби сарбозон ба талаботи меъёрҳои санитарию гигиенӣ ҷавобгӯй мебошад. Хизматчиёни ҳарбӣ бо сару либоси якхела таъмин буда, ҳуҷраҳои маишӣ ва фароғатӣ, ҷойҳои дастурӯйшӯйӣ, ҷомашӯйӣ бо воситаҳои зарурӣ муҷаҳҳаз шудаанд.

Зимни мониторинг муайян гардид, ки ҳарчанд дониши сарбозон оид ба донистани ҳуқуқҳояшон назар ба солҳои қаблӣ беҳтар шуда бошад ҳам, вале на ҳамаи хизматчиёни ҳарбӣ ҳуқуқҳои худро ба пуррагӣ медонанд. Яке аз сабабҳои беҳтар гардидани донишҳои ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ аз тарафи Вазорати мудофиа иҷро шудани тавсияҳои қаблан додашудаи гурӯҳи мониторингӣ маҳсуб мешаванд. Аз ҷумла, дар қисмҳои ҳарбӣ, дар ҷойҳои барои сарбозон дастрас гӯшаҳои иттилоотӣ бо нишон додани муқаррароти қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқи сарбозон, рақамҳои телефони боварии роҳбарияти Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи ҳарбӣ насб гардидаанд.

Шумораи сарбозони таҳсилоти олидошта, ки ба хизмати ҳарбӣ рафтаанд, сол то сол дар қисмҳои ҳарбӣ зиёд шуда, ин омил боиси баланд шудани сифати хизмати ҳарбӣ гардидааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сарбозон пас аз адои хизмати ҳарбӣ барои дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ, қабул ба хизмати давлатии шаҳрвандиву ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ имтиёзҳо муқаррар карда шудаанд. Аз ин лиҳоз, чунин имтиёзҳо хизмати

ҳарбиро барои шаҳрвандон ҷолиб гардонида, ба болоравии эътибори хизматчиёни ҳарбӣ мусоидат мекунад.

Ҷиҳати баланд бардоштани маърифатнокии хизматчиёни ҳарбӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва пешгирии ҷинояту ҳуқуқвайроникуниҳо дар байни онҳо дар қисмҳои ҳарбии мазкур дар мавзуъҳои «Ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ» «Пешгирии терроризм ва ифротгароӣ дар байни ҷавонон» ва «Муносибатҳои ғайриоинномавӣ дар қисмҳои ҳарбӣ» мизҳои мудаввар баргузор карда шуданд.

Бо мақсади омӯзиш ва табодули таҷриба корманди мақомот рӯзҳои 7-11 июли соли 2025 дар шаҳри Кишинёви Ҷумҳурии Молдова дар конфронси байналмилалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон ҳангоми низоҳои мусаллаҳона» иштирок намуда, оид ба фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар самти мусоидат ба риояи ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ маълумоти муфассал пешниҳод намуд.

Лозим ба ёдоварист, ки чун анъана мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи мониторингҳоро бо иштироки масъулини соҳа ва намояндагони сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ муаррифӣ менамояд. Дар ин робита, санаи 28 ноябри соли 2025 дар якҷоягӣ бо Ташкилоти ҷамъиятии «Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ» дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон бахшида ба Ҳафтаи ҳуқуқи инсон, ки ҳамасола дар арафаи Рӯзи ҳуқуқи инсон таҷлил мегардад, чунин чорабинӣ гузаронида шуд.

Дар рафти мизи мудаввар бештар ба масъалаҳои ҳуқуқҳои сарбозон дар давраи хизмат ва аз байн бурдани муносибатҳои ғайриоиномавӣ мубоҳисаҳо сурат гирифта, ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ тавсияҳо пешниҳод карда шуданд.

Аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва ТҶ «Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ» натиҷаи мониторингҳо дар шакли китобча зери номи «Риояи ҳуқуқи инсон дар қисмҳои ҳарбӣ» чоп ва ройгон тақсим карда шуд.

Яке аз самтҳои афзалиятноки мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ин баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вобаста ба ҳифзи ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ мебошад. Соли 2025 ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 3 муроҷиат оид ба мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ ва хизматчиёни ҳарбӣ ворид гардид.

Аз ҷумла, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Бошқирдистон дар муроҷиати худ дар хусуси дастрас намудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда оид ба хизмати ҳарбӣ дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи ИҶШС бо мақсади ҷамъбаст намудани собиқаи суғуртавии Ж.Р. мусоидат пурсид. Муроҷиат тибқи тааллуқдориаш ба Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ирсол гардид. Дар натиҷа, аз ҷониби Агентии мазкур нисбати шаҳрванд Ж.Р. маълумоти дахлдор ворид гардида, ба муроҷиаткунанда дастрас карда шуд.

Ҳамчунин, шаҳрванд Б.М. оид ба эҳтимолияти ғайриқонунӣ ҷалб намудани фарзандаш Б.А. ба хизмати ҳарбӣ аз ҷониби кормандони Комиссариати ҳарбии шаҳри Конибодоми вилояти Суғд, мурочиат намуда, мусоидат пурсидааст. Мурочиати мазкур тибқи тааллуқдорӣ ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардида, аз натиҷаи баррасӣ маълум шуд, ки айни ҳол сарбоз Б.А. барои ташхис ва қобили хизмат набудан дар госпитали шаҳри Бӯстони вилояти Суғд бистарӣ шудааст.

Дар ин давра, оид ба вайрон гардидани ҳуқуқҳои шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ ба Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мурочиатҳо ворид ва баррасӣ гардиданд.

Тибқи маълумоти Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои зикргардида 35 мурочиат ворид шуда, дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» мавриди санҷиш қарор гирифтаанд.

Ҷиҳати таъмини волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои хизматчиёни ҳарбӣ, пешгирии ҷиноятқорӣ, алалхусус, ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ дар ҳолати набудани тобеияти хизматӣ дар байни онҳо аз тарафи кормандони мақомоти прокуратураи ҳарбӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳ, қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбии дигар як қатор тадбирҳои мушаххас ва судманд андешида шуда истодааст.

Бо мақсади пешгирии чунин амалҳои номатлуб тибқи дастурамали Сарпрокурори ҳарбӣ аз 9 октябри соли 2023 «Дар

бораи пешгирӣ ва ошкор кардани ҳолатҳои вайронкунии қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ ва дигар ҳодисаҳои номатлуб дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» азназаргузаронии бадани сарбозон аз ҷониби командирони отделенияҳо ҳар рӯз як маротиба, командирони взводҳо дар як ҳафта ду маротиба, командирони рота ва баталёнҳо интихобан дар як моҳ як ё ду маротиба ба роҳ монда шуда, иҷроиши он зери назорат қарор дорад. Илова ба ин, дар тамоми қисмҳои ҳарбӣ телефонҳои боварӣ амал карда, қуттиҳои махсус гузошта шудааст, ки ҳар як хизматчии ҳарбӣ имконият дорад фикру андешаи худро дар бораи шароити хизмати ҳарбӣ, муносибати командирону ҳамхизматон бемамониат ба шахсони масъули мақомоти прокуратураи ҳарбӣ расонад. Роҳбарони вазорату идораҳои ҳарбӣ, навъи қӯшунҳо ва қисмҳои ҳарбӣ меъёрҳои қонун ва оинномаҳоро иҷро карда, дар самти пешгирии чунин ҳодисаҳо, дар умум, тадбирҳои зарурӣ андешида истодаанд. Мувофиқи супориши мазкур дар қисмҳои ҳарбӣ, аз ҷумла командирони отделения, взвод ва рота ба таври ҳатмӣ ҳар рӯз бадани хизматчиёни ҳарбиро аз назар гузаронида, аз натиҷаи он ба командири қисми ҳарбӣ гузориши хаттӣ пешниҳод мекунанд.

Дар мақомоти прокуратураи ҳарбӣ ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои оинномавии муносибатҳои байниҳамдигарии хизматчиёни ҳарбӣ нисбат ба соли 2024 - 4,9 % кам ба қайд гирифта шудааст. Вобаста ба амалӣ намудани талаботи қонунҳои амалкунанда, супоришҳои доимоамалкунандаи Прокурори

генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарпрокурори ҳарбӣ мунтазам вазъи ҷинояткорӣ ва сабабу шароитҳои ба он мусоидаткунандаро мавриди омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбаст қарор дода, баҳри коҳиш додани вазъи ҷинояткорӣ дар қисмҳои ҳарбӣ чораҳои дахлдор андешида мешавад. Масалан, дар натиҷаи чораҳои андешида бақайдгирии ҷиноятҳои худсарона тарк кардани маҳалли хизмат ва фирор нисбат ба соли 2024 - 23,8 % кам шудааст.

Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар оянда низ ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ ва шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ мусоидат менамояд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ ва шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***- бештар роҳандозӣ кардани чорабиниҳои ташвиқотӣ бо афсарону сарбозони қисмҳои ҳарбӣ ҷиҳати роҳ надодан ба муносибатҳои ғайриоинномавӣ;***

***- таъмини тафтишоти беғаразу одилонаи арзу шикоятҳо вобаста ба ҳолатҳои муносибатҳои ғайриоиномавӣ;***

***- таълими стандартҳои соҳаи ҳуқуқи инсон ба сарбозон ва афсарони Қувваҳои Мусаллаҳ;***

***- таъмин намудани тарбияи сифатноки ҳарбӣ-ватандӯстии наврасон ва ҷавонон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии касбӣ;***

***- фаъолгардонии ҳамкориҳои қисмҳои ҳарбӣ бо кумитаҳои волидайни хизматчиёни ҳарбӣ;***

***- гузаронидани мониторингҳои доимии вазъи риояи ҳуқуқи инсон ҳангоми даъват ва адои хизмати ҳарбӣ.***

## 1.3. Ҳуқуқ ба муроҷиат

Дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқ ба муроҷиат мавқеи махсусро касб намуда, ҳамчун воситаи асосии барқарор кардани ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии вайронгардида ба ҳисоб меравад. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқ ба муроҷиатро кафолат дода, вазорату идораҳоро мувуззаф намудаанд, ки барои барқарор кардан ва ё ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии вайронгардидаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ чораҳои дахлдор андешанд.

Ҳуқуқ ба муроҷиат заминаи устувори ҳуқуқӣ дошта, қабл аз ҳама аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ сарчашма мегирад. Чунончи, дар моддаи 31 Конститутсия муқаррар шудааст, ки шаҳрванд ҳуқуқ дорад шахсан ва ё якҷоя бо дигарон ба мақомоти давлатӣ муроҷиат намояд.

Яке аз санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳоро вобаста ба тартиби пешниҳод ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати қонунии онҳо ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳо, муассисаҳо, корхонаҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ирсол гардидаанд, танзим менамояд, ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» мебошад.

Қобили зикр аст, ки амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба муроҷиат мушкилот ва махсусиятҳои худро дорад. Бештари камбудиву мушкилоти кор бо муроҷиати шаҳрвандон ба сатҳи пасти маърифати ҳуқуқии муроҷиаткунандагон ва малакаи касбии кормандони дар ин самт фаъолияткунанда, дар сатҳи зарурӣ дар маҳалҳо роҳандозӣ нагардидани қабули сайёри шаҳрвандон, ба эътибор нагирифтани муқарраротӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти мазкур, истифода набурдани технологияи электронии муосир ҳангоми қабул, бақайдгирӣ, баҳисобгирӣ ва баррасии муроҷиатҳо вобастагӣ доранд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мусоидат ба баррасии саривақтии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба масъалаи қабули шаҳрвандон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуда, муроҷиаткунандагон аз тарафи роҳбарият ва кормандони мақомот дар асоси ҷадвали алоҳида қабул карда мешаванд.

Дар мақомот раванди қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси талаботи меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи самт роҳандозӣ гардида, санадҳои дохилиидоравӣ ва механизми қабул, бақайдгирӣ ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо қонунгузории миллӣ мутобиқ гардонида шудаанд.

Дар баробари қабул ва баррасии муроҷиатҳо дар Дастгоҳи марказӣ ва намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, ҳамчунин, ташкили қабули сайёри роҳбарияти мақомот дар маҳалҳо, санҷиши муроҷиатҳо дар ҷояш, санҷиши фаъолияти

мақомоти давлатӣ дар ин самт ва ҳамкорӣ бо субъектони дигар яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон маҳсуб меёбад.

Дар Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон соли 2025 17 муроҷиат (13-то хаттӣ ва 4-то шифоҳӣ) вобаста ба амалишавии ҳуқуқ ба муроҷиат ворид гардидаанд. Шаҳрвандон дар муроҷиатҳои худ бештар доир ба нагирифтани ҷавоб ба муроҷиат аз мақомоти дахлдори давлатӣ, изҳори норозигӣ нисбат ба амал (беамалӣ)-и шахсони мансабдор, қонеъ нашудан аз натиҷаи баррасии муроҷиат ва ғайраҳо шикоят намудаанд. Масалан, шаҳрванд Ҳ.А. ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон муроҷиат намуда, барои нагирифтани ҷавоб ба муроҷиат аз прокуратураи ноҳияи И.Сомонӣ шикоят кард. Муроҷиат аз рӯйи тобеият ба Прокуратураи генералӣ ирсол карда шуда, дар натиҷа, муайян гардид, ки бинобар такрорӣ будани муроҷиат мукотиба бо ӯ қатъ карда шудааст. Ҳамчунин, шаҳрванд М.Л. ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон муроҷиат карда, оид ба нусхабардорӣ намудани маводди дахлдор аз дохили парвандааш, мусоидат пурсид, ки дар натиҷа, хоҳиши ӯ иҷро карда шуд.

Бо мақсади мусоидат ба амалишавии ҳуқуқ ба муроҷиат соли 2025 аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон вазъи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ва «Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2017, № 276 тасдиқ шудааст, дар фаъолияти Вазорати

корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Сино ва И.Сомонии шаҳри Душанбе, шаҳри Гулистон ва ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд, ноҳияҳои Ёвон, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва Восеи вилояти Хатлон мавриди санҷиш қарор дода шуданд.

Натиҷаи санҷишҳо нишон дод, ки иҷрои меъёрҳои қонунгузории соҳа дар фаъолияти мақомоти зикршуда тибқи талаботи қонунгузорӣ ба роҳ монда шудааст. Дар даромадгоҳи бинои аксари мақомот ҷадвали рӯзҳои қабули шаҳрвандон аз ҷониби роҳбарият насб карда шудааст.

Ҳамчунин, дар баробари пешравиҳо ҳанӯз ҳам дар ин самт баъзе мушкилот ҷой доранд. Яке аз ин мушкилот ин мавҷуд набудани воҳиди алоҳидаи корӣ вобаста ба қабул ва бақайдгирии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки хоси ҳамаи мақомоти мавриди санҷиш қарордодашуда аст. Амалисозии ин фаъолият ба зиммаи кормандони сохторҳои умумӣ ва назорат вогузор шудааст, ки чунин ҳолат ба сатҳу сифати ҳалли муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бетаъсир намемонад.

Тавре маълум аст, қабули шаҳрвандон аз ҷониби роҳбарияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шакли дастаҷамъона ва бо иштироки шумораи зиёди муроҷиаткунандагон сурат мегирад, ки дар чунин ҳолат маҳрамияти мавзуи муроҷиат риоя карда намешавад. Ҳамчунин,

мавҷуд набудани ҳуҷраи алоҳида барои қабули шаҳрвандон ба назар мерасад.

Зимни санҷиши фаъолияти мақомоти зикргардида дар самти риояи ҳуқуқ ба муроҷиат як қатор камбудиҳо ошкор гардиданд. Чунончи, дар натиҷаи санҷиши мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ёвон ва Бобоҷон Ғафуров муайян гардид, ки дар берун ва ё дохили бинои мақомот ҷадвали қабули шаҳрвандон аз ҷониби роҳбарияти мақомот насб карда нашудааст. Масъулин ин омилро дар таъмир гардидани бинои мақомот асоснок карданд.

Ҳамчунин, зимни санҷиши фаъолияти Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ёвон муайян шуд, ки шаҳрвандон Н.С. оид ба гирифтани аробачаи маъюбӣ, Б.Ҳ. оид ба чопи китоб, А.Б. ва дигарон оид ба додани қитъаи замин, В.Н. ва Қ.Б. оид ба кумаки молиявӣ муроҷиат намуда, дар дафтари баҳисобгирии омории муроҷиатҳои хаттии шахсони воқеӣ оид ба натиҷаи баррасӣ ва санаи иҷро қайди дахлдор мавҷуд намебошад.

Аснои санҷиши фаъолияти Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров муайян гардид, ки дар мақомот дафтари баҳисобгирии омории муроҷиатҳои электронӣ вуҷуд надошт. Ҳол он ки мувофиқи Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳар як мақомот бояд дафтари баҳисобгирии омории муроҷиатҳои электронӣ мавҷуд бошад ва дар он муроҷиатҳои электронӣ ба қайд гирифта шаванд.

Камбудиҳои зикршуда зимни санҷиши фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Гулистон, ноҳияҳои Восеъ ва Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ низ муайян карда шуданд.

Чунончи, дар натиҷаи санҷиши фаъолияти Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Гулистон маълум гардид, ки аризаи шаҳрванд А.Н. дар хусуси ба қайди давлатӣ гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ аз 24.02.2025 ба мақомот ворид гардида, он тибқи тобеият ирсол карда шуд, аммо санаи иҷро дарҷ карда нашудааст. Ба ҳамин монанд муроҷиати шаҳрванд М.Н. оид ба вобаста намудан ва ба қайди давлатӣ гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ аз 13.03.2025 ба мақомот ворид шудааст, ки санаи иҷрои он номаълум боқӣ мондааст.

Зимни санҷиши фаъолияти Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ муайян карда шуд, ки шаҳрвандон О.А. аз 17.02.2025, Ҳ.Ҳ. аз 9.04.2025 оид ба ҷудо намудани замини наздиҳавлигӣ, Н.И. аз 5.03.2025 барои сохтмони бошишгоҳи саҳроӣ, Н.К. аз 1.05.2025 оид ба кумаки молиявӣ, Ш.Қ. аз 28.05.2025 дар хусуси ба мактаби махсус фиристодани фарзандаш муроҷиати намуда, дар дафтари баҳисобгирии омории муроҷиатҳои хаттии шахсони воқеӣ оид ба натиҷаи баррасӣ ва санаи иҷро қайди дахлдор вуҷуд надорад.

Аз таҳлили вазъи баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ дар Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Восеъ маълум гардид, ки дар баъзе аз муроҷиатҳо дар қисмати натиҷаи баррасӣ ва санаи иҷро натиҷаи баррасии онҳо дарҷ шуда,

аммо санаи иҷро дарҷ нагардидааст ва ё баръакс санаи иҷро қайд шуда, натиҷаи баррасӣ зикр нашудааст. Чунончи, шаҳрванд Х.Ф. аз 10.01.2025 оид ба гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва С.Ф. аз 21.01.2025 оид ба норасоии қувваи барқ муроҷиат намуда, дар дафтари баҳисобгирии омории муроҷиатҳои хаттии шахсони воқеӣ оид ба санаи иҷро қайди дахлдор мавҷуд намебошад. Ҳамзамон, шаҳрвандон З.Б. ва Н.Қ. аз 5.03.2025 дар алоҳидагӣ оид ба ташкили хоҷагии деҳқонӣ муроҷиат намуда, дар дафтари баҳисобгирии омории муроҷиатҳои хаттии шахсони воқеӣ оид ба натиҷаи баррасӣ қайди дахлдор вуҷуд надорад.

Аз натиҷаи санҷиш ба масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Гулистон, ноҳияҳои Ёвон, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Восеъ ва Бобоҷон Ғафуров оид ба ташкил ва пешбурди дафтарҳои баҳисобгирии оморӣ тибқи тартиби пешбининамудаи санадҳои дахлдор, андешидани тадбирҳо оид ба ҷудо намудани воҳиди алоҳидаи корӣ вобаста ба бақайдгирии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, тақвият додани бароmадҳо дар воситаҳои ахбори омма вобаста ба қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, дар сомонаи мақомот ҷой додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор дар самти қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ баррасӣ намудани муроҷиатҳо тавсияҳои дахлдор пешниҳод карда шуданд.

Қобили қайд аст, ки шахсони мансабдор ва шахсони ваколатдори мақомоту ташкилоти дахлдор, ки бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муроҷиатҳоро

моҳиятан баррасӣ менамоянд, вазифадоранд онҳоро сари вақт, пурра ва холисона баррасӣ намуда, дар муҳлатҳои муқарраршуда ба мурочиатҳо посух диҳанд. Дар ҳолати беэътиноӣ зоҳир намудан ва баррасӣ накардан ва ё сари вақт баррасӣ накардани мурочиатҳо бо тартиби муқарраррнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ муқаррар шудааст.

Тибқи маълумоти Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2025 аз ҷониби мақомоти прокуратура ҳамагӣ 55 парвандаи ҷиноятӣ вобаста ба вайрон кардани қонунҳо оид ба мурочиати шаҳрвандон оғоз карда шудаанд, ки аз он 54 парвандаи ҷиноятӣ бо фикри айбдоркунӣ ба суд ирсол карда шуда, 1 парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда шудааст.

Дар соли 2025 аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо моддаи 163 (вайрон кардани қонунҳо оид ба мурочиати шаҳрвандон)-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 35 парванда нисбат ба 35 нафар баррасӣ гардид, ки аз ин шумора 31 парванда нисбат ба 31 нафар бо баровардани ҳукмҳои айбдоркунанда анҷом ёфтааст.

Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни фаъолият дар ин самт, ҳамчунин, доир ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар масъалаҳои ҳуқуқ ба мурочиат, шарҳу тавзеҳи қонунгузории соҳа пайваста тадбирҳо меандешад.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи таъмини ҳуқуқи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба мурочиат тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***- риояи муқаррароти қонунгузорӣ ҳангоми қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;***

***- ташкили мунтазами қабули сайёри шаҳрвандон аз ҷониби роҳбарияти мақомоту идораҳо;***

***- андешидани тадбирҳо оид ба истифодаи технологияи электронии муосир ҳангоми қабул, бақайдгирӣ, баҳисобгирӣ ва баррасии муроҷиатҳо;***

***- тақвияти фаъолият ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии муроҷиаткунандагон ва малакаи касбии кормандони дар ин самт фаъолияткунанда.***

## 1.4. Ҳуқуқ ба ҳаёт ва бекор кардани ҷазои қатл

Ҳуқуқ ба ҳаёт ҳамчун ҳуқуқи бунёдӣ ва табиии инсон маҳсуб шуда, ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад нафареро аз он маҳрум созад. Зеро ҳуқуқ ба ҳаёт дар тамоми санадҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ва конститутсияҳои аксари мамлакатҳои ҷаҳон ҳамчун арзиши олӣ эътироф шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи эъмори ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоиро интихоб карда, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ ва дахлнопазир эътироф намудааст, ки дар миёни онҳо ҳуқуқ ба ҳаёт ҷойгоҳи махсус дорад. Чунин арзишҳои олии ҳуқуқи инсон дар Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд.

Лозим ба ёдоварист, ки Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва Протоколи иловагӣ ба он бо қатъномаи Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид аз 16-уми декабри соли 1966 қабул шуда, аз 23-юми марти соли 1976 эътибор пайдо кардаанд. Паймони байналмилалии зикршуда ва Протоколи иловагӣ ба он бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13-уми ноябри соли 1998 тасдиқ гардида, аз 4-уми апрели соли 1999 барои Тоҷикистон эътибор пайдо кардаанд.

Яке аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ба масъалаи аз байн бурдани ҷазои қатл бахшида шудааст, ин Протоколи дуюми иловагӣ ба Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ

ва сиёсӣ мебошад. Протоколи мазкур 15-уми декабри соли 1989 аз ҷониби Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид қабул гардида, аз 11-уми июли соли 1991 мавриди амал қарор дода шуд.

Мувофиқи моддаи 1 Протоколи зикршуда ҳар як давлати иштирокчии Протокол уҳдадор мешавад, ки ҷазои қатлро дар ҳудуди худ бекор намояд. Ҳеҷ як касе дар зери ҳокимияти давлати иштирокчӣ ба ин Протокол маҳкум ба ҷазои қатл карда намешавад.

Бо вуҷуди аз ҷониби давлатҳо ба тасвиб расонидани Протоколи зикршуда дар баъзе ҳолатҳо татбиқи ҷазои қатл боқӣ мемонад. Масалан, дар моддаи 2 Протоколи мазкур омадааст, ки ҳар як давлат метавонад ҳангоми имзо, тасдиқ ё ҳамроҳ шудан ба ин Протокол изҳор кунад, ки дар вақти ҷанг тибқи қонунгузории миллӣ метавонад ҷазои қатлро барои ҷиноятҳои хеле вазнини низомидошта татбиқ намояд. Ин тавзеҳот бояд дар вақти имзо ё тасдиқ ва ё ҳамроҳ шудан ба Протокол сурат гирад ва бояд ба Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид ирсол шавад.

Ҳарчанд Ҷумҳурии Тоҷикистон Протоколи дуюми иловагӣ ба Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсиро ба тасвиб нарасонида бошад ҳам, аммо сиёсати тадриҷан бекор кардани ҷазои қатлро амалӣ карда истодааст.

Қобили зикр аст, ки масоили ҳуқуқ ба ҳаёт дар меҳвари сиёсати инсондӯстонаи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Чунончи, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун ҳомии ҳуқуқу озодиҳои инсон

ва шаҳрванд ҳамеша дар суханрониҳо, хусусан, дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба арзиши олӣ эътироф шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва риояву ҳифзи онҳо аз ҷониби ҳар як шахс, мақомоти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи мамлакат таъкид менамоянд ва ҷиҳати фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ба ҳар як инсон тадбирҳои муассир меандешанд.

Масалан, Президенти мамлакат дар Паём ба Маҷлиси Олӣ 30-юми апрели соли 2004 бо назардошти арзиши олӣ ва дахлнопазир будани ҳуқуқу озодиҳои инсон зарур шумориданд, ки ба татбиқи ҷазои қатл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мораторий эълон карда шавад ва дастур доданд, ки бо мақсади таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор гурӯҳи корӣ таъсис ёбад ва дар мухлати кӯтоҳтарин санадҳои зарурӣ омода гарданд.

Дар натиҷа, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боздоштани татбиқи ҷазои қатл» аз тарафи парламенти кишвар қабулу ҷонибдорӣ гардида, 15-уми июли соли 2004 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид. Ҳамчунин, дар моддаи 232 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардид, ки ҳаёти инсон аз лаҳзаи обистан шудан дар батни модар то марги ӯ ҳифз карда мешавад.

Мусаллам аст, ки ҳаёти инсон гавҳари ноёб ва бузургтарин неъмат ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боздоштани татбиқи ҷазои қатл» ва такмили қонунгузорӣ дар ин ҷода яке аз дастовардҳои муҳимми давлату Ҳукумати мамлакат дар самти ҳифзи ҳуқуқи инсон

маҳсуб мешавад, зеро қабули қонуни зикршуда татбиқ кардани ҷазои қатлро дар мамлакат боз дошт ва боис бар он гардид, ки ҷони ҳазорон нафар ҳифз шуда, онҳо имкони идомаи ҳаёту зиндагиро пайдо намуданд. Аз ҷониби давлат татбиқ накардани ҷазои қатл нишонаи возеҳи воқеан ҷомеаи башардӯст ва иҷтимоӣ мебошад.

Дар доираи иҷрои ухдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияи Шурои ҳуқуқи инсони Созмони Милали Муттаҳидро оид ба омӯзиши масъалаи ҳамроҳшавӣ ба Протоколи дуюми иловагӣ ба Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ қабул намудааст. Дар ин робита, дар Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳои давлатҳои аъзои Шурои ҳуқуқи инсони Созмони Милали Муттаҳид тибқи расмиёти Шарҳи универсалии даврӣ (даври сеюм) барои солҳои 2023-2026, ки бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми апрели соли 2023 тасдиқ шудааст, аз ҷумла омӯзиш ва таҳлили масъалаи хориҷ кардани ҷазои қатл аз қонунгузории ҷиноятӣ ва имкони батасвибрасонии Протоколи дуюми иловагӣ ба Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ пешибинӣ гардидааст.

Яке аз дастовардҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон – бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми августи соли 2023 қабул гардидани Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038 ва нақшаи амали солҳои 2023-2025 ба он мебошад. Стратегияи мазкур ҳадафҳои дарозмуддат ва вазифаҳо

дар самти ҳуқуқи инсонро муайян намуда, масъалаи таҳияи сиёсати пешрафта ва ягонаи байнисоҳавиро пешбинӣ мекунад, ки ба мустаҳкам намудани ҳимоя ва пешбурди ҳуқуқи инсон дар кишвар равона гардидааст.

Дар Нақшаи амали солҳои 2023-2025 ба Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038 масъалаҳои марбут ба хориҷ кардани ҷазои қатл ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ аз Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омӯзиши ба тасвиб расонидани Протоколи дуюми иловагӣ ба Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ махсус таъкид шудаанд.

Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2025 вобаста ба мавқеи мақомот оид ба масъалаи ҳукуми қатл дар Тоҷикистон ба Прокуратураи генаралии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 11 августи соли 2025, таҳти №340-02/3) ва Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 10 сентябри соли 2025, таҳти №372-02/3) маълумоти дахлдор пешниҳод намуда, ба тасвиб расонидани Протоколи дуюми иловагӣ ба Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсиро мувофиқи мақсад ҳисобид.

Ҳамчунин, санаи 10 сентябри соли 2025 корманди мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи кории Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷиҳати бозбинӣ намудани лоиҳаи «Эъломияи муштараки вазирони корҳои хориҷӣ оид ба эълон намудани кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва Муғулистон

аввалин минтақаи расмии бидуни ҷазои қатл дар ҷаҳон» бахшида шуда буд, иштирок намуда, мавқеи мақомотро оид ба масъалаи матраҳшаванда иброз дошт.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар миқёси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аксари давлатҳо аз Кодекси ҷиноятӣ ва санадҳои қонунгузории дигар ҷазои қатлро хориҷ карда, Протоколи дуюми иловагӣ ба Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсиро ба тасвиб расонидаанд. То кунун Протоколи зикршударо ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Озорбойҷон, Туркманистон ва Ӯзбекистон ба тасвиб расонида, ҷазои қатлро аз қонунгузории дахлдор хориҷ кардаанд.

Дар Федератсия Россия чун Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷазои қатл ва иҷрои он мораторий эълон гардидааст ва дар Ҷумҳурии Арманистон бошад татбиқи ҷазои қатл пурра манъ карда шудааст. Ягона кишвар дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки дар он ҷазои қатл татбиқ карда мешавад, ин Ҷумҳурии Белорусия мебошад.

Бояд хотирнишон сохт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли беш аз ду даҳсола аст, ки бо ташаббусҳои сатҳи ҷаҳонии худ дар арсаи байналмилалӣ шинохта шуда, эътибору нуфуз ва эҳтиромаш афзун гардидааст. Зеро ташаббусҳои байналмилалии ҷониби Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои обу иқлим, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ  ва масоили дигар, дар умум, барои ҳифзи ҳуқуқи инсон нигаронида шудаанд.

Бинобар ин, аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расондани Протоколи дуюми иловагӣ ба Паймони байналмилалӣ

оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, ба вижа хориҷ намудани ҷазои қатл аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор зарур буда, ба ин васила тавсияҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон иҷро мегарданд ва ҷиҳати боз ҳам афзудани обруву эътибори Тоҷикистон ҳамчун кишвари пешоҳанг ва ташаббускори наҷоти башарият дар арсаи байналмилалӣ, алалхусус, дар байни давлатҳои аъзои Шурои ҳуқуқи инсони Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои он, инчунин, созмонҳои дигари байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат дар ҳимояи ҳуқуқи инсон ба ҳаёт ва бекор кардани ҷазои қатлро ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти худ арзёбӣ менамояд.

**Бо назардошти арзиши олӣ доштани ҳуқуқ ба ҳаёт, сиёсати инсондӯстонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зарурати такмили минбаъдаи қонунгузории миллӣ мутобиқ ба меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***– дар Нақшаи амали солҳои 2026–2028 ба Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038 пешбинӣ намудани масъалаи хориҷ намудани ҷазои қатл аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ҳамчун самти афзалиятнок;***

***– идома додани омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи асосҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва байналмилалии ба тасвиб расонидани***

***Протоколи дуюми иловагӣ ба Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ;***

***– баргузор намудани чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ дар сатҳи миллӣ бо иштироки намояндагони мақомоти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқ ба ҳаёт ва аҳаммияти бекор кардани ҷазои қатл.***

## 1.5. Ҳуқуқҳои маъюбон

Дар сиёсати иҷтимоии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, хусусан, пиронсолон ва маъюбон, ки ба кумак муҳтоҷанд, яке аз самти афзалиятнок ба ҳисоб рафта, ҳамеша зери таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Маъюбон аъзои комилҳуқуқи ҷомеа буда, таъмин намудани иштироки фаъоли онҳо дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ вазифаи давлат ва ҷомеа мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибат нисбат ба маъюбон дар асоси принсипҳои қонуният, риояи ҳуқуқи инсон, баробарҳуқуқӣ, манъи табъиз, таъмини дастрасӣ, тавонбахшӣ ва ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои маъюбон амалӣ карда мешавад.

Ҳукумати мамлакат пайваста ҷиҳати тақвият бахшидани ҳуқуқҳои маъюбон, тағйир додани муносибат нисбати онҳо ва бартарафсозии мушкилоти онҳо тадбирҳои судманд меандешад.

Ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар асоси қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофгардидаи кишвар дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад.

Маъюбон дар ҷумҳурӣ аз тамоми ҳуқуқҳо бархӯрдор буда, ҳуқуқу манфиатҳояшонро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон” ва дигар санадҳои меъёрии

ҳуқуқӣ ба танзим медарорад. Барои онҳо вобаста ба гурӯҳи маъюбӣ имтиёзҳои гуногун, ҷубронпулӣ ва дигар кафолатҳои давлатӣ, аз қабили пурра ё қисман озод будан аз пардохти коммуналӣ, телефон ва нақлиёти ҷамъиятӣ, пардохти андози нақлиёти автомобилӣ ва замин озод будани баъзе категорияҳои маъюбон, расонидани ёрии ройгони дахлдори тиббӣ дар муассисаҳои тиббии давлатӣ пешбинӣ гардидааст. Ҳамчунин, ба ҷавонони маъюб низ барои дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ имтиёзҳо муқаррар шудаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 марти соли 2018 Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбонро ба имзо расонида, ҷиҳати ҳамроҳшавӣ ба он як қатор корҳоро, аз қабили таъмини дастрасии маъюбон ба инфрасохтор, нақлиёт, иттилоот, мусоид намудани роҳравҳо, биноҳои истиқоматӣ ва дигар чорабиниҳоро анҷом додааст.

Қонунгузории амалкунанда дар самти ҳуқуқи маъюбон пайваста такмил дода шуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав қабул мегардад, ки чунин раванд барои муҳайё сохтан ва таъмин намудани шароити зарурӣ ҷиҳати иштироки баробари маъюбон дар ҳаёти ҷамъиятӣ, тавонбахшӣ ва пешгирӣ кардани маъюбшавии аҳолӣ мусоидат менамоянд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маъюбон бештар ба риоя нашудани ҳуқуқҳояшон ва табъиз шудан дар вақти ба кор даромадан, дар муассисаҳои таълимӣ, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва монанди инҳо рӯ ба рӯ мешаванд.

Тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунанда маъюбон бо нафақа ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ аз ҷониби давлат таъмин карда мешаванд.

Нафақаи маъюбӣ аз рӯйи гурӯҳи маъюбӣ таъин карда мешавад. Шахсоне, ки гурӯҳи якуми маъюбӣ доранд, имконияти бо кор фаро гирифтани онҳо камтар мебошад. Вале маъюбони гурӯҳҳои дуюм ва сеюм дар сурати ба тавонбахшӣ фаро гирифта шудан метавонанд ба фаъолияти муносиб машғул шаванд.

Фаъолият дар самти хизматрасонии тиббӣ ба маъюбон ва риояи ҳуқуқи онҳо ҷиҳати дастрасӣ ба таъминоти иҷтимоӣ тибқи Консепсияи рушди низоми хизматрасонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ба роҳ монда шудааст.

Тибқи маълумоти омории Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи маъюбон дар ҷумҳурӣ ба 172538 нафар расидааст, ки аз ин шумора гурӯҳи I - 18422 нафар (занҳо 7368, мардҳо 11054), гурӯҳи II- 85 221 нафар (занҳо 34 173, мардҳо 51 048), гурӯҳи III - 33 514 нафар (занҳо 13 439, мардҳо 20 075) ва кӯдакони синни то 18 сола – 35 381 нафарро ташкил менамоянд, ки 14152 нафарашон духтарон ва 21229 нафарашон писарон мебошанд. Аз муоинаи такрорӣ бошад, 14 187 нафар гузаштаанд. Дар соли 2025 - 13684 нафар шахсони маъюб бори нахуст расман ба қайд гирифта шуда, 8254 нафар аз

маъюбӣ бароварда шудааст, ки аз ин шумора 3628 нафари онҳоро ҳолатҳои фавти маъюбон ташкил менамояд. Ба мақсад мувофиқ аст, ки минбаъд аз ташхиси такрорӣ танҳо маъюбони гурӯҳи III гузаронида шаванд, зеро маъюбони гурӯҳҳои I ва II дар бисёр маврид табобатнашавандаанд. Чунки дар ҳолати гузаштан аз ташхиси такрорӣ ин гурӯҳи маъюбон метавонанд ба як қатор мушкилиҳо рӯ ба рӯ шаванд.

Ҷиҳати хизматрасонӣ ба маъюбон соли 2025 ба миқдори 5145 адад воситаҳои техникии тавонбахшӣ дастрас гардонида шудааст. Оид ба фарогирии маъюбон ба табобат ва истироҳат дар истироҳатгоҳҳои низоми Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар муассисаҳои Агентии давлатии иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 4 муассисаи истироҳатию табобатӣ тариқи реҷаи мавсимӣ (аз моҳи май то моҳи октябр) ҳамасола фаъолият менамоянд.

Вазорат дар самти тайёр намудани кадрҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ фаъолияташро тақвият бахшида, дар Муассисаи давлатии «Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар соли 2025-455 нафар кормандони муассисаҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла 365 нафарро ба курсҳои такмили ихтисос ҷалб намуда, 90 нафар тариқи семинарҳои омӯзишӣ ба бозомӯзӣ фаро гирифта шуданд.

Дар Шуъбаи таҷрибавии хизматрасонии иҷтимоии Донишкада соли сипаригашта 212 нафар кӯдакони имконияташон маҳдуд ба тавонбахшӣ фаро гирифта шудаанд. Қобили зикр аст,

ки аз давраи солҳои аввали соҳибистиқлолӣ теъдоди муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ тадриҷан афзуда, айни ҳол теъдоди онҳо ба 124 адад расидааст.

Таъминоти соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон бо мутахассисони забони имову ишора ва ҳуруфоти Брайлӣ сол то сол беҳтару хубтар гардида, дар соли 2025 68 нафар мурочиаткунандагон ба лавҳаҳои ҳуруфоти Брайлӣ таъмин гардидаанд.

Маблағгузориҳои давлатӣ дар самти ёрӣ ва дастрасии маъюбон бо таҷҳизотҳо ва воситаҳои протезию ортопедӣ ҳамасола зиёд гардида, дар соли 2025 ба онҳо ба миқдори 10 233 адад воситаҳои протезию ортопедӣ дастрас гардонида шудааст.

Тибқи  Барномаи амали мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон  барои соли 2025 рӯзҳои 23 ва 24 ноябри  соли 2025 бо мақсади таъмини ҳуқуқи маъюбон ба муҳити дастрас фаъолияти ширкатҳои сохтмонӣ дар самти бунёди манзилҳои истиқоматӣ ва иншооти иҷтимоӣ дар шаҳри Турсунзода санҷида шуд.

Дар рафти санҷиш бо масъулони сохторҳои дахлдори шаҳр, вазъи дастрасии маъюбон ба иншооту биноҳои истиқоматии баландошёна, биноҳои шуъбаи Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, филиали «Амонатбонк», нозироти андоз, шуъбаи маориф,  МТМУ № 2 ва 8, биноҳои кохи фарҳанг, бахши муҳити зист, истгоҳҳои нақлиётӣ, роҳҳои пиёдагард, муассисаҳои тандурустӣ ва нуқтаҳои тиҷоратии хусусӣ мавриди арзёбӣ қарор дода шуданд.

Бояд қайд намуд, ки бо назардошти пешравиҳои муайян ҳоло низ баъзе камбудиҳо ҷой доранд. Дар шаҳри Турсунзода маъюбон аз сабаби дар ҳолати ногувор қарор доштани роҳравҳо, дар баландӣ қарор доштани истгоҳҳои нақлиётӣ, набудани гузаргоҳҳои махсус барои аробачаҳои маъюбӣ (пандусҳо), дастнорас будани дастгоҳҳои тариқи корт гирифтани маблағ, набудани чароғакҳои махсус ва дигар норасоиҳо азият мекашанд.

Ҳамзамон, зимни шиносоӣ ба вазъи дастрасии маъюбон дар бинои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода бо як гурӯҳ маъюбон вохӯрӣ гузаронида шуд. Зимни вохӯрӣ шахсони маъюб ва роҳбари Ташкилоти ҷамъиятии маъюбони шаҳри Турсунзода нисбати ғамхориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миннатдории самимона баён намуданд.

Дар рафти вохӯрӣ онҳо ҷиҳати дастрасии муносиб барои гирифтани манзили истиқоматӣ, замини наздиҳавлигӣ, таъмин намудан ба ҷойи кори муносиб, боз ҳам хубтар ба роҳ мондани шароит барои ташхис ва табобат дар муасиссаҳои тандурустии шаҳр, эҳтиёҷ доштан барои расонидани кумаки моддӣ аз сабаби баланд гардидани нарху наво дар бозорҳо, таъмини таҷҳизот ва воситаҳои лозимӣ барои ҳаракат кардан дар роҳҳо ва ғайра дархост намуданд. Дар натиҷа, муайян гардид, ки аз ҷониби Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода дар доираи имкониятҳои мавҷуда ба онҳо кумак расонида мешавад. Аммо бо сабаби зиёд шудани шумораи

шахсони маъюб, ба бемориҳои музмин (дарозмуддат) гирифтор будани маъюбон, баландшавии нарху навои ғизову маҳсулоти ниёзи мардум ва дигар омилҳо онҳо ба кумаки бештар эҳтиёҷ доранд.

Вобаста ба ин роҳбарияти Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода ва масъулини соҳаро лозим аст, минбаъд ҷиҳати дастрасии шахсони маъюб дар доираи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда доир ба таъмини онҳо ба манзили дастраси муносиб, расонидани кумаки ройгони тиббӣ ва дарёфт намудани манъбаҳои иловагӣ дар ҳамбастагӣ бо шахсони хайрхоҳ барои расонидани кумак ба маъюбон чораҳои иловагӣ андешанд.

Зимни санҷиш маълум гардид, ки дар шаҳри Турсунзода як қатор корҳои зарурӣ, аз қабили таъмин намудани маъюбон ба табобати санаторию курортӣ, аз муоинаи тиббӣ гузаронидани пиронсолон ва маъюбони хона-интернати шаҳрӣ, таъмини таҷҳизот ва воситаҳои ҳаракаткунанда ба маъюбон, таҳсил ва касбомӯзии кӯдакони маъюб ва маъюбони калонсол, баргузории чорабиниҳои фарҳангию маърифатӣ бо иштироки шахсони маъюб ва ғайраро ба анҷом расонидаанд. Ҳамзамон, маълум шуд, ки дар як қатор биноҳои ҳудуди шаҳр барои дастрасии маъюбон шароит муҳайё шуда бошад ҳам, аммо дар аксарияти чунин биноҳо талаботи дастрасии маъюбон ба шароити муносиб ба таври лозимӣ ба инобат гирифта нашудааст.

Бо назардошти ин, тавсия дода шуд, ки ҷиҳати бартарафсозии мушкилиҳои маъюбон минбаъд роҳбарияти

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода ва сохторҳои дахлдори онро зарур аст, ки доир ба сохтани роҳравҳои махсус барои маъюбон (пандусҳо) дар паҳлуи зинаҳои даромадгоҳои биноҳо, таъмин намудани ҳуҷраи махсуси қабули шахсони пиронсол ва маъюбон дар ошёнаи якуми биноҳои мавриди ниёзи онҳо, насби ишораҳои махсуси ламсӣ дар роҳравҳо ва долонҳои биноҳо барои маъюбони биноияшон нуқсондор, шинондани воситаҳои зидди лағшиш дар зинаҳои даромадгоҳҳои биноҳо дар фасли зимистон, таъмини роҳравҳо ва гузаргоҳҳои пиёдагард аз роҳҳои нақлиётӣ бо рангҳои махсус ва насби чароғакҳои садобарор чораҳои зарурӣ андешанд.

Дар сурати иҷро нагардидани чунин талаботҳо аз ҷониби масъулони сохтмон ва ширкатҳои роҳсозию сохтмонӣ, комиссияи қабули биноҳову роҳҳо дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, қабули биноҳо ва роҳҳои таъмиргардидаву сохташударо, то ислоҳ намудани камбудию норасоиҳои ҷойдошта мавқуф гузоранд.

Тибқи банди 178 Барномаи амали мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои 23 ва 24 ноябри соли 2025 вобаста ба масъалаҳои зикргардида дар шаҳри Ҳисор низ санҷиш гузаронида шуд.

Зимни санҷиш вазъи дастрасии маъюбон ба иншооту биноҳои истиқоматии баландошёна, биноҳои шуъбаи Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, филиали «Амонатбонк», нозироти андоз, шуъбаи маориф, биноҳои кохи фарҳанг, бахши муҳити зист, истгоҳҳои нақлиётӣ, роҳҳои пиёдагард, муассисаҳои

тандурустӣ ва нуқтаҳои тиҷоратии хусусӣ мавриди арзёбӣ қарор дода шуданд.

Лозим ба ёдоварист, ки мушкилиҳои дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои маъюбон дар шаҳри Ҳисор ҷойдошта ба ҳолатҳои дар шаҳри Турсунзода ошкоршуда монанданд.

Ҳамчунин, дар доираи сафари мазкур вобаста ба мушкилиҳои ҷойдошта, дастрасии маъюбон ба ёрии иҷтимоӣ ва риояи ҳуқуқи онҳо, дар бинои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор бо як гурӯҳ шахсони маъюбиятдошта, дар ҳузури кормандони масъули соҳа вохӯрӣ доир карда шуд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки баъди ба имзо расонидани Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2020, №116 Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва амалисозии Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон барои давраи то соли 2024 тасдиқ шуд, ки то анҷоми муҳлати нақшаи мазкур аз натиҷаи иҷрои бандҳои он масъулини соҳа дар шаҳру ноҳияҳои кишвар ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти масъули соҳа Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ маълумот пешниҳод намудаанд.

Тибқи нақшаи мазкур бояд то охири соли 2024 Конвенсия дар бораи ҳуқуқи маъюбон аз ҷониби Тоҷикистон ба тасвиб расонида мешуд. Азбаски барои қабули он як қатор корҳо, аз ҷумла таъмини дастрасии маъюбон ба инфрасохтор, нақлиёт, роҳравҳо, иттилооти дастрас доир ба риояи ҳуқуқи маъюбон, ба

талабот ҷавобгӯй набудани биноҳои истиқоматӣ ва дигар корҳо дар шаҳру ноҳияҳои кишвар ба пуррагӣ ба анҷом расонида нашуда буд, корҳои амалӣ баҳри иҷрои бандҳои мазкур дар соли 2025 давом дода шудаанд. Ҳамин тариқ, бо иҷро гардидани бандҳо ва талаботҳои батаъхиргузошташудаи Нақшаи миллии амалҳо, имконияти дар оянда қабул кардани Конвенсия дар назар дошта шудааст.

Роҷеъ ба ин қайд намудан лозим аст, ки аз ҷониби Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Меъёру қоидаҳои шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дастрасии биноҳо ва иншоот барои гурӯҳҳои камҳаракати аҳолӣ» тибқи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул гардидааст. Аз ин лиҳоз, барои лоиҳасозӣ, сохтмони иншоот ва биноҳои нав, таҷдиди иншоот ва биноҳои истифодашаванда бо мақсади ташкил кардани муҳити зисти мукаммал бо назардошти фароҳамсозии шароит барои маъюбон ва дигар гурӯҳҳои камҳаракати аҳолӣ, тавсияҳои муқаррароти  кодекси мазкур ҳатмӣ арзёбӣ карда шудааст.

Натиҷаи санҷиш нишон дод, ки дар як қатор биноҳои ҳудуди шаҳр барои дастрасии маъюбон шароит муҳайё шуда бошад ҳам, аммо дар аксарияти чунин биноҳо талаботи дастрасии маъюбон ба таври лозимӣ ба инобат гирифта нашудааст. Бинобар ин, дар ҷараёни санҷиш ба роҳбарони сохторҳо, ташкилоту идораҳои дахлдори ҳудуди шаҳри Ҳисор ҷиҳати ислоҳ ва бартараф намудани камбудию норасоиҳои ҷойдошта тавсияҳои зарурӣ дода шуд.

Ҳамчунин, соли 2025 санҷиш ва таҳлили масъалаҳои амалишавии тавсияҳои Кумитаи дахлдори СММ дар муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб ва ноҳияҳои Панҷ, Ҷайҳун ва Восеи вилояти Хатлон гузаронида шуд.

Зимни санҷиш маълум гардид, ки дар шаҳри Бохтар 2594 нафар маъюбон ба қайд гирифта шуда, аз ин шумора кӯдакон 546 (21,1%) ва калонсолон 2047 (78,9%) нафарро ташкил медиҳанд. Аз ин шумора 2 нафар маъюби иштирокчии ҶБВ, 24 нафар маъюби воқеаҳои Афғонистон, 9 нафар иштирокчии садамаи Чернобел ва 53 нафар маъюби амалиёти ҳарбӣ мебошанд.

Аз шумораи маъюбони калонсол ба гурӯҳи I 244 (128 мард, 116 зан), ба гурӯҳи II 1367 (690 мард, 677 зан), ба гурӯҳи III 436 (124 мард, 112 зан) дохил мешаванд.

Дар соли 2025 ба шуъбаи вилоятии Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ дар шаҳри Бохтар ҳамагӣ 334 (соли 2024-340) нафар барои муайян кардани маъюбӣ равон карда шудаанд.

Дар Маркази саломатии шаҳри Бохтар маркази тавонбахшӣ барои маъюбон фаъолият дорад, ки дар он табибони равоншинос, асабшинос, табиби атфол ва логопед фаъолият менамоянд. Дар маркази мазкур дар давоми соли 2025 ба 111 беморони оқибати осеби косахона ва мағзи сар бо нимфалаҷи дастон аз шаҳри Бохтар ва шаҳру ноҳияҳои атрофи шаҳр, 197 нафар бо лакнати забон, 57 нафар бо ташхиси аутизм, 161 нафар бо қафомонии

ақлонӣ ва зеҳнӣ, 9 нафар бо синдроми Дауна хизматрасонии ташхисию табобатӣ расонида шудааст.

Муайян карда шуд, ки дар ҳудуди шаҳр Маркази хизматрасонии иҷтимоӣ дар ҷойи зисти маъюбону пиронсолон фаъолият менамояд, ки ба 292 маъюбон хизмати маишӣ, тиббӣ ва равонӣ расонида мешавад. Аз шумораи умумии онҳо 189 нафар зан, 103 нафар мард ва 41 нафар кӯдакон ҳастанд. Аз инҳо бо никоҳи хешутабори 13 нафар, модарзодӣ 49 нафар, аз садамаи нақлиётӣ 5 нафар ва дигар намуд бемориҳову нуқсонҳо 9 нафарро ташкил медиҳанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар миқёси шаҳру ноҳияҳои кишвар шумораи маъюбон тамоюли зиёдшавӣ дорад. Новобаста аз  хизматрасонии тиббӣ дар самти ташхис ва табобати беморон ва тавонбахшии онҳо, ҳанӯз ҳам баъзе омилҳое ҷой доранд, ки сабаби пайдо гардидани бемориҳои музмин (дарозмуддат), нуқсонҳои маъюбӣ ва гум кардани қобилияти меҳнатии шахсони бемор мегардад. Пеш аз ҳама ин сари вақт муроҷиат накардани волидайни кӯдакон ба муассисаҳои тиббии тахассусӣ, надоштани имконияти хариди дорувории гарон ва босифат, нарасидани табибони ботаҷриба дар муассисаҳои тиббии дурдаст, сари вақт нарасонидани ёрии таъҷилии тахассусӣ ба шахсони ба садама дучоршуда дар беморхонаҳо ва дигар омилҳое ҳастанд, ки боиси зиёд шудани шумораи маъюбон мегарданд.

Тавре қайд гардид, қонунгузории амалкунанда дар самти ҳуқуқи маъюбон пайваста такмил дода шуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав қабул мегарданд, ки чунин раванд барои муҳайё

сохтан ва таъмин намудани шароити зарурӣ ҷиҳати иштироки баробари маъюбон дар ҳаёти ҷамъиятӣ, таъмини онҳо бо манзили муносиб, тавонбахшӣ ва пешгирӣ кардани маъюбшавии аҳолӣ мусоидат менамоянд.

Аз мурочиатҳои хаттӣ ва шифоҳии шаҳрвандон маълум гардид, ки дастрасии онҳо бо манзили муносиб дар рафти бартарафсозии манзилҳои истиқоматиашон ба инобат гирифта намешавад. Вобаста ба ин масъала соли 2025 ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон шаҳрванд А.Д. сокини шаҳри Душанбе, маъюби гурӯҳи I мурочиат карда, изҳор намуд, ки ҳуқуқҳояш барои гирифтани манзили муносиб аз ҷониби роҳбарияти ҶДММ «Ҷовид» поймол гардида истодаанд.

Аризаи шаҳрванд дар идораи кории ҶДММ «Ҷовид» мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Муайян гардид, ки ширкати мазкур барои ба имзо расонидани шартнома ба соҳибмулк А.Д., ки манзили истиқоматиаш 82,9 м.м.-ро ташкил медиҳад, ба ивази он дар ошёнаҳои 11 ва 12 хона пешниҳод намуда ва барои 12 метри мурабаъ зиёд будани хонаҳои пешниҳодшуда аз шаҳрванд маблағи иловагӣ талаб намудааст. Ҳамчунин, барои пардохти иҷораи моҳона то ба анҷом расидани сохтмони бинои нав ба шаҳрванд 4000 сомонӣ муқаррар кардааст.

Баъд аз суҳбат ва корҳои фаҳмондадиҳӣ дархости соҳибмулк ҳамчун маъюби гурӯҳи I ба инобат гирифта шуда, ба ӯ се манзили якҳуҷрагӣ бо масоҳати умумии 120,45 м.м. дар ошёнаҳои 6-ум, 7-ум ва 12-ум пешниҳод карда шуд. Ҳамчунин, андозаи маблағи иҷора аз 4 ҳазор ба 4,5 ҳазор сомонӣ зиёд карда

шуд. Дар натиҷа, мурочиати А.Д. ҳалли мусбии худро ёфта, номбурда ҷиҳати мусоидат ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон миннатдорӣ баён намуд.

Бояд қайд намуд, яке аз масъалаҳои ҳалталаби дигар ин ба хизмати давлатӣ қабул нагардидани нафақагирони маъюб мебошад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад, ки шаҳрвандон ба хизмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд.

Вале меъёри Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ба Конститутсия мухолифат намуда, тибқи сархати чоруми моддаи 16 қонуни мазкур нафақагири Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ягон давлати хориҷӣ будан барои ба хизмати давлатӣ қабул накардани шаҳрванд асос мешавад. Ин ҳолат шахсони маъюбро дар ҳолати ногувор қарор дода, зарурияти такмили қонунгузориро тақозо менамояд.

Мувофиқи талаботи қонунгузории мамлакат, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» ва Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолатҳои таъмини шуғли маъюбон, имтиёзҳои иловагӣ ва дигар кафолатҳоро дар муносибатҳои меҳнатии онҳо пешбинӣ менамоянд.

Таҳлилу санҷишҳои вазъи риояи ҳуқуқҳои маъюбон дар шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб, ноҳияҳои Ҷайҳун, Панҷ ва Восеи вилояти Хатлон мавҷудияти чунин мушкилотро нишон дод, ки то ҳол масъалаи ба кор қабул намудани маъюбон дар ташкилоту муассисаҳо ба дараҷаи кофӣ ҳалли худро наёфтааст. Аз

маълумотҳои мавҷудбуда бармеояд, ки дар шаҳру ноҳияҳои мазкур танҳо 3% маъюбони гурӯҳҳои II ва III ба ҷойи кор таъмин ҳастанд, ки ин нокифоя аст. Албатта масъулини соҳаро зарур аст, ки дар самти дарёфти ҷойҳои кории муносиб барои маъюбон чораҳои заруриӣ андешанд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқҳои маъюбон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***- роҳандозӣ намудани назорати ҷиддӣ дар самти риояи ҳуқуқҳои маъюбон ба ташхису табобат, дастрасӣ бо доруворӣ дар муассисаҳои тиббии кишвар;***

***- пурзӯр намудани назорати талаботи Меъёру қоидаҳои шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тадриҷан таҷҳизонидани биноҳои истиқоматӣ, нақлиёти ҷамъиятӣ, гузаргоҳҳои пиёдагард ва зеризаминӣ вобаста ба эҳтиёҷоти маъюбон;***

***- андешидани тадбирҳо ҷиҳати таъмини шуғли маъюбон дар ташкилоту идораҳои давлатӣ ва мониторинги ин раванд;***

***- тақвияти тадбирҳо ҷиҳати ба тасвиб расонидани Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон;***

***- такмили қонунгузории амалкунанда вобаста ба ҳуқуқҳои маъюбон.***

## 1.6. Ҳифзи ҳуқуқҳои занон дар доираи ӯҳдадориҳои байналмилалӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз замони ба даст овардани истиқлолият ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд ҷиҳати таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Бо қабули Конститутсия сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи ҳуқуқи инсон ташаккул ёфт, аз ҷумла инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф гардиданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аксарияти санадҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсонро эътироф намуд, ки онҳо қисми таркибии низоми ҳуқуқии кишварро ташкил медиҳанд ва барои рушди ҳамкорӣ бо ниҳодҳои СММ заминаи мустаҳкам фароҳам меоранд.

Бо мақсади ҳамоҳанг сохтани фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба амалисозии ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2002, №79 Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон таъсис дода шуд. Котиботи Комиссия аз ҷониби Раёсати кафолатҳои ҳуқуқи инсони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Дар доираи татбиқи ӯҳдадориҳои байналмилалӣ Ҳукумати Тоҷикистон пайваста гузоришҳоро ба механизмҳои оинномавӣ ва

шартномавии СММ пешниҳод намуда, дар асоси тавсияҳои додашуда нақшаҳои миллии амалро таҳия ва амалӣ месозад.

Ин нақшаҳо, аз ҷумла маҷмуи чорабиниҳоро барои иҷрои тавсияҳои ниҳодҳои СММ оид ба баробарҳуқуқии мардон ва занон, пешгирии ҳама гуна шаклҳои зӯроварӣ нисбати занон, баробарии гендерӣ, пешгирии зӯроварӣ дар оила, инчунин, муҳлати иҷрои онҳоро пешбинӣ мекунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти иҷрои уҳдадориҳо доир ба Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ маърузаи миллии даври чорумро соли 2022 пешниҳод намуда, он дар иҷлосияи 72-юми Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ баррасӣ гардид.

Аз натиҷаи гузориши мазкур ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳо пешниҳод шуда, дар асоси он Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба амалисозии тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ барои солҳои 2024-2027 аз 15 майи соли 2024 тасдиқ карда шуд. Нақшаи мазкур фарогири 29 чорабинии мушаххас вобаста ба беҳтар сохтани вазъи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар Тоҷикистон мебошад, ки 5 чорабинии он ба таъмини баробарҳуқуқии мардон ва занон ва пешгирии ҳама гуна зӯроварии гендерӣ равона гардидааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон се маротиба расмиёти Шарҳи универсалии давриро гузашта, аз ҷумла дар доираи тавсияҳои давлатҳои аъзои Шурои СММ оид ба ҳуқуқи инсон тибқи расмиёти Шарҳи универсалии даврӣ (даври сеюм) бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2023, №АП

350 Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳо барои солҳои 2023-2026 қабул карда шуд, ки дар он чорабиниҳои муайян, аз ҷумла такмили қонунгузории ҷиноятӣ бо мақсади ҳамчун ҷиноят эътироф намудани тамоми шаклҳои зӯроварии гендерӣ, зиёд намудани марказҳои муваққатии офиятбахшӣ, баррасии масъалаи таҷдиди рӯйхати корҳои манъшуда барои занон ва шомил намудани ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ба рӯйхати гирандагони ёрии ҳуқуқии ройгони дуюмдараҷа пешбинӣ гардидааст.

Ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани раванди иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ, таҳкими ниҳодҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон ва пешбурди ҳуқуқи инсон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 августи соли 2023, №357 Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038 ва нақшаи амали он барои солҳои 2023-2025 қабул карда шуд.

Дар Стратегияи мазкур низ оид ба баробарии гендерӣ, васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои занон, пешгирии зӯроварӣ нисбати занон ва зӯроварӣ дар оила чорабиниҳо, аз қабили такмили қонунгузорӣ аз нигоҳи масъалаҳои гендерӣ, хусусан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробарии амалигардонии онҳо», таҳия ва қабули барномаҳо, чорабиниҳои мақсадноки маълумотию маърифатӣ ва таъсиси Шурои байниидоравӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст.

Дар ин радиф, ҷиҳати баланд бардоштани мақоми занон, тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони болаёқат яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ эътироф шуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ қабул ва амалӣ шуда истодаанд. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», «Барномаи давлатии рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028», «Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030 ва Нақшаи амали солҳои 2025-2027, «Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030», «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони болаёқат барои солҳои 2023-2030», «Нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2026-2030 оид ба амалисозии Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» аз ҷумлаи чунин ҳуҷҷатҳо мебошанд.

Саҳми занон дар фаъолияти соҳибкорӣ аз дастгириҳои пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагии амиқ дорад. Бо мақсади дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2025, №420 «Дар бораи грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории

занон барои солҳои 2025-2030» тасдиқ гардида, маблағи грантҳои Президентӣ аз 5 миллион сомонӣ ба 15 миллион сомонӣ расонида шуда, дар ин замина шумораи грантҳо аз 120 ба 200 адад зиёд карда шуд. Бо ин мақсад озмуни гранти Президентӣ доир гардида, дар озмун 606 лоиҳа пешниҳод шуда, 200 лоиҳаи мақсаднок аз ҷониби аъзоёни комиссияи грантӣ дастгирӣ ёфтанд.

Яке аз тавсияҳое, ки сохторҳои оиномавӣ ва шартномавии СММ пайваста зимни пешниҳоди гузоришҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон медиҳанд, кам кардани рӯйхати корҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон манъ карда шудааст, мебошад. Аз ин лиҳоз, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси тавсияи Кумитаи СММ оид ба рафъи табъиз нисбати занон қарори дахлдорро соли 2023 вобаста ба аз 334 ба 194 адад кам кардани рӯйхати корҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон манъ карда шудааст, қабул кард. Ҳарчанд ин раванд қаноаткунанда набуда, дар ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ҷиҳати боз ҳам кам кардани рӯйхати корҳо чорабиниҳо пешбинӣ гардидаанд.

Тавсияи дигар ҳамчун ҷиноят эътироф намудани тамоми шаклҳои зӯроварии гендерӣ мебошад. Бо ин мақсад тибқи амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2019, №АП-1209 гурӯҳи корӣ вобаста ба таҳияи лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад. Дар лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятӣ бори аввал моддаи нав пешбинӣ карда мешавад, ки дар ҳолати қабул шудан, барои зӯроварӣ дар оила ҷазои ҷиноятӣ муқаррар мекунад.

Яке аз дастовардҳои муҳим дар ин самт, ки ба таъмини ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектони пешгирии зӯроварӣ дар оила равона шудааст, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, №116 таъсис дода шудани Шурои байниидоравӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар ин робита, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатии худ 16 декабри соли 2025 таъкид доштанд, ки: «Мо нақши бонувону занон ва духтарони бонангу номуси Ватанро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа ҳамеша қадрдонӣ мекунем ва аз саъю талоши онҳо ба хотири бунёди ояндаи ободу осудаи кишварамон ифтихор дорем».

Аз ҷониби давлату Ҳукумат ҷиҳати иштироки занон дар идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ ҳамасола тадбирҳои зарӯрӣ андешида шуда, мақоми зан дар ҷомеа баланд бардошта мешавад.

Дар доираи амалишавии «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони болаёқат барои солҳои 2023-2030» ба нақша гирифта шудааст, ки то соли 2030 бояд саҳми занон дар хизмати давлатӣ ба 30% ва дар мансабҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ ба 25% расонида шавад.

Тибқи маълумоти Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2026 аз 18815 нафар хизматчиёни давлатӣ 4782 нафар ё 25,4 фоизро

занон ташкил медиҳанд. Аз 6192 нафар кадрҳои роҳбарикунанда 1164 нафарашон ё 18,8% занон мебошанд.

Нақши марказҳои ёрирасон оид ба пешгирӣ ва ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқӣ аз зӯроварӣ дар оила ва бахшҳои офиятбахши тиббию иҷтимоӣ дар барқарорсозии тавонмандии ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила муҳим мебошад.

Бо ин мақсад дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила» ва дар шаҳру ноҳияҳо сохторҳои алоҳидаи он фаъолият доранд.

Тибқи маълумоти пешниҳодгардида соли 2025 дар Маркази мазкур 127 нафар ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ба хизматрасониҳо фаро гирифта шудаанд, ки 58 нафарашон калонсолон мебошанд.

Дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои тандурустӣ, беморхонаҳо, таваллудхонаҳо, шабакаи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, муассисаҳои табобатӣ-профилактикӣ ва марказҳои тавонбахшӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила хизматҳои гуногуни тиббию иҷтимоӣ расонида мешавад. Аз ҷумла, 56 нафар ба муассисаҳои тиббӣ раҳнамоӣ гардида ба табобату ташхис фаро гирифта шуда, ба 27 нафар кумаки аввалияи тиббию санитарӣ расонида шуда, 5 нафар дар беморхонаҳо ва 2 нафар дар таваллудхонаҳо бистарӣ гардида, 2 нафар аз экспертизаи тиббии судӣ гузаронида шудаанд.

Ҳамзамон, аз ҷониби равоншинос ва равонпизишки марказ бо ҷабрдидагон вобаста ба ҳолати рӯҳии онҳо корҳои машваратӣ ва барқарорсозии равонӣ ва равонпизишкӣ анҷом дода шудааст.

Дар раванди амалӣ гардонидани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҷомеа мушкилоти муайян ҷой доранд, ки ба таъмини баробарии гендерӣ ва аз байн бурдани зӯроварӣ дар оила бетаъсир намемонанд. Зӯроварӣ дар оила дар бисёр ҳолатҳо боиси оқибатҳои ногувор, ба мисли ҷудошавии оилаҳо, ба худкушӣ даст задан ва содир шудани дигар ҷиноятҳои вазнин мегардад.

Тибқи маълумоти омории Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ 14115 парвандаҳои оилавиро оид ба бекор кардани ақди никоҳ баррасӣ намудаанд, ки аз ин шумора 8304 адад қонеъ гардида, ҳамчунин, 3246 парвандаҳои оилавӣ вобаста ба маскун намудан дар манзили истиқоматӣ мавриди баррасӣ қарор доданд, ки аз ин шумора 1975 адади он қонеъ карда шудааст.

Ҳодисаҳои алоҳидаи куштори зан аз ҷониби шавҳар ва дигар аъзои оила, даст ба худкушӣ задани занон, аз ҷумла ҳамроҳ бо фарзандони хурдсол ташвишовар боқӣ мемонад. Якчанд чунин ҳолатҳо дар соли 2025 низ рух доданд, ки натиҷаи муносибати зӯроваронаи шавҳарон ё дигар аъзоёни оила нисбати занон арзёбӣ шуда, гунаҳгорон ба ҷавобгарӣ кашида шудаанд.

Дар ин раванд аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ дар соли 2025, 674 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 700 нафар вобаста ба зӯроварӣ дар оила бо қабули қарори ниҳоӣ баррасӣ карда шудааст. Ҳамзамон,

бинобар риоя накардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» 2176 парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро нисбати 2176 нафар бо қабули қарор баррасӣ намуданд.

Бо мақсади иҷрои Нақшаи амали солҳои 2025-2027 Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030 дар назди Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Маркази захиравӣ оид ба масъалаи пешгирии зӯроварӣ дар оила ва баробарии гендерӣ» бо телефони боварии 221-40-30 ва ҳуҷраи дастгирии ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила бо пешниҳоди ёрии ҳуқуқӣ ва равонии ройгон фаъолият мекунад.

Тибқи маълумоти Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2025 ба Маркази захиравӣ оид ба масъалаи пешгирии зӯроварӣ дар оила ва баробарии гендерӣ 967 нафар шаҳрвандон, 688 нафар тариқи телефонӣ ва 279 нафар шифоҳӣ муроҷиат намудааст, аз ин шумора 777 нафар зан ва 190 нафарро мардон ташкил медиҳанд. Муайян гардид, ки оид ба масъалаи манзил 31 нафар, пардохти алимент барои фарзандони ноболиғ 33 нафар, зӯроварӣ ва хушунат 171 нафар, рашк 25 нафар, хиёнат ба ҳамсар 3 нафар, 222 нафар бо ҷанҷолҳои оилавӣ бе хоҳиши ҷудо шудан ва дигар масъалаҳо муроҷиат намудаанд. Ба 967 нафар ёрии ҳуқуқӣ ва равонӣ расонида шуда, ба бахши кор бо занони шаҳру ноҳияҳо, нозирони минтақавӣ, прокуратура ва суд бозравонӣ карда шуда, 15 нафар занҳо ба паноҳгоҳ ҷойгир карда шудаанд.

Ба маркази иттилоотӣ-машваратии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ вобаста ба масоили оила ва оиладорӣ 4754 нафар шаҳрвандон муроҷиат намудаанд, ки аз ин шумора 4086 нафарро занон ва 668 нафарро мардон ташкил медиҳанд. Аз ин шумора 1822 нафар шаҳрвандон вобаста ба пешгирии хушунат дар оила 1089 нафар оид ба бастани ақди никоҳ дар САҲШ, 980 нафар оид ба пешгирии бекор кардани ақди никоҳ, 558 нафар аз оилаҳои муҳоҷир, 305 нафар надоштани ҷойи кор ва дигар масъалаҳо мебошанд.

Яке аз тавсияҳои дигаре, ки сохторҳои оиномавӣ ва шартномавии СММ пайваста зимни пешниҳоди гузоришҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон медиҳанд, ин шомил намудани ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ба рӯйхати гирандагони ёрии ҳуқуқии ройгони дуюмдараҷа мебошад, зеро ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ба чунин ёрӣ бештар ниёз доранд.

Бо ин мақсад дар назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ» фаъолият дорад. Дар соли 2025 аз ҷониби ҳуқуқшиносони Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ» ба 11991 (7715 зан, 4276 мард) шаҳрванд ёрии ҳуқуқӣ расонида шудааст. Ҳамзамон, ба 58 (52 зан, 6 мард) нафар шахсоне, ки бо зӯроварӣ рӯ ба рӯ шудаанд ёрии ҳуқуқии якумдараҷа расонида шудааст.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои занон, баробарии гендерӣ, васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои занон, пешгирии зӯроварӣ

нисбати занон ва зӯроварӣ дар оила дар доираи ухдадориҳои байналмилалӣ соли 2025 дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, ташкилотҳои ҷамъиятии дар ин самт фаъолияткунанда ҳамкории судмандро ба роҳ монда корҳои муайянеро анҷом дод.

Дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон соли 2025 14 мурочиат (10 хаттӣ ва 4 шифоҳӣ) оид ба баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила ба қайд гирифта шудааст. Аз мазмуни мурочиатҳо ва суҳбат бо шаҳрвандон бармеояд, ки асосан занон вобаста ба эҳтимолияти зӯроварӣ дар оила шикоят намуданд.

Ҳамзамон зимни қабул ва баррасии мурочиатҳо ба мурочиаткунандагон ёрии ҳуқуқӣ расонида шуда, барои гирифтани ёрии тиббӣ, равонӣ ва ичтимоӣ ба муассисаҳои дахлдори давлатӣ ва ҷамъиятӣ бозравонӣ карда шудаанд.

Бо мақсади муайян намудани вазъи риояи ҳуқуқҳои занон ва пешгирии зӯроварӣ дар оила аз ҷониби кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 2025 санҷиши фаъолияти нозирони минтақавии ШВКД дар ноҳияи Шаҳритус ва ШВКД дар ноҳияи Сангвор гузаронида шуд.

Натиҷаи санҷиш ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар бештар ҳолатҳо занон мавриди зӯроварӣ дар оила қарор гирифтаанд.

Нисбати шахсони зӯроварӣ дар оила содирнамуда ё шахсоне, ки таҳдиди зӯроварӣ дар оила кардаанд, чораҳои фардии пешгирии зӯроварӣ дар оила андешида мешавад. Бо ин мақсад

дар ин давра 16 амрномаи муҳофизатӣ бароварда шуда, 57 суҳбати хусусияти тарбиявидошта гузаронида шудааст. Барои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо тибқи моддаи 93[1] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон 65 протоколи маъмурӣ тартиб дода шудааст.

Дар фаъолияти нозирони минтақавӣ дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила дар қатори пешравиҳо баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд. Яке аз камбудиҳои дар ин самт ин набудани нозир оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила мебошад. Бо сабаби дар минтақаи дурдасти кӯҳистон ҷойгир будан ва дурии роҳ назорат дар ин самт аз ҷониби як нафар нозири пешгирии зӯроварӣ дар оилаи Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар минтақа ва ноҳияи Рашт мушкилии ҷиддӣ боқӣ мемонад.

Мушкилии дигаре, ки дар амалӣ гардонидани фаъолият дар самти мазкур монеа эҷод мекунанд ин норасоии кормандони ҷинси зан дар ШВКД боиси он мегардад, ки на ҳама занҳо-ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ба корманди ҷинси марди милитсия бо шикоят муроҷиат менамоянд.

Дар давоми фаъолияти кории худ нозирони минтақавӣ аз курсҳои омӯзишӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила нагузаштаанд. Ҷойивазкунии кадрҳо дар мақомоти корҳои дохилӣ пайваста баргузор намудани чунин чорабиниҳои омӯзиширо зарур мегардонад.

Камбудии дигар он аст, ки ба нозирони минтақавӣ санадҳои байналмилалӣ ва нақшаҳои миллӣ дар самти мазкур амалишаванда дастрас нестанд.

Инчунин, дар соли 2025 аз ҷониби кормандони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон фаъолияти ҳуҷраҳои тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила дар ноҳияҳои Шаҳритус ва Сангвор мавриди санҷиш қарор дода шуд. Санҷиш нишон дод, ки ҳуҷраҳои тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ бо шароити зарурӣ барои тавонбахшии ҷабрдидагони зӯроварӣ таъмин нашудаанд. Ҳуҷраи тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила дар ноҳияи Шаҳритус соли 2020 бо дастгирии Барномаи рушди СММ ташкил карда шуда, аз оғози соли 2025 фаъолият накарда, ҳамчун ҳуҷраи бистарикунонии беморон истифода мешавад.

Дар ноҳияи Сангвор бошад ҳуҷраи тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ташкил карда нашуда, ба ҷабрдидагони зӯроварӣ ва хушунати хонаводагӣ дар ҳуҷраи Маркази солимгардонии репродуктивӣ танҳо машварат дода мешавад.

Новобаста аз дастгирии ҳамаҷониба дар ин самт, таҷдиди назар намудани фаъолияти чунин ҳуҷраҳо ва таъмин намудани шароити мусоид барои тавонбахшии занон ва кӯдакони дар онҳо нигоҳдошташаванда беҳбудиро талаб мекунад.

Дар баробари кумак ва дастгирии ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила, кор бо шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда муносибати ҳамаҷонибаро тақозо менамояд. Дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ ду ҳуҷраи кор бо зӯроварон дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Левакант фаъолият доранд, ки соли 2025 кормандони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон фаъолияти онҳоро санҷиданд.

Ҳуҷраҳои мазкур бо дастгирии Дафтари барномаҳои САҲА дар Душанбе аз соли 2022 ба кор шуруъ карда, бинобар маблағгузории ноустувор фаъолияти мунтазам надоштанд. Санҷиш нишон дод, ки аз моҳи апрели соли 2025 инҷониб фаъолияти марказҳо дубора ба роҳ монда шуда, дар онҳо як нафар ҳуқуқшинос ба ҳайси корманди иҷтимоӣ ва як нафар ба ҳайси психолог кор мекунанд. Дар ин давра дар ҳуҷраҳои мазкур 130 муроҷиат (104 шифоҳӣ, 8 электронӣ, 12 телефонӣ, 6 такрорӣ, аз ин 68 зан, 32 мард, 30 ноболиғ) ба қайд гирифта шудааст.

Ба шахсони зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда бештар хизматрасониҳо дар намуди машварати хуқуқӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ (бозравонӣ) расонида шуда, онҳо ба зиндагии муқаррарӣ бармегарданд. Ҳамчунин, 13 нафар ба марказҳои касбомӯзӣ ва 31 нафар ба марказҳои хизматрасонии тиббӣ равона карда шудаанд. Шумораи оилаҳое, ки дар онҳо мунтазам зӯроварӣ содир мешавад 24 ададро ташкил медиҳад.

Дар қонунгузории амалкунанда ҷиҳати ба ҳуҷраи машваратии равонӣ-хуқуқӣ бозравонӣ кардани шахсони зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда меъёри мушаххас пешбинӣ нагардидааст. Бинобар ин, дар ҳолати аз ҷониби субъектони пешгирии зӯроварӣ дар оила ба хуҷраҳои машваратии равонӣ-ҳуқуқӣ бозравонӣ кардани зӯроварон мушкилӣ пеш меояд.

Ҳамзамон, дар раванди санҷишҳои гузаронидашуда дар шаҳрҳои Хуҷанд, Левакант, ноҳияҳои Шаҳритус ва Сангвор бо ҷалби намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахши кор бо занон ва оила,

рӯзноманигорон, фаъолони ҷомеа, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва оилаҳои ҷавон дар мавзуъҳои «Пешгирӣ ва оқибатҳои зӯроварӣ дар оила», «Пошхӯрии оилаҳо» ва «Оилаи солим - ҷомеаи солим» мизҳои мудаввар гузаронида шуд.

Натиҷаи санҷишҳои гузаронидашуда рӯзи 8 декабри соли 2025 дар доираи ҷашнгирии Рӯзи ҳуқуқи инсон ва ҳамзамон, маъракаи «16 рӯзи амал бар зидди зӯроварии гендерӣ» дар ҳамкорӣ бо Дафтари барномаҳои САҲА дар Душанбе муаррифӣ карда шуд.

Лозим ба ёдоварист, ки соли 2023 бо фармоиши Ваколатдор оид оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тартиби қабул ва баррасии муроҷиати занон ва духтарон – ҷабрдидагони зӯроварии шаҳвонӣ ва гендерӣ дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ гардида, ҷиҳати дастрасии бештар соли 2025 ба миқдори 150 адад ба чоп расонида шуд.

Ҳамчунин, ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои занон дар доираи уҳдадориҳои байналмилалӣ, баробарии гендерӣ, пешгирии зӯроварӣ нисбати занон ва зӯроварӣ дар оила, аз ҷониби кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон чорабиниҳои зиёди иттилоотӣ тавассути барномаҳои телевизионӣ, радиоӣ, чопи маводҳои иттилоотӣ дар матбуоти даврӣ ва электронӣ таъмин карда шуд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои занон дар доираи уҳдадориҳои байналмилалӣ, баробарии гендерӣ, пешгирии зӯроварӣ**

**нисбати занон ва зӯроварӣ дар оила тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***- тақвият додани фаъолияти гурӯҳҳои корӣ оид ба такмили қонунгузорӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои занон дар доираи уҳдадориҳои байналмилалӣ, баробарии гендерӣ, пешгирии зӯроварӣ нисбати занон ва зӯроварӣ дар оила;***

***- бо курсҳои такмили ихтисос фаро гирифтани нозирони минтақавӣ дар масъалаи пешгирии зӯроварӣ дар оила;***

***- тақвияти ҳамкориҳои субъектони пешгирии зӯроварӣ дар оила ва беҳтар намудани фаъолияти онҳо;***

***- ташаккули махзани ягонаи оморӣ оид ба зӯроварии ҷинсӣ ва гендерӣ;***

***- зиёд намудани шумораи паноҳгоҳҳо барои будубоши муваққатии ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила;***

***- таҷдиди назар намудани фаъолияти ҳуҷраҳои тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ, таъмин намудани шароити мусоид барои тавонбахшии занон ва кӯдакони дар он нигоҳдошташаванда;***

***- зиёд намудани теъдоди ҳуҷраи машваратии равонӣ - ҳуқуқии кор бо зӯроварон;***

***- тақвияти ҳамкориҳо бо шарикони рушд ҷиҳати маблағгузории доимӣ ба ҳуҷраи машваратии равонӣ - ҳуқуқии кор бо зӯроварон;***

***- дар қонунгузории дахлдор пешбинӣ намудани муқаррарот ҷиҳати бозравонии шахсони зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда ба ҳуҷраҳои машваратии равонӣ-ҳуқуқӣ.***

## 1.7. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва соҳибкорон

Ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва соҳибкорон яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодиёти миллӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ нақши соҳибкорон дар ташаккули буҷети давлатӣ, рушди истеҳсолот, хизматрасонӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав хеле муҳим мебошад. Бо дарназардошти ин, ҳифзи ҳуқуқи истифодабарандагони хизмтарасониҳои молиявӣ ва ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкорон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ эътироф гардидааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳибкорӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам гардида, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ қабул шудаанд. Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва рақобати шадиди иқтисодӣ соҳибкорӣ на танҳо ҳамчун манбаи даромад, балки ҳамчун омили рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ баррасӣ мегардад.

Лозим ба ёдоварист, ки фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 октябри соли 2022, №469 ҷиҳати дар сохтори Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додани мансаби муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳуқуқи

соҳибкорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидааст. Аз ин лиҳоз, бо мақсади таҳкими фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва соҳибкорон дар Дастгоҳи мақомот моҳи июли соли 2023 шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳуқуқи соҳибкорон таъсис дода шуд.

Бо таҳким ёфтани мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳуқуқи соҳибкорон имконияти муносиб ҷиҳати тақвияти кафолатҳои таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои бевоситаи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳуқуқи соҳибкорон, инчунин, ҳалли баҳсҳои бамиёномадаи иштироккунандагони бозори хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва молиявӣ шароити мусоид фароҳам оварда шуд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар самти ҳимояи ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳуқуқи соҳибкорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи фаъолияти худ як қатор вазифаҳои асосиро, аз ҷумла таъмини ҳифз ба барқарорсозии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектҳои соҳибкорӣ вобаста ба баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба унвонии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ворид мегарданд, назорати риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкорон аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, мусоидат дар беҳбуди фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи лоиҳаи хулосаҳо ва таклифҳо

оид ба такмили қонунгузорӣ дар самти истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ, иштирок дар ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои субъектҳои соҳибкорӣ, фаъолияти иттилоотонӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии соҳибкорон ва истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва роҳҳои муҳофизати онҳоро иҷро менамояд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки то ҳол дар назди соҳибкорон як қатор масъалаҳои мушкилталаб ва ҳалногардида, чӣ дар доираи хусусӣ ва чӣ оммавӣ ҳанӯз ҳам боқӣ мемонад. Ҳалли пайгиронаи онҳо боиси баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлатӣ ва коҳиш додани хавфҳои пешбурди соҳибкорӣ мегардад.

Мусаллам аст, ки бобати ин масъала дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 16 декабри соли 2025 дар баробари муваффақиятҳои баланди дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ба даст овардашуда, ҳалли мушкилотҳои дигари муҳим марбут ба таъмини афзалиятҳо дар самти фаъолияти соҳибкорӣ, тавсифи баръалои худро ёфтааст.

Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкорон маҷмуи чораҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилист, ки ба таъмин намудани озодии фаъолияти соҳибкорӣ, пешгирии дахолати ғайриқонунӣ ва барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда равона шудаанд.

Аҳаммияти ҳимояи ҳуқуқи соҳибкорон аз фароҳам овардани муҳити мусоиди соҳибкорӣ, баланд бардоштани эътимоди

соҳибкорон ба давлат, ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ, рушди рақобати солим, коҳиш додани сатҳи иқтисоди ғайрирасмӣ иборат мебошад.

Дар амал ҳимояи ҳуқуқи соҳибкорон маънои таъмини озодии иқтисодӣ, баробарии ҳуқуқии субъектҳо ва кафолати дахлнопазирии моликиятро дорад. Соҳибкор бояд итминон дошта бошад, ки фаъолияти ӯ тибқи қонун ҳифз гардида, дахолати беасос ба кори ӯ роҳ дода намешавад.

Аҳаммияти ҳимояи ҳуқуқи соҳибкорон, инчунин, дар баланд бардоштани сатҳи эътимод ба мақомоти давлатӣ ва низоми ҳуқуқӣ ифода ёфта, омили асосии ҷалби сармоягузорӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ низоми молиявӣ низ нақши калидӣ дошта, фаъолияти он бевосита ба манфиатҳои шаҳрвандон ва субъектҳои хоҷагидор таъсир мерасонад.

Истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд, ки аз хизматрасониҳои бонкӣ, суғуртавӣ, қарзӣ, пасандозӣ ва дигар хизматрасониҳои молиявӣ истифода мебаранд.

Илова бар ин, рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва паҳн гардидани хизматрасониҳои молиявии электронӣ, аз қабили бонкдории онлайн, ҳамёнҳои электронӣ ва хизматрасониҳои мобилӣ, масъалаи ҳимояи ҳуқуқи истифодабарандагонро боз ҳам муҳимтар мегардонад. Дар чунин шароит, шаҳрвандон бештар ба хавфҳои молиявӣ, аз ҷумла фиреб, истифодаи ғайриқонунии маълумоти шахсӣ ва шартҳои ноодилона дучор мешаванд.

Ҳамин тавр, ҳимояи ҳуқуқи онҳо яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад.

Аз ин лиҳоз, ташаккули низоми самараноки ҳимояи ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ на танҳо вазифаи ҳуқуқӣ, балки як унсури муҳимми суботи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Ин ҳимоя пеш аз ҳама бо роҳи таъмини ҳуқуқ ба иттилооти пурра, хизматрасонии босифат, амнияти молиявӣ ва барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда имконпазир мебошад.

Мувофиқи принсипҳои ҳуқуқи истеъмолкунандагон, ҳар як истифодабарандаи хизматрасониҳои молиявӣ ҳуқуқ дорад аз шартҳои одилона, иттилооти дастрас ва ҳифзи манфиатҳои худ бархӯрдор бошад.

Дар таҷрибаи байналмилалӣ ҳимояи ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи сиёсати ҳимояи истеъмолкунандагон баррасӣ мегардад. Маврид ба зикр мебошад, ки истифодабаранда бояд на танҳо ҳуқуқ дошта бошад, балки аз ин ҳуқуқҳо огоҳ низ бошад.

Ҳимояи ҳуқуқ дар ин соҳа, инчунин, ба пешгирии хатарҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла аз ҳад зиёд қарздор шудани аҳолӣ ва афзоиши мунокишаҳои молиявӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, ҳимояи ҳуқуқи истифодабарандагон аҳаммияти иҷтимоӣ низ дорад.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» яке аз вазифаҳои асосии мақомот ин баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ба ҳисоб рафта, дар ин раванд аз ҷумла

ҷиҳати ташвиқу тарғиби ҳуқуқҳои субъектҳои соҳибкорӣ ва истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ чорабиниҳои иттилоотӣ гузаронида мешаванд.

Бо мақсади таҳкими фаъолият дар самти иттилоотонӣ тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи Дастгоҳи маркази Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи амали мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2025 ва дастуру супоришҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, дар ҳамкорӣ бо васоити ахбори омма 26 адад баромад ва маводди иттилоотӣ таъмин карда шуд.

Зимни фаъолият дар соли 2025 кормандони мақомот дар 6 вохӯрию мулоқотҳо, аз ҷумла, санаи 6 марти соли 2025 дар Вазорати молия дар якҷоягӣ бо дигар намояндагони вазорату идораҳои мамлакат бо намояндагони Фонди байналмилалии асъор (ФБА), санаи 29 майи соли 2025 бо намояндагони Барномаи Рушди СММ, санаи 9 октябри соли 2025 бо намояндагони Омбудсмени Федератсияи Россия ва Раиси Комиссия оид ба ҳуқуқи инсони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва санаи 19 октябри соли 2025 бо намояндагони Омбудсмени Шоҳигарии Арабистони Саудӣ таҳти роҳбарии хонум Ҳала бинти Мазид Ат-Тувайҷирӣ иштирок намуданд, ки барои тақвият бахшидан ба ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, ниҳодҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсони кишварҳои хориҷӣ кумак менамояд.

Инчунин, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи касбӣ дар 28 конференсияҳо, семинару машваратҳо, мизҳои мудаввар ва курсҳои бозомӯзӣ кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуда, аз натиҷаи онҳо гузоришу маълумотҳои дахлдор омода карда шуданд.

Аз ҷумла, ҷиҳати омӯзиши таҷрибаи пешрафта аз 10 то 16 марти соли 2025 кормандони мақомот ба Ҷумҳурии Италия сафар анҷом дода, бо намояндагони Омбудсмен оид ба ҳуқуқи инсон, Омбудсмени молиявӣ ва бонкӣ, Вазорати адлия, маркази медиатсия, судҳои арбитражӣ ва умумии Италия вохурӣ баргузор намуданд. Дар натиҷаи вохӯриҳо ва мулоқотҳо доир ба самтҳои афзалиятноки мақомот, хусусан, доир ба роҳандозии ҳамкориҳои мутақобилан судманд ҷиҳати медиатсияи тиҷоратӣ маълумотҳои зарурӣ пешниҳод гардид.

Санаи 31 май то 3 июни соли 2025 кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо дастгирии Бонки аврупоии таҷдид ва рушд ва Созмони байналмилалии рушди ҳуқуқ дар Мактаби тобистонаи «Медиаторҳо-2025» дар шаҳри Тошкенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон иштирок намуданд.

Ҳадаф аз иштироки кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабинии мазкур ин шиносоӣ ва омӯзиши таҷрибаи ғании кишварҳо дар соҳаи миёнаҷигарӣ, бахусус, дар самти тиҷорат ва савдо маҳсуб меёбад. Омӯзиш ва истифодаи ин таҷриба метавонад барои рушди низоми миёнҷигарӣ дар самти тиҷорат ва савдои

Тоҷикистон намунаи арзишманд гардад. Ба ин васила, табодули таҷрибаи пешрафта дар ташаккул ва рушди низоми тартиботи татбиқи механизми миёнаҷигарӣ, хусусан, ҳангоми татбиқи механизми миёнаҷигарӣ дар бахши тиҷорат ва савдо, ҳимояи ҳуқуқи соҳибкорони ватаниву хориҷӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо барои фаъолияти пурсамари Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳуқуқи соҳибкорон дар Ҷумуҳурии Тоҷикистон назаррас аст.

Бо ташаббуси Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳкими мақоми ҳуқуқии мансаби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳуқуқи соҳибкорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон конфронси ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Миёнаҷигарии тиҷоратӣ дар Тоҷикистон: беҳтарсозии дастрасӣ ба адолат, муҳити сармоягузорӣ ва ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон» санаи 17 июни соли 2025 дар шаҳри Душанбе баргузор шуд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафи асосии баргузории ин чорабиниро дар баррасӣ ва муҳокимаи масъалаҳои марбут ба миёнаҷигарӣ (медиатсия)-и тиҷоратӣ, бартарии медиатсияи тиҷоратӣ ва вазъи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуда, онро ҳамчун як воситаи тосудии ҳалли баҳсҳо, хусусан, баҳсҳои тиҷоратӣ меҳисобад, ки ин таҷриба аллакай дар тамоми ҷаҳон татбиқ мешавад.

Аҳаммияти татбиқи медиатсия дар бахши корпоративӣ бо самаранокии эҳтимолии он асос ёфтааст ва иловатан, ҳамчун

воситаи махсус ба тарафҳо имкон медиҳад, ки муносибатҳои корӣ, обурӯ ва хароҷоти марбут ба мурофиавиро нигоҳ доранд. Дар айни ҳол дар як қатор низоми ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи медиатсия то ҳол на он қадар рушд ёфтааст. Таҳлили қонунгузорӣ ва амалия нишон медиҳад, ки татбиқи падида ё ин ки институти медиатсия дар баҳсҳои корпоративӣ бо як қатор мушкилот, аз ҷумла набудани қарори ниҳоӣ ва иҷрои бечунучарои қарорҳои дар доираи тартиби миёнаравӣ қабулшуда, инчунин, сатҳи пасти эътмоди иштирокчиёни доираи хоҷагидорӣ ба ин механизми ҳалли баҳсҳо бевосита вобастагӣ дорад.

Маврид ба зикр аст, ки ҳарчанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи қонунгузории танзими истифодаи механизми медиатсия дар як шакли қонуни алоҳида вуҷуд надошта бошад ҳам, лекин таҷриба нишон медиҳад, ки истифодаи чунин механизм дар ҳалли баҳсҳо самаранок ва манфиатовар аст.

Лозим ба ёдоварист, ки бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии соҳибкорон ва истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи махсус таъсид дода шудааст, ки истифодаи ин механизми медиатсионӣ дар баррасии арзу шикоятҳои шаҳрвандон ва баҳсҳои тиҷоративу копоративӣ байни шарикон дар вақтҳои охир бараъло эҳсос карда мешавад.

Бояд иброз дошт, ки медиатсия ё миёнаҷигарӣ равандест, ки дар он ҷонибҳои баҳс бо кумаки шахси бетараф (медиатор)

кӯшиш мекунанд баҳси худро бо роҳи сулҳомез ва бо дарназардошти манфиатҳои ҳамдигар ҳал намоянд.

Дар ҷараёни конфронси ҷумҳуриявӣ коршиносон ва намояндагони сохторҳои байналмилалӣ ба таври маҷозӣ оид ба таҷрибаи истифодаи ин раванд дар таҷрибаи худ маъруза карданд. Дар идома иштирокчиён дар ин мавзуъ табодули афкор намуданд.

Санаи 25 июни соли 2025 дар ҳамкорӣ ва иштироки намояндагон аз мақомоту идораҳои дахлдори давлатӣ, вохӯрӣ бо ассотсиятсия ва ҷамъиятҳои соҳибкорон ташкил ва гузаронида шуд. Айни ҳол, ҳамкориҳо бо ташкилотҳои мазкур идома дода шуда, барои соли 2026 ва минбаъд нақшаи чорабиниҳои дахлдор таҳия карда мешавад, ки дар доираи он анҷоми як қатор корҳо дар назар мебошад.

Санаи 8 декабри соли 2025 мизи мудаввар бахшида ба таҷлили Рӯзи ҳуқуқи инсон дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон-арзиши олӣ» дар бинои Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он намояндаи мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маъруза иштирок ва баромад намуд.

Санаи 12 декабри соли 2025 Форуми байналмилалӣ таҳти унвони «Муқовимат ба коррупсия дар соҳаи тиҷорат» дар меҳмонхонаи «Crowne Plaza» баргузор гардид. Форуми байналмилалӣ дар заминаи дастуру ҳидоятҳои Ассогузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати

зиддикоррупсионии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иштироки муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони аввал ва намояндагони вазорату идораҳо ва мақомоти давлатӣ, намояндагони мақомоти салоҳиятдори муқовимат ба коррупсияи ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Озарбойҷон, Федератсияи Россия, Ӯзбекистон, созмонҳои байналмилалӣ, сафирони фавқулода ва мухтори кишварҳои хориҷ ва доираи васеи соҳибкорону ҷомеаи шаҳрвандӣ баргузор гардид. Дар Форуми мазкур Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Умед Бобозода дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон – омили асосии пешгирии коррупсия» ва сардори шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳуқуқи соҳибкорони Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Аҳаммияти қабули Кодекси идоракунии корпоративии Тоҷикистон» иштирок ва суханронӣ намуданд.

Бо назардошти натиҷаи кори Форум ва тавсияву пешниҳодҳои манзургардида иштирокчиёни Форум даъват ба амал оварданд, ки мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, субъектҳои бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар тақвияти мунтазам ва самарабахши заминаи ҳуқуқиву ташкилии пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия ҳамкории зичу муттаҳидона ва ҳадафмандонаро амалӣ намоянд. Бахши хусусӣ фаъолияти худро ба риояи доимию қатъии принсипҳои шаффофият, ҳисоботдиҳии

оммавӣ ва стандартҳои байналмилалии идоракунии корпоративӣ мутобиқ гардонида, механизмҳои дохилии назорати риояи онҳоро таҳким бахшад, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва воситаҳои ахбори омма дар ташаккули маърифати баланди зиддикоррупсионии намояндагони бахши хусусӣ ва таблиғи дастоварди давлат дар самти муқовимат ба коррупсия нақши пешбар ва фаъол дошта бошанд ва таҷрибаи истифодаи технологияи рақамӣ ва зеҳни сунъӣ зимни амалигардонии ҳама гуна хизматрасонӣ ва иҷрои кор бо мақсади пешгирии омилҳои коррупсионӣ тақвият дода шавад.

Иштирокчиён изҳори боварӣ менамоянд, ки татбиқи натиҷаҳои Форум ба рушди муназзам ва таъмини муҳити шаффоф дар тиҷорат, таҳкими нуфузи корӣ, коҳиш додани хавфҳо ва талафоти иқтисодӣ ва ба баланд бардоштани эътимоди шарикон ва муштариён мусоидат хоҳад кард.

Натиҷаи ин фаъолият нишон медиҳад, ки таҷрибаи омӯхташаванда аз таклифу пешниҳодҳои дар ин чорабиниҳо баромада, барои пешбурд ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои соҳибкорон ва истфодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ, инчунин, барои коркард ва минбаъд такмил додани қонунгузории амалкунандаи Ҷумуҳурии Тоҷикистон дар ин самт мусоидат мекунад.

Бояд қайд намуд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон тадриҷан такмил ёфта, ба талаботи замони муосир мутобиқ мегардад. Қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав ва ворид

намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда ба ҳифзи беҳтари манфиатҳои шаҳрвандон равона шудаанд.

Дар баробари қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ, дастурамалҳои мақомоти танзимкунанда низ нақши муҳим мебозанд. Онҳо тартиби пешниҳоди хизматрасониҳо, баррасии шикоятҳо ва чораҳои ҷавобгариро муайян мекунанд.

Соҳибкорон ҳуқуқ доранд барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои худ ба суд муроҷиат намоянд. Судҳои иқтисодӣ баҳсҳои вобаста ба шартномаҳо, андоз, моликият ва дигар масъалаҳои соҳибкориро баррасӣ мекунанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд, ки ҷавҳари онро ҳуқуқ ва озодиҳои инсону шаҳрванд ташкил медиҳанд, таъмини адолати судиву иҷтимоӣ ва волоияти қонун вазифаи асосии судҳои иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, бобати иҷрои ин рисолати касбӣ ва вазифаҳои хизматӣ судҳои иқтисодӣ дар соли 2025 корҳои муайянеро анҷом додаанд. Натиҷаи таҳлил, омӯзиш ва фаъолияти солонаи судҳои иқтисодӣ нишон медиҳад, ки дар ин давра аз ҷониби марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратии судҳои иқтисодӣ дар маҷмуъ 3 932 (дар соли 2024 - 3 253) адад парванда мавриди баррасӣ қарор гирифта, доир ба 2 182 (дар соли 2024 - 1 716) ҳалномаи судӣ қабул гардида, 122 (дар соли 2024- 136) парванда қатъ карда шудааст. Ба 244 (дар соли 2024 - 162) парванда аризаҳо бебаррасӣ мононда шуда, қабули 15 (дар соли 2024-17) ариза рад карда шудааст, 5 (дар соли 2024-3) парванда ва 6 (дар соли 2024-2) ариза аз рӯйи тобеияти судӣ барои баррасӣ ирсол гардидааст.

Инчунин, 360 (дар соли 2024-242) аризаҳои даъвогӣ (аризаҳо) ва шикоятҳо беҳаракат мононда шуда, 355 (дар соли 2024-318) аризаву шикоятҳо бинобар ба талаботи қонунгузории мурофиавӣ мутобиқ набуданашон баргардонида шудаанд. Дар коллегияҳои марҳилаҳои кассатсионӣ 327 (дар соли 2024-355) парванда, назоратӣ 295 (дар соли 2024-295) парванда ва Раёсати Суди Олии иқтисодӣ 21 (дар соли 2024-7) парванда баррасӣ гардидааст.

Аз маълумоти болозикр маълум гардид, ки аз ҷониби марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратии судҳои иқтисодӣ дар соли 2025 нисбат ба соли 2024 679 адад ё 20,8 фоиз парванда зиёд мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар самти таъмини адолати судӣ нисбат ба соҳибкорон низ дар соли 2025 тамоюлҳои мусбат ба мушоҳида расиданд. Дар раванди баррасии баҳсҳои иқтисодӣ ва маъмурӣ судҳо дар як қатор ҳолатҳо қарорҳои ғайриқонунии мақомоти иҷроия ва назоратиро бекор намуда, ҳуқуқи соҳибкоронро ба фаъолияти озоди иқтисодӣ барқарор карданд.

Аз шумораи умумии парвандаҳои баррасигардида 84 парванда дар бораи рӯёнидани маблағҳои қарзи бонкӣ, 14 парванда оид ба рӯёнидани маблағҳои ташкилотҳои қарзӣ, 73 парванда рӯёниш аз ҳисоби молу мулки ба гаравгузошташуда, 15 парванда рӯёнидани маблағи қарз бо даъвои мақомоти молия, 39 парванда рӯёнидани маблағи қарзи пардохти гумрукӣ, 62 парванда рӯёнидани маблағи қарзи андоз, 776 парванда дар бораи мавриди баҳс қарор додани санадҳои ғайримеъёрии ҳуқуқӣ, қарорҳо ва амал (беамалӣ)-и мақомоти ҳокимияти давлатӣ, дигар

мақомот ва шахсони мансабдор ва боқимонда парвандаҳо дигар баҳсҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ - иқтисодӣ бармеоянд, ташкил медиҳанд.

Дар ҳолатҳои муайян соҳибкор метавонад ба мақомоти болоии давлатӣ ё мақомоти назоратӣ шикоят пешниҳод намояд. Ин шакли ҳимоя нисбатан зуд ва камхарҷ мебошад. Чи тавре маълум аст дар сохтори Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раёсати назорати қонунгузорӣ дар самти дастгирӣ ва ҳимояи ҳуқуқи соҳибкорон фаъолият менамояд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар соли 2025 фаъолияти мақомоти прокуратура дар самти назорати риояи қонунгузорӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои соҳибкорон тақвият ёфт. Баррасии саривақтии мурожиатҳои соҳибкорон, эътироз овардан ба санадҳои ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, амру пешниҳодҳо ҷиҳати бартараф намудани қонунвайронкуниҳо имкон доданд, ки ҳуқуқҳои вайроншудаи соҳибкорон барқарор карда шаванд.

Дар натиҷаи пурзӯр намудани назорати прокурорӣ дар соли 2025 дар баъзе минтақаҳо коҳиш ёфтани ҳолатҳои фишори ошкоро ба соҳибкорон, дахолати мустақими мақомоти назоратӣ ва ҳолатиҳои беасос муҳр задани объектҳои соҳибкорӣ ба қайд гирифта шуданд.

Ҳамзамон, дар соли 2025 баланд гардидани сатҳи маърифати ҳуқуқии соҳибкорон мушоҳида мешавад. Соҳибкорон бештар ба истифодаи механизмҳои ҳуқуқии ҳимоя, аз ҷумла мурожиат ба мақомоти прокуратура ва судҳо, рӯ оварда, ҳуқуқҳои худро фаъолона ҳимоя менамоянд.

Дар маҷмуъ, аз ҷониби мақомоти прокуратура дар самти назорати риояи қонунгузорӣ оид ба ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ 156 (дар соли 2024 - 137) санҷишҳо гузаронида шуда, бо натиҷаи онҳо 236 (дар соли 2024-188) амр, 265 (дар соли 2024-253) эътироз, баҳри бартараф намудани қонунвайронкуниҳо ва сабабу шароитҳои ба онҳо мусоидаткарда 203 (дар соли 2024-182) пешниҳод оварда шудааст. Дар асоси санадҳои эътиноӣ 128 (дар соли 2024-105) нафар ба ҷавобгарии интизомӣ ва 104 (дар соли 2024-131) нафар ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида, 40 (дар соли 2024-24) парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, ба маблағи 355 835 сомонӣ зарар барқарор карда шудааст.

Маврид ба зикр мебошад, ки дар соли 2025 ба унвони Бонки миллии Тоҷикистон ва шуъбаҳои минтақавии он 1836 адад арзу шикоятҳои шаҳрвандон оид ба хизматрасониҳои молиявӣ бо роҳи хаттӣ, шифоҳӣ, электронӣ ва тавассути телефони боварӣ ворид гардиданд, ки нисбат ба соли 2024 нишондиҳандаи мазкур 268 адад ё 17,1 дарсад афзоиш ёфтааст.

Натиҷаи таҳлилҳо нишон медиҳад, ки муроҷиатҳои дар соли 2025 ба Бонки миллии Тоҷикистон ва шуъбаҳои минтақавии он воридгардида оид ба масъалаҳои ҳамёнҳои электронӣ ва QR-рамзҳо – 448 адад, қарз – 278 адад, кортҳои пардохтӣ/ATM – 149 адад, терминалҳои худкор – 93 адад, интиқоли маблағ – 87 адад, мубодилаи асъори хориҷӣ – 75 адад, сифати хизматрасонӣ – 34 адад ва амалҳои қаллобӣ – 18 ададро дар бар мегиранд.

Ҳамзамон, дигар масъалаҳо, аз ҷумла гирифтани машварат оид ба маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявии ташкилотҳои

қарзии молиявӣ, ҳисоббаробаркунии ғайринакдӣ, фаъолияти бюрои таърихи қарз, харидорӣ намудани сабикаҳои тилло ва тангаҳои ҷашнӣ, иваз намудани пулҳои фарсуда, норасоии танга дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, баланд будани ҳаққи хизматрасонии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, дархост оид ба гирифтани кумаки молиявӣ, дарёфти ҷойи кор дар низоми бонкӣ, масъалаҳои шахсӣ ва ғайра – 654 ададро ташкил медиҳад.

Яке аз самтҳои муҳимми ҳифзи ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳимояи соҳибкорон қабул ва баррасии муроҷиатҳои онҳо мебошад. Дар ин робита, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд оид ба ҳуқуқҳои вайроншудаи худ ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намоянд.

Бо ин мақсад дар соли 2025 ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 муроҷиат ворид шуда, муроҷиаткунандагон оид ба масъалаҳои иштирок дар мурофиаҳои судӣ, ҳалли қарзҳои андозӣ, ҳалли масъалаи танзими қарзҳои бонкӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ, шикоят аз болои қарорҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба масъалаи қарзи бонкӣ, норозигӣ аз болои қарори судӣ оид ба кӯчонидан ва бартарафсозии хонаи истиқоматӣ ва хариди хонаи истиқоматӣ дар биноҳои навбунёдшаванда, оид ба гирифтани пасандозҳо аз бонкҳои муфлис эълон кардашуда ва ғайра мусоидат пурсиданд, ки ҳар як арзу шикоятҳо аз ҷониби кормандони мақомот дар алоҳидагӣ мавриди баррасии

ҳамаҷониба қарор дода шуда, баҳри қонеъ намудани талаботи шаҳравандон ва соҳибкорон чораҳои дахлдор андешида, ҳамзамон, маслиҳатҳои ҳуқуқии зарурӣ пешниҳод карда шуд.

Аз ҷумла, санаи 20 октябри соли 2025 шаҳрванд Ш.М., истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, ҷиҳати таъмини намояндаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мурофиаи судӣ ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуд. Дар натиҷа, иштироки намояндаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мурофиаи судӣ таъмин карда шуда, тарафҳо ба созиш омаданд.

Ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҶДММ «Асри Навин» санаи 4 декабри соли 2025 оид ба нодуруст ҳисоб намудани маблағҳои андоз ариза ворид гардид. Дар муроҷиати мазкур қайд гардидааст, ки новобаста аз фаъолияти пурра надоштани ҶДММ «Асри Навин» ва кам гардидани даромади ширкат дар соли 2025, онро дар назди мақомоти андоз қарздор баровbooарданд. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиати ҶДММ «Асри Навин»-ро мавриди баррасӣ қарор дода муайян намуд, ки дар ҳақиқат дар соли 2025 ширкати мазкур фаъолияти нисбатан камтар назар ба соли 2024 дошта, ҳаҷми истеҳсолот коҳиш ёфта, сабаби камтар ба даст овардани даромади ширкат дар соли 2025 гаштааст. Аз ин лиҳоз, Ваколатдор муроҷиати мазкурро бо назардошти омилҳои ҷойдошта ва пешниҳод намудани санади муқоисавӣ ва инчунин, нусхаи ҳуҷҷатҳои бонкӣ асоснок

ҳисобида, барои ҳалли мусбии масъалаи мазкур тибқи қонунгузории амалкунандаи мамлакат бо Кумитаи андоз ҳамкорӣ намуда, аризаи ҶДММ «Асри Навин» мусбӣ ҳал карда шуд.

Шаҳрванд Ш.Д., сокини шаҳри Душанбе, санаи 10 декабри соли 2025 ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуда, оид ба ҳалли маъалаи қарзи бонкиаш дар бонки ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» мусоидат пурсидааст. Муроҷиати мазкур дар ҳамкорӣ бо ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» ҳалли мусбии худро ёфт.

Дар соли 2025 фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар самти ҳимояи ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳуқуқи соҳибкорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ташаккули пешниҳодҳои зарурӣ ҷиҳати ислоҳот ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё амалияи татбиқи ҳуқуқ идома ёфт. Бо мақсади мусоидат намудан дар такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳуқуқи соҳибкорон ба 6 адад лоиҳаи қонунҳои Ҷумуҳии Тоҷикистон, аз қабили лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон», лоиҳаи Барномаи давлатии баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ барои солҳои 2026-2030», лоиҳаи Барномаи давлатии рушди хизмати давлатии Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 ва ғайра хулосаву пешниҳодҳои дахлдор ирсол шуданд.

Маврид ба зикр мебошад, ки барои дастгирии шахсони осебпазири аҳолӣ ҷиҳати амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» аз 2-юми январи соли 2025 бо назардошти таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ, инчунин, талаботи объективӣ, шароит ва хусусияте, ки дар соҳаи иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ ташаккул ёфтаанд, қабул ва мавриди амал қарор гирифт.

Ҳамзамон, бо мақсади татбиқи пурра ва самараноки муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» гурӯҳи кории байниидоравӣ дар назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ таъсис дода шуд, ки намояндаи мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аъзои он мебошад. Дар асоси талаботи банди 3 моддаи 10 Қонуни мазкур дар доираи гурӯҳи кории байниидоравӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ» бо тартиби муқарраргардида таҳия карда шуд, ки он аз 1 майи соли 2025, №260 қабул гардид.

Тибқи қарори мазкур, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ муайян карда шуда, таъмини амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ, таҳлили муҳити соҳибкории иҷтимоӣ, омӯзиш, мониторинг ва

пешниҳоди таклифҳо оид ба рушди соҳибкории иҷтимоӣ ва иҷрои дигар ваколатҳое, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ гардидааст, таъмин ва амалӣ менамояд.

Илова ба ин, дар асоси банди 4 моддаи 10 Қонуни мазкур дар доираи гурӯҳи кории байниидоравӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Усули арзёбии таъсирбахшии соҳибкории иҷтимоӣ» бо тартиби муқарраргардида таҳия ва аз 18 октябри соли 2025 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд, ки он дар асоси супориши Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 2025, №22/10-267 иловатан якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор мавриди такмилдиҳии иловагӣ қарор дода шудааст.

Қобили зикр мебошад, ки ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 декабри соли 2024 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» аз 10 январи соли 2025, №915 қабул гардид, ки тибқи он ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ба муҳлати то 1 январи соли 2027 мораторий эълон карда шуд.

Дар робита ба иҷрои банди 2 фармони мазкур, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» бо тартиби

муқарраргардида таҳия карда шуд, ки он аз 11 феврали соли 2025, №2142 қабул ва мавриди амал қарор дода шуд.

Дар ин замина, бо мақсади иттилоотонии мақомоти назоративу санҷишӣ аз муқаррароти фармон ва қонуни мазкур, мактуби иттилоотӣ аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ оид ба талаботи қонунгузории мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ҳангоми амалӣ намудани ваколатҳои назоративу санҷишӣ бар ҳамаи мақомоти санҷишию назоратии мамлакат ирсол карда шуд.

Илова ба ин, бо мақсади бархӯрдор гардидани субъектҳои соҳибкорӣ ва масъулини мақомоти санҷишӣ аз эълон гардидани мораторий ба санҷишҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти дастгирии соҳибкорӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни соҳибкорону сармоягузорон, аз рӯйи тақсимбандии минтақавӣ марҳила ба марҳила бо доираи васеи намояндагони бахши хусусӣ ва масъулини мақомоти санҷишӣ дар шаҳру ноҳияҳо вохӯриҳои намояндагони Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералӣ, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, Кумитаи андоз ва дигар сохторҳои дахлдор ташкил ва баргузор карда шуда истодааст.

Ҳамчунин, дар ин давра кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якчанд ҷаласаҳои гурӯҳҳои корӣ, аз ҷумла, санаи 21 феврали соли 2025 дар ҷаласаи гурӯҳи кории Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва

идораи амволи давлатӣ оид ба духӯрагиҳо дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, санаи 6 марти соли 2025 дар ҷаласаи гурӯҳи кории Вазорати молия дар якҷояги̣ бо дигар намояндагони мақомоту идораҳои давлатӣ бо намояндагони Фонди байналмилали асъор (ФБА), дар ҷаласаи гурӯҳҳои корӣ оид ба натиҷаҳои ҳамкориҳои БРСММ оид ба рушди устувор барои солҳои 2023-2026 барои соли 2024 ва баррасии Чаҳорчӯбаи ҳамкории СММ оид ба рушди устувор, санаи 25 июни соли 2025 дар ҷаласаи гурӯҳи кории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санаи 4 июли соли 2025 дар ҷаласаи гурӯҳи кории байниидоравии назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодексҳои мурофиавии маданӣ ва мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуда, таклифу хулосаҳо пешниҳод намуданд.

Бо дарназардошти воқеият ва далелҳои дар боло овардашуда метавон гуфт, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳуқуқи соҳибкорон нақши муайянкунанда мебозад.

Бо дарназардошти таҳлили анҷомдодашуда метавон хулоса намуд, ки ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкорон яке аз самтҳои асосии рушди устувори иқтисоди миллӣ мебошад. Бе ҳимояи воқеӣ фаъолияти соҳибкорӣ наметавонад пурра рушд ёбад.

Аз ин рӯ, такмили қонунгузорӣ, таҳкими ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои соҳибкорон ва истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии онҳо ва тақвияти чорабиниҳои иттилоотӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ боқӣ мемонад.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои моливӣ ва ҳуқуқи соҳибкорон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешавад:**

- ***такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши соҳибкорӣ;***
- ***идома додани фаъолият ҷиҳати такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳуқуқи соҳибкорон;***
- ***омӯзиши масъалаи созмон додани платформаи электронии сабти шикоят ва пешниҳоди соҳибкорон дар мамлакат;***
- ***гузаронидани таҳқиқот ва таҳлилҳо оид ба мушкилоти мавҷуда дар соҳаи соҳибкорӣ ва хизматрасониҳои молиявӣ;***
- ***қабул ва баррасии саривақтии муроҷиатҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва соҳибкорон;***

***- баланд бардоштани маърифати аҳолӣ ва ташкили чорабиниҳои ташвиқотию тарғиботӣ оид ба ҳуқуқҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳуқуқи соҳибкорон;***

***- тақвияти ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ, шарикони рушд, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ.***

# II. ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР СОЛИ 2025

## 2.1. Таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон

### а) Раванди мутобиқсозии фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба Принсипҳои Париж

Дар доираи амалисозии саривақтӣ ва самараноки вазифаҳое, ки қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон муқаррар намудаанд, дар соли 2025 фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда ва дастгирии ҳамаҷонибаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам густариш ёфт.

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла Принсипҳои марбут ба мақоми муассисаҳои миллӣ, ки ба пешбурд ва ҳимояи ҳуқуқи инсон машғуланд (Принсипҳои Париж) ва дигар санадҳои дахлдор аз давлатҳои аъзо тақозо менамоянд, ки барои таъминоти пурра ва мустақилияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон пайваста шароити мусоид таъмин карда шавад.

Яке аз чунин талабот ин дар маркази пойтахт бо бинои алоҳидаи доимӣ таъмин намудани мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мувофиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад, ки бо мақсади амалӣ намудани мустақилият, дастрасӣ ба

шаҳрвандон ва фаъолияти самараноки ниҳоди миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон равона шудаанд.

Пайваста иваз намудани бинои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таъсири манфии худро ба фаъолияти минбаъда мерасонад. Хусусан, ин ҳолат барои дастрасии шаҳрвандон ҷиҳати муроҷиат мушкилиҳо эҷод мекунад. Боиси қайд аст, ки масъалаи мазкур дар кишварҳои ҳамсоя ҳалли мусбии худро ёфтааст.

Ҷиҳати таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон вобаста ба масъалаҳои зикршуда ва дигар мушкилиҳои ҷойдошта дар маърузаҳои қаблии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон низ ибрози назар шудааст, зеро ҳалли мусбии ин масъалаҳо метавонад барои мустақилияти мақомот ва боз ҳам боло бурдани имиҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд мусоидат намояд.

Принсипҳои Париж бо Қатъномаи Ассамблеяи генералии СММ 48/134 аз 20 декабри соли 1993 қабул шудааст. Принсипҳои мазкур барои он Принсипҳои Париж номида мешаванд, ки онҳо ҳанӯз соли 1991 дар Конференсияи байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон дар шаҳри Париж қабул шуда буданд ва онҳоро СММ ҷонибдорӣ намуда, маҳз ба мақоми ниҳодҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон дахл доранд.

Принсипҳои Париж тақозо мекунанд, ки ниҳодҳои СММ ва созмонҳои байналмилалӣ дар амалисозии ин принсипҳо мусоидат намоянд.

Лозим ба ёдоварист, ки моҳи марти соли 2012 ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми «В» сазовор дониста шуд ва тӯли солҳои минбаъда зимни баррасии гузоришҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи ҳуқуқи инсон аз ҷониби кумитаҳои дахлдори СММ ва Шурои СММ оид ба ҳуқуқи инсон ҷиҳати ноил шудан ба мақоми «А» тавсияҳо пешниҳод карда шуданд.

Мусаллам аст, ки мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ноилшавӣ ба мақоми «А» тибқи талаботи Принсипҳои Париж дар ҳамаи самтҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон фаъолияти худро пайваста густариш медиҳад.

Дар ин раванд бо мақсади амалисозии банди 3 (Таъмин намудани мутобиқати фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Принсипҳои Париж 115.17-115.22, 115.24) Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳои давлатҳои аъзои Шурои СММ оид ба ҳуқуқи инсон тибқи расмиёти Шарҳи универсалии даврӣ (даври дуюм) барои солҳои 2017-2020 бо фармони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз 19 октябри соли 2017, №143 гурӯҳи кории байниидоравӣ таъсис дода шуда, фаъолияти он бо иштироки намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Вазорати корҳои хориҷӣ ва Вазорати молия ба роҳ монда шудааст.

Бо дарназардошти тағйироти кадрӣ дар мақомоти давлатии дахлдор ва бо мақсади тавсеа додани ҳайати гурӯҳи кории мазкур

бо фармони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз 22 сентябри соли 2020, №74 ҳайати гурӯҳи корӣ нав карда шуда, ба он намояндагони Вазорати адлия ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамроҳ карда шуданд.

Моҳи марти соли 2022 дар ҷаласаи гурӯҳи корӣ матни ниҳоии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷиҳати расидан ба ин ҳадаф таҳия карда шуд.

Мавриди зикр аст, ки бинобар дар Дастгоҳи марказии мақомот таъсис дода шудани шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқ ба баробарӣ ва озодӣ аз табъиз ва шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳуқуқи соҳибкорон масъалаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо назардошти Принсипҳои Париж мавқуф гузошта шуд.

Лозим ба ёдоварист, ки моҳи июни соли 2025 бо мақсади таҳкими фаъолияти гурӯҳи кории байниидоравӣ ҷиҳати иҷрои тавсияҳои зикршуда ва гирифтани мақоми «А» мутобиқи Принсипҳои Париж ҷаласаи гурӯҳи кории байниидоравии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ташкил ва гузаронида шуда, бо дарназардошти таъсис додани вазифаи муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон - Ваколатдор оид ба ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳуқуқи соҳибкорон ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳои нав пешниҳод карда шуданд.

Аз ин лиҳоз, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тағйиру иловаҳои пешниҳодшударо муттаҳид намуда, лоиҳаи такмилдодашударо барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Дар ин робита, фаъолияти гурӯҳи кории байниидоравӣ бо мақсади гирифтани мақоми «А» мутобиқи Принсипҳои Париж идома дорад.

Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ ва мутобиқ намудани қонунгузории миллӣ ба санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста мусоидат менамояд.

Яке аз санадҳои муҳим дар самти ҳуқуқу озодиҳои инсон амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2023, №АП-350 оид ба андешидани тадбирҳои зарурӣ барои иҷрои Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳои давлатҳои аъзои Шурои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон тибқи расмиёти Шарҳи универсалии даврӣ (даври сеюм) барои солҳои 2023-2026 маҳсуб ёфта, ҷиҳати мутобиқати мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба Принсипҳои Париж як қатор чорабиниҳо пешбинӣ шудаанд.

Дастгирии молиявии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, омӯзиши таҷрибаи пешқадам, таҳкими фаъолияти гурӯҳи кории байниидоравӣ, таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо

ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», баланд бардоштани донишу малакаҳои касбии кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва дигар вазорату идораҳо оид ба ҳуқуқи инсон, таҳкими ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, ниҳодҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсони дигар кишварҳо, дигар созмонҳо ва ВАО аз ҷумлаи чунин чорабиниҳо мебошанд.

Яке аз самтҳои фаъолияти гурӯҳи кории байниидоравӣ баррасии масъалаи дастгирии молиявии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мутобиқи Принсипҳои Париж мебошад.

Мавриди зикр аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъминоти молиявии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мутобиқи Принсипҳои Париж пайваста тадбирҳои муассир андешида, мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсонро дастгирӣ мекунад, вале ҳанӯз ҳам барои пурра мутобиқ будан ба Принсипҳои Париж ин кофӣ нест. Дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ба маблағи умумии 3 821 662 сомонӣ таҳия ва тасдиқ карда шудааст, ки нисбат ба соли 2024 ба маблағи 731 902,00 сомонӣ зиёд мебошад.

Санадҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла Принсипҳои Париж аз давлатҳои аъзо тақозо мекунанд, ки бо мақсади таъмин намудани мустақилияти пурраи ниҳоди миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон он бояд бо бинои алоҳидаи дорои инфрасохтори барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ мувофиқ ва

ҷиҳати дастрасии осони шаҳрвандон дар маркази пойтахт ҷой дода шавад.

Тавре дар боло қайд карда шуд, масъалаҳои мазкур то ҳол ҳалли мусбии худро наёфтаанд. Зиёда аз ин, яке аз масъалаҳои мубрам барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тез-тез иваз шудани бинои мақомот мебошад, зеро дар муддати ҳамагӣ 15 соли фаъолият мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 4 маротиба тағйири бино кардааст.

Чунин вазъият фаъолияти муназзами мақомотро халалдор намуда, ҳар дафъа зимни тағйири бино боиси хароҷоти зиёдатӣ барои интиқоли молу воситаҳои корӣ ва таъмири ҳуҷраҳои корӣ мегардад ва дар ин раванд мебелу таҷҳизот фарсудаву корношоям гардида, барои пешбурди фаъолияти корӣ монеа эҷод мекунанд.

Яке аз масъалаҳои дигар номутобиқатии воҳидҳои корӣ бо сарбории мавҷуда мебошад. Воҳидҳои кории мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар соли аввали фаъолият аз 27 нафар иборат буда, дар соли 2025 ба 54 нафар расидааст ва дар ин муддат ҳаҷми корҳо низ бамаротиб афзудааст. Лекин то имрӯз дар сохторҳои таъминкунандаи фаъолияти мақомот, аз ҷумла бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ ва бахши молиявӣ ва таъмини фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 2-нафарӣ кормандон фаъолият мекунанд. Мувофиқи мақсад аст, ки сохторҳои зикршуда ба шуъба табдил дода шуда, барои фаъолияти самараноки онҳо 4-нафарӣ кормандон ҷалб карда шаванд.

Вобаста ба тавсия оид ба омӯзиши таҷрибаи пешқадами ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқи инсони кишварҳое, ки мақоми «А»-ро доро мебошанд, соли 2025 бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд мунтазам сафарҳои кории Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дигар давлатҳо ва вохӯриву мулоқотҳои судманд бо ҳамтоёни хориҷӣ ва намояндагони мақомоти дахлдори соҳаи ҳуқуқи инсон идома дода шуданд.

Аз ҷумла, сафарҳои кории Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Италия моҳи марти соли 2025, ба Шоҳигарии Испания моҳи июни соли 2025, ба Ҷумҳурии Финляндия моҳи ноябри соли 2025 ҷиҳати муаррифии дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуку озодиҳои инсон, табодули таҷриба, таҳкими ҳамкориҳо бо дигар давлатҳо ва ноил шудан ба мақоми «А» тибқи Принсипҳои Париж муҳим арзёбӣ мегарданд.

Соли 2025 бо мақсади таҳкими ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, ниҳодҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсони дигар кишварҳо, созмонҳо ва ВАО ҳамкориҳои мутақобилан судманди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамтоёни хориҷии худ ва намояндагони созмонҳои байналмилалӣ идома ёфтанд.

Аз ҷумла, вохӯриҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндагони Вазорати корҳои хориҷии Финляндия ва сафири он мамлакат дар Тоҷикистон (бо қароргоҳ дар Ҳелсинки) Илка Рейсанен, бо Комиссари Олии

САҲА дар умури ақаллиятҳои миллӣ ҷаноби Кристоф Капм, вохӯрии арзи адаб бо Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Федеративии Олмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Йорк Шуграф ва ҳайати ҳамроҳонаш, мулоқоти судманд бо Сафири Фавқулода ва Мухтори Подшоҳии Мутаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хонум Кэтрин Смиттон мулоқот бо Намояндаи доимии навтаъини Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид (UNDP) дар Тоҷикистон ҷаноби Судито Мукерҷӣ санаи 19 августи соли 2025, мулоқот бо Ҳамоҳангсози доимии Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон хонум Кавилмадам Рамасвами санаи 25 августи соли 2025, мулоқот бо Фиристодаи махсуси намояндагии Финляндия дар САҲА ва ҳайати онҳо бо роҳбарии хонум Терҳи Хақала санаи 11 сентябри соли 2025 баргузор гардиданд, инчунин, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Муколама оид ба ҳуқуқи инсон миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо, ки санаи 17 октябри соли 2025 дар шаҳри Брюссели Шоҳигарии Белгия доир шуд иштирок намуд.

Яке аз дастовардҳои муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рушди ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар ҷумҳурӣ барои 15 соли оянда ва аз ҷумла ноил шудан ба мақоми «А» тибқи Принсипҳои Парижро муайян мекунад, Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038 ва Нақшаи амали Стратегияи мазкур барои солҳои 2023-2025 мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 августи соли 2023, №357 тасдиқ шудааст.

Тибқи банди 7 Нақшаи мазкур Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар якҷоягӣ бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои адлия, молия ва корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор шудаанд, ки ҷиҳати амалӣ гардонидани тавсияҳои Алянси глобалии ниҳодҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон ба Принсипҳои Париж ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар тағйиру иловаҳо ворид намоянд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки минбаъд низ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд барои ноил шудани ниҳоди миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон ба ҳадафҳои дарпешистода пайваста саъю талош менамояд ва ҷиҳати ноил шудан ба мақоми «А» тибқи Принсипҳои Париж кӯшиш ба харҷ дода, дар ин раванд аз ҳамаи имкониятҳои мавҷуда истифода мебарад.

## б) Тақвияти ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ, доираҳои илмӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ

Ба роҳ мондан ва тақвият додани ҳамкориҳои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон самти муҳимми фаъолият ба ҳисоб рафта, аз талаботи Принсипҳои Париж бармеояд.

Аз ҷумла, соли 2025 дар доираи ҳамкориҳои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақомоти давлатӣ, доираҳои

илмӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ вобаста ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд густариш ёфта, бо мақсади таҳкими ҳамкориҳо вохӯриҳои мутақобилан судманд аз тарафи роҳбарияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва кормандони Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақомоти давлатӣ, намояндагони корпусҳои дипломатии муқими Тоҷикистон, намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва коршиносони байналмилалӣ ташкил ва гузаронида шуданд.

Ҳамчунин, дар доираи ҳамкориҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо ҳамтоёни хориҷӣ, намояндагони созмонҳои байналмилалӣ ва корпусҳои дипломатӣ иштироки маҷозӣ ва суханронии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи чоруми Комиссия оид ба ҳуқуқи инсони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, вохӯриҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Роҳбари Дафтари минтақавии Раёсати Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба гурезаҳо (UNHCR) барои Осиёи Марказӣ Думитру Липкану, бо Сафири САҲА дар Тоҷикистон ҷаноби Вилли Кемпл, бо ҳайати Ҷамъияти ҳуқуқии Англия ва Уэлс таҳти роҳбарии доктор Хонум Дебра Лонг, бо намояндагони Вазорати корҳои хориҷии Финляндия ва сафири он мамлакат дар Тоҷикистон (бо қароргоҳ дар Ҳелсинки) Илка Рейсанен, бо Комисари Олии САҲА дар умури ақаллиятҳои миллӣ ҷаноби Кристоф Капм, вохӯрии арзи

адаб бо Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Федеративии Олмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Йорк Шуграф ва ҳайати ҳамроҳонаш, мулоқоти судманд бо Сафири фавқулода ва мухтори Подшоҳии Мутаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хонум Кэтрин Смиттон ва ҳайати мушовирони Британияи Кабир оид ба боздоштшудагон Нейҷл Лейтон ва Ҷейсон Хенкок, санаи 15 августи соли 2025 мулоқот бо Намояндаи доимии навтаъини Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид (UNDP) дар Тоҷикистон ҷаноби Судито Мукерҷӣ, санаи 19 августи соли 2025, мулоқот бо Ҳамоҳангсози доимии Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон хонум Кавилмадам Рамасвами, санаи 25 августи соли 2025 мулоқот бо Фиристодаи махсуси намояндагии Финляндия дар САҲА ва ҳайати онҳо бо роҳбарии хонум Терҳи Хақала санаи 11 сентябри соли 2025, иштирок дар Муколама оид ба ҳуқуқи инсон миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо, ки 17 октябри соли 2025 дар шаҳри Брюсселии Шоҳигарии Белгия баргузор гардид, иштироки маҷозӣ ва суханронӣ дар ҷаласаи панҷуми Комиссия оид ба ҳуқуқи инсони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки моҳи декабри соли 2025 дар шаҳри Мински Ҷумҳурии Беларус баргузор гардид ва дигарҳо аз ҷумлаи чунин ҳамкориҳои судманд арзёбӣ мегарданд.

Дар ин раванд, рӯзҳои 12-15 марти соли 2025 зимни сафари кории ҳайати расмии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Италия бо роҳбарии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор вохӯрию мулоқотҳои судманд бо мақомоту

идораҳои дахлдори Италия, аз ҷумла бо Омбудсмен оид ба ҳуқуқи инсон, Омбудсмени молиявӣ ва бонкӣ, роҳбарияти Суди Олӣ, Вазорати адлия, Мактаби олии тайёркунии судяҳо, Суди шаҳри Рим, Суди шаҳри Флоренсия, Донишгоҳи давлатии Флоренсия, Маркази ҳалли алтернативии баҳсҳои тиҷоратӣ ва дигар сохторҳои марбута анҷом дода шуданд.

Сафари хизматии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шоҳигарии Испания рӯзҳои 6-12 июни соли 2025 ҷиҳати иштирок дар Конфронси сатҳи баланд ва вохӯрӣ бо Омбудсмени Шоҳигарии Испания дар тақвият додани муносибатҳои минбаъда низ мусоидат намуд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни фаъолияти худ ҷиҳати барқарор ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ на танҳо бо давлатҳои Ғарб, балки бо ҳамтоёни худ дар мамолики Машриқзамин низ пайваста саъю талош менамояд.

Аз ҷумла, сафари кории Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳри Теҳрони Ҷумҳурии Исломии Эрон ҷиҳати иштирок дар 4-умин нишасти умумӣ ва 12-умин ҷаласаи Шурои мудирони Маҷмааи Ваколатдорони Созмони Ҳамкории Исломӣ (OICOA) барои таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо ҳамтоёни худ аз давлатҳои исломӣ такони тоза бахшид.

Ташрифи ҳайати Кумитаи ҳуқуқи инсони Шоҳигарии Арабистони Саудӣ бо роҳбарии хонум Ат-Тувайҷирӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои 19-20 октябри соли 2025 дар

доираи амалисозии Ёддошти тафоҳум байни мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҳуқуқи инсони Шоҳигарии Арабистони Саудӣ бо даъвати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар мувофиқа бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сафорати Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷонибҳо самаранок ва ба меҳмонони олиқадр хотирмон буд.

Дар идомаи сафари кории мазкур рӯзи 20 октябр вохӯриву мулоқотҳои хонум Ат-Тувайҷирӣ ва ҳайати ҳамроҳонаш дар Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардиданд.

Ҳамчунин, зимни сафари корӣ ба шаҳри Давҳаи Давлати Қатар Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобозода Умед дар Конфронси байналмилалӣ таҳти унвони «Ҳимояи рӯзноманигорон дар мунокишаҳои мусаллаҳона: имкониятҳо ва мушкилот» иштирок ва суханронӣ намуд.

Инчунин, санаи 8 октябри соли 2025 дар шаҳри Давҳа мулоқоти ӯ ва ҳайати ҳамроҳонаш бо Раиси Кумитаи миллии ҳуқуқи инсони Давлати Қатар хонум Марям бинти Абдуллоҳ Ал-Атийя баргузор гардид ва бо мақсади тавсеа ва тақвияти заминаҳои ҳуқуқӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои бештари дуҷониба байни Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва Кумитаи миллии ҳуқуқи инсони Давлати Қатар Ёддошти тафоҳум ба имзо расид.

Мавриди зикр аст, ки дар ҳошияи сафари мазкур санаи 9 октябри соли 2025 мулоқоти судманди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобозода Умед бо раиси ҷамъияти тоҷикони муқими Қатар Файзалӣ Мирзораҳимов баргузор гардид. Зимни вохӯрӣ ҷонибҳо доир ба масъалаҳои марбут ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар қаламрави Давлати Қатар иқомат доранд, мубодилаи афкор намуданд.

Ташрифи хонум Москалкова Татяна Николаевна - Раиси Комиссия оид ба ҳуқуқи инсони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Федератсияи Россия бо ҳайати ҳамроҳонаш ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 9 октябри соли 2025 дар доираи сафари давлатии Президенти Федератсияи Россия муҳтарам В.В. Путин ва дар арафаи Иҷлосияи сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Душанбе ҷиҳати таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманди ин ду ниҳоди ҳамто хеле судманд арзёбӣ мегардад.

Зимни ташриф хонум Москалкова Т.Н. ва ҳамроҳонаш аз Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шиносоӣ пайдо намуда, бо масъулини Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон вохӯрии пурмуҳтаво доир намуд.

Ҳангоми вохӯрӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳамкориҳо дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар сатҳи ду мақомоти зикршуда, инчунин, дар сатҳи Алянси Авруосиёгии Омбудсманҳо ва Комиссия оид ба ҳуқуқи инсони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мавриди баррасии ҷонибҳо қарор дода шуданд.

Аз 24 то 26 ноябри соли 2025 Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди ҳамкорӣ бо Финляндия дар самти таҳкими ниҳоди миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон ва кӯдак бо масъулони Вазорати маориф ва фарҳанг, Агентии миллии таҳсилот, Вазорати адлия, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак, Анҷумани ҳуқуқи инсон, Маркази волоияти қонун, Маркази ҳуқуқи инсон ва Фонди «Абилис»-и ин кишвар мулоқот намуд.

Зимни вохӯриҳо барои амалисозии барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон, таҳкими иқтидори ниҳодҳои миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон, роҳандозии ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷониба дар самти эътироф, эҳтиром, ҳифз ва пешбурди ҳуқуқи инсон, хусусан, ҳуқуқҳои кӯдак, рақамикунонии низоми ҳуқуқи инсон ва мутобиқати ниҳодҳои миллӣ ба «Принсипҳои Париж» табодули назар карда шуд.

Ҳамчунин, дар идомаи сафар Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои 27-28 ноябри соли 2025 дар ҷаласаи дуюми омбудсменҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Финляндия, ки ба масъалаи мутобиқати ниҳодҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон ба «Принсипҳои Париж» ва гирифтани мақоми «А»

бахшида шудааст, иштирок ва оид ба дастовардҳои Тоҷикистон дар самти ҳифз ва пешбурди ҳуқуқи инсон маъруза намуд.

Санаи 5 марти соли 2025 дар бинои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон масъулини Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо намояндагони Фонди байналмилалии асъор (ФБА) мулоқот анҷом доданд.

Ҳамзамон, санаи 29 майи соли 2025 масъулини Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо коршиноси мустақили Раёсати баҳогузории лоиҳаҳои амалишавандаи СММ Нана Гибрадзе оид ба рафти амалишавии Лоиҳаи «Волоияти қонун»-и Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон вохӯрӣ анҷом доданд.

Сафари омӯзишии корманди Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи даъвати Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсони САҲА (ODIHR OSCE) рӯзҳои 14-15 октябри соли 2025 дар курси «Омӯзиши идоракунии бухронҳо дар Муассисаҳои миллии ҳуқуқи инсон», ки дар шаҳри Варшаваи Ҷумҳурии Лаҳистон баргузор гардид, ҷиҳати тақвият додани донишҳои касбии ҳомиёни ҳуқуқи инсон муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар давраи сипаришуда ҳамкориҳои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо шарикони рушд, аз ҷумла бо Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон тибқи нақшаи алоҳида, Хазинаи кӯдакони СММ вобаста ба таҳия ва амалисозии нақшаи фаъолияти якҷоя, бо Дафтари Барномаҳои САҲА вобаста ба амалисозии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 идома дода шуданд.

Ҳамкориҳои мутақобилан судманди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти давлатӣ дар маҳалҳо пайваста густариш меёбанд.

Мавриди зикр аст, ки машваратҳои сайёри ҳуқуқӣ ва қабули шаҳрвандон дар минтақаҳои ҷумҳурӣ аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҷиҳати пешбурди ҳуқуқу озодиҳои инсон муҳим арзёбӣ мегардад. Чунин тадбирҳо рӯзҳои 21-28 апрели соли 2025 дар шаҳрҳои Конибодом, Хуҷанд ва Исфараи вилояти Суғд амалӣ карда шуданд.

Дар ин раванд, рӯзҳои 23-26 июни соли 2025 дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд тибқи «Нақшаи амали солҳои 2023-2025 ба Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038» дар доираи омодагӣ ба таҳияи гузориши миллӣ доир ба давраи 4-уми Шаҳри универисалии даврӣ дар якҷоягӣ бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералӣ, Вазорати адлия ва Ташкилоти ҷамъиятии «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният» машварати корӣ бо намояндагони мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ташкил ва гузаронида шуд. Қобили зикр аст, ки чунин машварати корӣ қаблан бо мусоидати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон рӯзи 14 майи соли 2025 дар шаҳри Бохтар ташкил ва баргузор шуда буд.

Зимни сафари корӣ вохӯриҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров ташкил ва гузаронида шуданд.

Дар ҳамкорӣ бо Созмони байналмилалии швейтсарии «Ҳелветас», Ташкилоти ҷамъиятии «Ҳуқуқшиносон» ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Хуҷанд ва Хоруғ бо мақсади амалисозии самараноки банди 2.7. Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳои давлатҳои аъзои Шурои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон тибқи расмиёти Шарҳи универсалии даврӣ (даври сеюм) барои солҳои 2023-2026, ки бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2023, №АП-350 тасдиқ шудааст, рӯзҳои 23-24 апрели соли 2025 дар шаҳри Хуҷанд ва рӯзҳои 11-12 июли соли 2025 дар шаҳри Хоруғ семинарҳои дурӯзаи омӯзишии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон оид ба ШУД ташкил ва гузаронида шуд.

Тибқи дархости ТҶ «Дунёи ҳуқуқ» санаи 21 майи соли 2025 масъулини Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мутахассиси мустақили баҳогузори Иттиҳоди Аврупо Бунафша Гулакова оид ба рафти амалисозии лоиҳаи «Роҳ ба сӯи адолат: таҳкими ҳуқуқи башар тавассути пешгирии шиканҷа ва ислоҳоти системаи пенитенсиарӣ», ки аз ҷониби ТҶ «Дунёи ҳуқуқ» дар якҷоягӣ бо фонди Ҳолландии «Perspectivity Challenge» ва мақомоти дахлдори давлатии Тоҷикистон амалӣ мешавад, вохӯрӣ доир намуд.

Санаи 29 майи соли 2025 масъулини Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо коршиноси мустақили Раёсати баҳогузории лоиҳаҳои амалишавандаи СММ Нана Гибрадзе оид ба рафти амалишавии Лоиҳаи «Волоияти қонун»-и Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон вохӯрӣ анҷом доданд.

Тибқи дархости Ташкилоти байналмилалии швейтсарии «Ҳелветас» намояндаи Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон санаи 18 июли соли 2025 дар муаррифии натиҷаҳои амалисозии Лоиҳаи «Дастрасӣ ба адолат» дар солҳои 2023-2024, ки аз ҷониби БРСММ ва «Ҳелветас» амалӣ карда мешавад, иштирок ва баромад намуд.

Ҳамкориҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо омбудсменҳои ҳамсоякишварҳо низ сол аз сол тақвият меёбанд. Аз ҷумла, моҳи декабри соли 2025 тибқи дархости воридшуда ба пешниҳоди Омбудсмани Қирғизистон оид ба таъсис додани Шурои омбудсманҳои назди Созмони Ҳамкориҳои Шанхай хулоса омода намуда, мактуби ҷавобӣ ирсол карда шуд.

Дар раванди фаъолият Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мунтазам ба ҳодисаҳои пурсарусадое, ки вобаста ба нақзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони Тоҷикистон дар дохил ва хориҷи кишвар рух медиҳанд, вокуниши фаврӣ нишон медиҳад. Аз ҷумла, вокуниши Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба қатли навраси 10-солаи тоҷик Қобилҷон Алиев дар мактаби миёнаи округи Одинтсовои вилояти Москва ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Федератсияи Россия ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдаки назди Президенти Федератсияи Россия ирсол карда шуд. Аз мактуби ҷавобӣ бармеояд, ки масъалаи мазкур зери назорати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдаки назди Президенти Федератсияи Россия гирифта шуда, дар ин робита чораҳои дахлдор андешида мешаванд.

Соли 2025 ҳамкориҳои мутақобилан судманди мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо доираҳои илмии ватанӣ идома ёфтанд.

Чунончи, ҳамкориҳои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тибқи шартнома байни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамкорӣ роҳандозӣ гардид, дар ин раванд, тибқи дархости ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 15 январи соли 2025, №01/126-03 аз 27 феврал то 7 марти соли 2025 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таҷрибаомӯзии пешаздипломии донишҷӯёни курси 4 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ташкил ва гузаронида шуд.

Инчунин, барои донишҷӯёни курсҳои 2 ва 3 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз 16 то 28 июни соли 2025 таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ ташкил ва гузаронида шуд.

Ҳамзамон, кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мунтазам дар семинару конференсияҳо ва дигар чорабиниҳои иттилоотии муассисаҳои илмии ватанӣ иштирок намуда, оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқу озодиҳои инсон бо маъруза баромад мекунанд.

Соли сипаришуда чунин баромадҳо дар чорабиниҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории

Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, Донишгоҳи давлатии Хатлон ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи академик М.Назаршоев ва дигар доираҳои илмии ватанӣ таъмин карда шуданд.

Дар ин давра, тибқи даъват 4 нафар кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар курсҳои такмили ихтисос барои хизматчиёни давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва донишҳои касбии худро тақвият доданд.

Соли 2025 ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо васоити ахбори оммаи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ҷиҳати инъикоси васеи чорабиниҳои маърифатии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тақвият дода шуда, иштироки мунтазами рӯзноманигорон аз АМИТ «Ховар», Радиои «Тоҷикистон», Радиои «Ховар», телевизионҳои давлатии «Тоҷикистон», «Сафина», «Ҷаҳоннамо», «Душанбе», «Баҳористон» ва дигар васоити ахбори омма дар чорабиниҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқу озодиҳои инсон таъмин карда шуданд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани фаъолият ва таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешавад:**

***- таъмин намудани мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо бинои доимӣ;***

***- зиёд намудани воҳидҳои корӣ дар Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон;***

***- тақвияти фаъолияти гурӯҳи кории байниидоравӣ ҷиҳати тезонидани раванди пешниҳод намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»;***

***- ҷалби ҳамаҷонибаи шарикони рушд аз созмонҳои байналмилалӣ.***

## в) Таъминоти моддӣ, техникӣ ва молиявии фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Маблағгузории кофӣ ва таъминоти моддӣ-техникӣ барои фаъолияти самараноки мақомот мусоидат менамояд. Дар ин робита, бо дастгирии пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузории фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон сол аз сол зиёд гардида, таъминоти моддию техникӣ беҳтар карда мешавад.

Тавре дар боло қайд гардид, дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сметаи ягонаи даромад ва хароҷот барои соли 2025 ба маблағи умумии 3821 662 (соли 2024 маблағи 3089760) сомонӣ таҳия ва тасдиқ карда шудааст, ки нисбат ба соли 2025-и ҳамин давра ба маблағи 731902,00 сомонӣ зиёд мебошад.

Ҳамзамон, аз ҳисоби маблағҳои грантии Барномаи Рушди СММ барои амалисозии Лоиҳаи «Волоияти қонун бо мақсади

инкишофи имконияти одамон дар Тоҷикистон» барои маблағгузории хароҷотҳо ҷиҳати гузаронидани тренингҳо ва хизматрасониҳои мутахассисон сметаи ягонаи даромад ва хароҷот ба маблағи умумии 207570,00 сомонӣ дар Вазорати молия таҳия ва тасдиқ карда шуда, 100%-и маблағҳои дар сметаи тасдиқгардида хароҷот карда шудааст.

Мутаассифона, маблағгузорӣ аз сарчашмаҳои шарикони рушд ва созмонҳои байналмилалӣ сол аз сол ба таври назаррас кам шуда истодааст ва аз таҷриба бармеояд, ки саҳми шарикони рушд дар таҳкими иқтидори ниҳодҳои миллии ҳифзи ҳуқуқҳои инсони дигар давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ беҳтар роҳандозӣ шудааст.

Дар соли 2025 хизматчиёни давлатии мақомот дар Корхонаи давлатии «Тоҷиксуғурта» ба суғуртаи ҳатмии давлатӣ оид ба ҳаёт ва саломатӣ ба суғурта фаро гирифта шуданд.

Бо мақсади амалишавии муқаррароти бандҳои дахлдори Нақшаи чорабиниҳо бахшида ба «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон гардидани солҳои 2025-2030, ки бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 июни соли 2025, №АП-815 тасдиқ шудааст, дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҷиҳати гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ барои ҳамаи хизматчиёни давлатии мақомот имзои электронӣ таввасути рақами ягонаи миллӣ аз Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас гардид ва гардиши ҳуҷҷатҳо (коргузорӣ) бо вазорату идораҳо таввасути низоми гардиши ҳуҷатҳои электронии «edo.innovation.tj» тариқи

электронӣ амалӣ карда шуд. Гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ дар барономаи мазкур тақозо менамояд, ки таҷҳизотҳои компютерии мақомот таҷдид карда шаванд.

Бо мақсади омӯзиши забони хориҷӣ барои кормадони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҷиҳати иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омӯзиши забонҳои хориҷӣ» аз 18 марти соли 2024, №795 дар мақомот бо ҷалби омӯзгори забони англисӣ, номзади илмҳои филологӣ аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои кормандони Дастгоҳи марказӣ дар ду гурӯҳ дарси омӯзиши забони англисӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ба роҳ монда шуд.

Дар мақомот ба масъалаҳои баланд бардоштани малака ва такмили дониш аҳаммияти аввалиндараҷа дода шуда, аз имкониятҳои китобхонаи мақомот васеъ истифода бурда мешавад. Дар китобхонаи мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон зиёда аз 2063 китобҳои соҳавӣ-ҳуқуқӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва дигар забонҳои хориҷӣ мавҷуд мебошанд, инчунин, дар фонди китобхонаи мақомот 72 номгӯйи китобҳои бадеии тозанашр мавҷуд аст.

Бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2025, №218 оид ба сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2025-2026 Нақшаи чорабиниҳо тасдиқ гардида, бо мақсади амалӣ намудани он Ситоди фаврӣ дар ҳайати 5 нафар таъсис дода шуд. Тибқи нақша барои таъмини шароити самароноки кории

кормандон таҷҳизотҳо (батарея)-и гармидиҳӣ барои қабули оби гарм дар утоқҳои кории кормандон насб ва таҷҳизотҳои фарсудашудаи системаи гармидиҳии ҳуҷраҳои кории бино таъмир ва иваз карда шудаанд. Айни ҳол бинои мақомот бо неруи гармӣ дар шакли оби гарм таъмин мебошад.

Бояд тазакур дод, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 октябри соли 2016, №420 «Дар бораи лимити шумораи мошинҳои сабукрави хизматӣ» лимити шумораи мошинҳои сабукрави хизматии мақомот 3 адад муқарар шудааст. Айни ҳол, дар тавозуни мақомот 2 адад мошини сабукрави хизматӣ мавҷуд мебошад, ки аз ҷиҳати вазъи техникӣ дар ҳолати фарсуда қарор дошта (солҳои бароришашон 2004 ва 2007), ҳангоми сафарҳои хизматӣ ба шаҳру ноҳияҳои кишвар монеаҳо эҷод мекунанд.

Вобаста ба ин, аз ҷониби Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷудо намудани мошини сабукрави хизматӣ се маротиба - 25 октябри соли 2016, №2301, 28 июни соли 2018, №2111(22-5) ва 13 сентябри соли 2025, №34485 (22.5) дастурҳо дода шуда буд. Кумита дар мактуби ҷавобӣ аз 2 августи соли 2018, №1-3а/645 ва аз 21 сентябри соли 2025, №01-3а/3907 иттилоъ дода буд, ки дар сурати пайдо гардидани нақлиёти мувофиқ ҷиҳати ин масъала чораҷӯйӣ менамояд. Вале то ҳол масъалаи мазкур ҳалли худро наёфтааст.

Ҳамзамон, мавриди зикр аст, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Комиссия оид ба ҳуқуқи инсони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мебошад ва нақши Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҷиҳати муаррифии бевоситаи дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҳудуди Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил муҳим арзёбӣ мегардад. Фаъолият дар ин самт нишон медиҳад, ки барои иштироки ҳузурии ӯ дар ҷаласаҳои расмии Комиссияи мазкур мушкилоти молиявӣ монеагӣ мекунанд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани фаъолият ва таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешавад:**

***- ҳамасола зиёд кардани маблағгузории фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ барои харидории таҷҳизоти компютерӣ барои раванди кор дар гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ;***

***- таъмин намудани 2 адад мошини хизматӣ;***

***- ҷалби ҳамаҷонибаи шарикони рушд аз созмонҳои байналмилалӣ.***

## 2.2. Иттилоотонӣ ва мусоидат дар баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон

Барои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси фараҳмандӣ ва қаноатмандист, ки бо ибтикори наҷибонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаббуси ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ» эълон шудани соли 2027 сани 12 декабри соли 2025 дар Иҷлосияи 80-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул гардид. Мавриди зикр аст, ки санаи 8 октябри соли 2024 дар Ҷаласаи сарони кишварҳои ИДМ, ки дар шаҳри Москва баргузор гардид, қарори дахлдор оид ба масъалаи зикршуда қабул карда шуд. Санадҳои мазкур бо фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳамоҳангии пурра доранд, зеро тибқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» яке аз вазифаҳои асосии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, шаклҳо ва воситаҳои ҳифзи он мебошад.

Мусаллам аст, ки дар эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи адолатпарвар, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Конститутсия пеша намудааст, маърифати баланди ҳуқуқии шаҳрвандон нақши муҳим дорад.

Аз ин лиҳоз, давоми соли 2025 фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар самти мазкур боз ҳам густариш ёфта, аз ҷониби кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақсади иҷрои самаранок ва саривақтии вазифаҳое, ки қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон дар самти иттилоотонӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон муқаррар намудаанд, бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда тадбирҳои зарурӣ андешида шуданд.

Қабл аз ҳама, дар асоси Стратегияи фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2021-2025 Барномаи амали мақомот барои соли 2025 таҳия ва тасдиқ карда шуд.

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» маърузаҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак барои соли 2024 таҳия ва ба мақомоти дар қонун пешбинишуда ирсол гардида, шакли электронии онҳо ба почтаҳои электронии макомоти дахлдори давлатӣ ирсол карда шуданд. Маърузаҳо бо забонҳои русиву англисӣ тарҷума ва бо 3 забон нашр карда шуда, ба китобхонаҳои вазорату идораҳо, доираҳои илмии ватанӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ройгон дастрас карда шуданд.

Ҳамзамон, тибқи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» аввалин Маърузаи махсуси Ваколатдор оид ба ҳуқуқи

инсон дар бораи вазъи риояи ҳуқуқ ба баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз барои соли 2024 ба мақомоти дахлдори давлатӣ ирсол карда шуд.

Ҳамкориҳо бо ВАО яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мебошанд ва дар ин раванд соли 2025 аз ҷониби роҳбарият ва кормандони Дастгоҳи марказии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 202 баромад дар ВАО, аз ҷумла 28 маротиба дар телевизион, 24 маротиба дар радио, 69 маротиба дар матбуоти даврӣ ва 81 маротиба дар матбуоти электронӣ анҷом дода шудааст.

Соли 2025 кормандони сохторҳои минтақавӣ тариқи васоити ахбори оммаи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ 136 маротиба баромад намудаанд, ки аз онҳо 61 баромади телевизионӣ, 27 баромад дар радио ва 48 мақола дар матбуоти даврӣ мебошад.

Дар маҷмуъ, соли сипаришуда дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 338 баромад (аз ҷумла дар ТВ – 89, радио – 51, матбуоти даврӣ – 117, матбуоти электронӣ – 81) дар воситаҳои ахбори омма таъмин карда шудааст.

Нашру паҳн намудани маводди чопии соҳавӣ дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон муҳим арзёбӣ мегардад ва аз ин лиҳоз, соли 2025 чор шумораи навбатӣ ва шумораи махсуси маҷаллаи «Ахбори Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2024 таҳия ва нашр карда шуда, ба китобхонаҳои вазорату идораҳо, доираҳои илмии ватанӣ,

созмонҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дастрас карда шуданд.

Мавриди зикр аст, ки дар доираи ҳамкориҳои самараноки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Комиссия оид ба ҳуқуқи инсони ИДМ моҳи ноябри соли 2025 шумораи 3 маҷаллаи «Ахбори Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва бо теъдоди 200 нусха нашр карда шуда, дар маҷаллаи мазкур мақолаи пурмуҳтавои Москалкова Т. Н. – Раиси Комиссия оид ба ҳуқуқи инсони ИДМ дар мавзуи «Роль омбудсменов в условиях трансформации международной системы защиты прав человека» ҷой дода шуд.

Ҳамзамон, соли 2025 аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон якчанд маводди чопӣ, аз ҷумла «Дар бораи табъиз чиро медонед?» (50 нусха), «Ҳимоя ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (50 нусха), «Раҳнамо оид ба Тартиби қабул ва баррасии муроҷиати занон ва духтарон – ҷабрдидагони зӯроварии шаҳвонӣ ва гендерӣ дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (150 нусха), «Зӯроварӣ ва хатари он ба рушди кӯдакону ҷавонон» (500 нусха), «Ҳуқуқҳои худро ҳифз намо!» (500 нусха) ва «Ҳисоботи мониторинги «Риояи ҳуқуқи инсон дар қисмҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (200 нусха) таҳия ва нашр карда шуда, дар чорабиниҳои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба иштирокчиён дастрас карда мешаванд.

Ҳар нимсола баргузор намудани нишастҳои матбуотӣ бо иштироки рӯзноманигорони ватаниву хориҷӣ ҷиҳати

иттилоотонии ҷомеа оид ба вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷумҳурӣ нақши муҳим доранд. Бо ҳамин мақсад аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мунтазам чунин ҳамоишҳо ташкил ва гузаронида мешаванд.

Аз ҷумла, санаи 27 январи соли 2025 дар толори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо иштироки намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, кормандони масъули мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва намояндагони васоити ахбори омма нишасти матбуотӣ оид ба натиҷаҳои фаъолият дар соли 2024 ташкил ва гузаронида шуд.

Чунин нишасти матбуотӣ бо мақсади иҷрои саривақтӣ ва самараноки банди дахлдори Нақшаи ташкил ва гузаронидани нишастҳои матбуотӣ дар вазорату идораҳо, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо оид ба ҷамъбасти нимсолаи якуми соли 2025 мутобиқи амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2005, №АП-1677 санаи 4 августи соли 2025 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, кормандони масъули мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва намояндагони васоити ахбори омма оид ба натиҷаҳои фаъолият дар нимсолаи якуми соли 2025 нишасти матбуотӣ гузаронида шуд.

Нишастҳои матбуотии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар васоити ахбори оммаи ватанӣ ва хориҷӣ васеъ инъикос карда шуданд.

Бо мақсади таъмини иҷрои самараноки фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 январи соли 2025, №911 «Дар бораи «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон намудани солҳои 2025-2030» бо иқдоми Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 4 июли соли 2025 мизи мудаввари ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Ҳимояи ҳуқуқи инсон дар шароити рақамикунонӣ» бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, доираҳои илмии ватанӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва васоити ахбори омма гузаронида шуд.

Зимни чорабинии мазкур мавзуъҳои «Раванди татбиқи рақамикунонӣ дар фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Масоили ҳуқуқи инсон дар шароити рақамикунонӣ», «Иқтисоди рақамӣ ва аҳаммияти гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ», «Рақамикунонии хизматрасониҳои консулӣ», «Рақамикунонӣ дар хизмати давлатӣ» ва «Ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар раванди рақамикунонӣ» пешниҳод ва мавриди баррасии иштирокчиён қарор дода шуданд.

Фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз сол аз сол густариш меёбад. Дар ин раванд, бо мақсади шарҳу эзоҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҷадвали гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ тасдиқ гардида, мувофиқи

Барномаи амали мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2025 дар ноҳияҳои ВМКБ, шаҳру ноҳияҳои вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳру ноҳияҳои тебеи ҷумҳурӣ, инчунин, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 чорабиниҳои иттилоотӣ  гузаронида шуд.

Дар робита бо мактуби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Нақшаи машғулиятҳои дохилиидоравии кормандони Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2025 таҳия ва  аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тасдиқ карда шуда, амалисозии он то охири сол ба роҳ монда шуд.

Мусоидат ба иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон низ яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон арзёбӣ мегардад.

Аз ҷумла, бо мақсади иҷрои самараноки банди 2.7. Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳои давлатҳои аъзои Шурои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон тибқи расмиёти Шарҳи универсалии даврӣ (даври сеюм) барои солҳои 2023-2026 рӯзҳои 23-24 апрели соли 2025 дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд ва рӯзҳои 11-12 июни соли 2025 дар шаҳри Хоруғи ВМКБ семинарҳои дурӯзаи омӯзишӣ бо иштироки намояндагони мақомоти давлатӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, зиёиён ва фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ гузаронида шуданд.

Чорабиниҳои мазкур ҷиҳати иттилоотонӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, тақвият ва таҳким бахшидан ба ҳамкориҳои манфиатовар дар самти таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амалисозии нақшаҳои миллии амалҳо оид ба иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ, ташвиқу тарғиби дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини волоияти қонун ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд гузаронида шуданд.

Шароити муосири ҷаҳонӣ тақозо менамояд, ки дар самти иттилоотонии ҷомеа ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд аз технологияҳои муосири рақамӣ васеъ истифода шавад. Аз ин лиҳоз, фаъолияти мунтазами сомонаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шабакаи интернет ба роҳ монда шуда, дар давоми соли 2025 140 мақолаву хабар ҷой дода шуд.

Мавриди зикр аст, ки иштирок ва суханрониҳо дар чорабиниҳои дахлдори шарикони рушд ҷиҳати таблиғу ташвиқи дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷомеа нақши муҳим доранд. Бо ҳамин мақсад соли 2025 иштироки кормандони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар 205 чорабиниҳо оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таъмин карда шуд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани иттилоотонӣ ва мусоидат дар баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***- тақвият додани фаъолияти иттилоотонӣ ҷиҳати баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар минтақаҳои дурдасти ҷумҳурӣ;***

***- густариши фаъолият дар самтҳои ҳуқуқ ба баробарӣ ва озодӣ аз табъиз, ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳуқуқи соҳибкорон;***

***- тақвият додани фаъолият дар самти таҳия ва нашри маводди иттилоотӣ вобаста ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқу озодиҳои инсон.***

## 2.3. Таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон (10 - декабр)

Ҳамасола тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ва санадҳои дахлдори байналмилалӣ Рӯзи ҳуқуқи инсон таҷлил мешавад. Зиёда аз ин, ҳамасола бо ибтикори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҷумҳурӣ Ҳафтаи ҳуқуқи инсон ҷашн гирифта мешавад.

Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ҷашн гирифтани Ҳафтаи ҳуқуқи инсон аз ҷониби мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳамасола чорабиниҳои гуногун дар сатҳи баланд гузаронида мешаванд ва дар ин раванд соли 2025 низ истисно набуд.

Бо мақсади ташвиқу тарғиби дастовардҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва пешбурди минбаъдаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 9 декабри соли 2025 дар доираи таҷлили Ҳафтаи ҳуқуқи инсон бо ибтикори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон, Намояндагии Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба гурезаҳо дар Тоҷикистон, Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон ва Дафтари Барномаҳои САҲА дар Душанбе мизи мудаввари ҷумҳуриявӣ баргузор гардид.

Дар ҳамоиши мазкур зиёда аз 80 нафар намояндагони мақомоту идораҳои давлатӣ, корпусҳои дипломатии муқими Душанбе, созмонҳои байналмилалӣ ва сохторҳои ҷомеаи

шаҳрвандӣ, муассисаҳои илмиву таълимӣ ва воситаҳои ахбори омма иштирок намуданд.

Дар ин раванд, 3 декабри соли 2025 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар мавзуи «Эъломияи Куруши Кабир – аввалин Эъломияи ҳуқуқи инсон дар ҷаҳон» мизи мудаввар баргузор гардид.

Зимни ҳамоиш иштирокчиён доир ба таърихи пайдоиши Эъломияи Куруши Кабир ва саҳми беназири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эҳёи хизматҳои Куруши Кабир ва аз ҷониби ЮНЕСКО қабул гардидани қатъномаи «Устувонаи Куруш: Эъломияи ибтидоии ҳуқуқи гуногунрангии фарҳангӣ» (аввалин эъломияи ҳуқуқи башар дар таърихи инсоният) маъруза намуданд.

Дар ҳамоиши мазкур таъкид шуд, ки қабули ин қатънома дар ЮНЕСКО бо иштироки фаъолонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон далели возеҳи эътирофи саҳми миллати тоҷик дар рушди тамаддуни башарӣ аст. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сиёсати хирадмандона ва ташаббусҳои созандаашон дар арсаи байналмилалӣ арзишҳои сулҳу адолат, эҳтироми ҳуқуқи инсон ва ҳамзистии фарҳангҳоро идома ва такмил медиҳанд, ки идомаи мантиқии рисолати башардӯстонаи Куруши Кабир маҳсуб мешавад.

Чунин мизи мудаввари Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар мавзуи «Натиҷаи баррасии мониторингҳои қисмҳои ҳарбӣ» бо иштироки намояндагони мақомоти судӣ ва прокуратура, Гвардияи миллӣ, Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти

миллӣ, вазоратҳои мудофиа, адлия ва корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании ва ҷомеаи шаҳрвандӣ баргузор гардид.

Дар рафти мизи мудаввар бештар ба масъалаҳои ҳуқуқҳои сарбозон дар давраи хизмат ва аз байн бурдани муносибатҳои ғайриоинномавӣ мубоҳисаҳо сурат гирифта, ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ тавсияҳо пешниҳод карда шуданд.

Ҳамчунин, санаи 8 декабри соли 2025 бахшида ба таҷлили Рӯзи ҳуқуқи инсон мизи мудаввари Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар мавзуи «Нақши мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешгирии зӯроварӣ дар оила» бо дастгирии Дафтари барномаҳои САҲА дар Душанбе баргузор гардид, ки дар он ҷанбаҳои гуногуни баробарии гендерӣ, аз ҷумла натиҷаи санҷиши вазъи риояи ҳуқуқи занон, фаъолияти нозирони пешгирии зӯроварӣ дар оила, ҳуҷраҳои тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила ва фаъолияти ҳуҷраҳои машваратии равонӣ-ҳуқуқии зӯроварон мавриди баррасии иштирокчиён қарор дода шуд.

Чунин чорабиниҳо дар намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон низ дар доираи Ҳафтаи ҳуқуқи инсон гузаронида шуданд.

Дар ин раванд, Намояндагии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар вилояти Хатлон як қатор чорабиниҳои маърифатӣ -

ҳуқуқиро дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ ва ташкилоту идораҳои дахлдори вилоят баргузор намуд.

Бо ин мақсад дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №40 ноҳияи Кӯшониён, Коллеҷи омӯзгории шаҳри Бохтар, Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, Шурои иттифокҳои касабаи вилояти Хатлон, Коллеҷи иҷтимоии шаҳри Бохтар, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, раёсати ВКД ҶТ дар вилояти Хатлон ва раёсати кор бо занон ва оилаи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, Коллеҷи тиббии шаҳри Бохтар чорабиниҳои иттилоотӣ гузаронида шуданд.

Бо ибтикори Намояндагии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар вилояти Суғд ҳамоиши илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон» дар факултети «Ҳуқуқшиносӣ»-и ДДҲБСТ, Конфронси донишкадавии илмию амалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон ва муаммоҳои муосири он» дар кафедраи «Ҳуқуқшиносӣ»-и МД «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, конфронси илмӣ–амалии «Нақши Эъломияи умумии ҳуқуқи башар дар ташаккули низоми муосири ҳуқуқи инсон» дар факултети «Таърих ва ҳуқуқ»-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров гузаронида шуданд.

Аз ҷониби Намояндагии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ВМКБ низ дар доираи Ҳафтаи ҳуқуқи инсон бо ҷалби қишрҳои гуногуни ҷомеа як қатор чорабиниҳо ташкил ва гузаронида шуданд. Аз ҷумла, чорабинии иттилоотӣ дар

Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи М.Назаршоев ва семинар-машварат оид ба Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон бо иштироки намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва намояндагони ВАО дар сатҳи баланд гузаронида шуданд.

Дар доираи таҷлили Ҳафтаи ҳуқуқи инсон кормандони намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар воситаҳои ахбори оммаи маҳаллӣ, аз ҷумла дар радиову телевизион ва матбуоти чопӣ баромадҳо намуданд.

Аз ҷумла, бо ташаббуси Намояндагии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ВМКБ филми мустанад оид ба қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санадҳои байналмилалӣ ва таъсиси вазифаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт гардида, 10 декабр тариқи Телевизони «Бадахшон» пахш гардид.

Дар раванди Ҳафтаи ҳуқуқи инсон кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар чорабиниҳои шарикони рушд, аз ҷумла Форуми ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мизи мудаввар дар доираи маъракаи «16 рӯзи амал бар зидди зӯроварии гендерӣ», чорабинии БР СММ дар Тоҷикистон оид ба дастгирии ҳуқуқии занон, мизи мудаввари Дафтари барномаҳои САҲА дар Душанбе, чорабинии фарҳангии «16 рӯзи мубориза алайҳи хушунати гендерӣ» бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, Вазорати фарҳанг, Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи забон ва истилоҳоти

назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи дин танзими ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишкадаи исломии Тоҷикистон, Донишкадаи молия ва иқтисод, Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ ва дигарҳо иштирок ва маъруза намуданд.

Дар доираи таҷлили Ҳафтаи ҳуқуқи инсон кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар васоити ахбори оммаи ватанӣ, аз ҷумла дар радио ва телевизион баромад намуда, оид ба дастовардҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол дар самтҳои гуногуни ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ибрози назар намуданд.

Аз ҷумла, мусоҳибаҳои кормандони Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо хабарнигорони АМИТ «Ховар», ТВ «Тоҷикистон», ТВ «Сафина», ТВ «Ҷаҳоннамо», ТВ «Душанбе», радиои «Ховар», радиои «Фарҳанг», радиои «Садои Душанбе» ва радиои «Овози тоҷик» дар ҳошияи мизҳои мудаввари Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва дигар чорабиниҳои ҷашнӣ бахшида ба

Рӯзи ҳуқуқи инсон оид ба дастовардҳо дар самти ҳимоя ва пешбурди ҳуқуқу озодиҳои инсон таъмин карда шуданд.

Ҳамин тариқ, чорабиниҳои банақшагирифташуда вобаста ба таҷлили Рӯзи ҳуқуқи инсон дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо доир намудани Ҳафтаи ҳуқуқи инсон дар сатҳи баланд баргузор гардиданд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар таҷлил намудани Ҳафтаи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***- бештар кардани чорабиниҳои иттилоотӣ-маърифатӣ, аз ҷумла дар ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ ва ҷамъбасти онҳо зимни таҷлили Ҳафтаи ҳуқуқи инсон;***

***- ҷалби бештари ҳамкорони рушд аз ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ҷиҳати таҷлили сазовори Ҳафтаи ҳуқуқи инсон.***

## 2.4. Татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 дар соли 2025

Тақвияти фаъолият дар самти таълими ҳуқуқи инсон ва ҷой додани маълумот аз натиҷаи таҳлилу баррасии ин масъала дар маърузаҳои солонаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон яке аз чорабиниҳои дар самти татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, №565 тасдиқ гардидааст, ба ҳисоб меравад.

Дар ин робита, фаъолияти мақомот ва Шурои ҳамоҳангсози байниидоравӣ тақвият дода шуда, натиҷаҳои он рӯзҳои 4 апрел ва 26 декабри соли 2025 дар ҷаласаи Шуро бо иштироки васеи намояндагони вазорату идораҳо ва шарикони рушд матраҳ гардиданд.

Зимни баргузории ҷаласаҳо гузориши аъзои Шуро оид ба корҳои анҷомдодашуда ва нақшаҳои минбаъда ҷиҳати мусоидат дар амалисозии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар Суди Олӣ, вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, корҳои дохилӣ, маориф ва илм, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи ВАО шунида шуда, аъзои Шуро оид ба фаъолияти вазорату идораҳои марбута дар ин самт мулоҳизаронӣ намуданд.

Амалӣ намудани низоми таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон аз омода намудани мутахассисон дар вазорату идораҳо вобастагии амиқ дорад. Бо ин мақсад дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо чорабиниҳои иттилоотӣ гузаронида шуда, дар бораи Ваколатдор

оид ба ҳуқуқи инсон, барномаву стратегияҳои давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, дастовардҳои ҷумҳурӣ дар ин самт ва санадҳои универсалии байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсон маълумот пешниҳод карда мешавад.

Бо ин мақсад, санаи 7 феврал барои кормандони Агентии хизмати давлатӣ дар мавзуи «Шарҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ва санаи 20 июн дар мавзуи «Шарҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва манъи ҳама гуна шаклҳои табъиз», санаи 8 апрел дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар мавзуи «Пешгирии савдои одамон ва масъалаҳои тавонбахшии қурбониёни савдои одамон», санаи 16 апрел дар Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Аҳаммияти таълиму тарбияи кӯдак дар ҷомеа», санаи 17 апрел дар Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Шарҳу тавзеҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», 20 июн дар Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Масъалаҳои баробарӣ ва манъи ҳама гуна шаклҳои табъиз», 19 август дар Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ, мониторинг ва арзёбии онҳо дар Тоҷикистон», 31 октябр дар Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар мавзуи «Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026: ҳолат ва дурнамои

татбиқ», 5 декабр дар Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд: таҷрибаи Тоҷикистон» ва 9 декабр дар Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон дар фаъолияти хизматчиёни давлатӣ» машғулиятҳо гузаронида шуд. Дар маҷмуъ, дар чорабиниҳои мазкур бештар аз 800 нафар иштирок намуда, ҷиҳати иттилоотонии бештари онҳо мусоидат карда шуд.

Ташвиқу тарғиби ҳуқуқ тавассути воситаҳои ахбори омма яке аз роҳҳои асосии баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, такмили ихтисос барои баланд бардоштани малакаи касбии журналистон ва омода намудани мутахассисон ҷиҳати таҳияи барномаҳои ҳуқуқӣ хеле муҳим аст.

Аз ҷумла, 15-16 май дар ҳамкорӣ бо Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи блогерони Тоҷикистон ва ТҶ «Хома» барои блогерони фаъол тренинг ташкил карда шуд. Чорабинии иттилоотӣ бо иштироки намояндагони Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бештар аз 40 нафар блогерон дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар чорабинӣ мавзуъҳои «Пайдоиши интернет ва амнияти иттилоотӣ», «Тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон дар шабакаҳои иҷтимоӣ», «Нақши блогерон дар самти эҳтиром, эътироф, ҳифз ва

пешбурди ҳуқуқи инсон», «Истифода зеҳни сунъӣ барои сифатнок намудани муҳтаво», «Ҳуқуқ ба озодии сухан ва ибрози ақида. Озодии баён ва маҳдудиятҳои он», «Меъёрҳои ахлоқӣ барои блогерон», «Нақши блогерон дар шаклгирии мафкураи ҷавонон» ва дигар масъалаҳо таҳлилу баррасӣ карда шуда, барои иштирокчиён маълумоти муфассал пешниҳод карда шуд.

Бо назардошти пешбинӣ гардидани таълими ҳуқуқи инсон барои ҷавонон ва кормандони воситаҳои ахбори омма дар Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 баргузории чорабинии мазкур муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ гардид. Зеро ҳолатҳои алоҳидаи вайроншавии ҳуқуқи инсон дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва фаъолияти блогерӣ, таъсири маводҳои ғайриахлоқӣ ва хусусияти зӯроваронадоштаи блогерон ба мафкураи ҷомеа, аз ҷумла кӯдакону ҷавонон, зиёд гардидани ҳуқуқвайронкунӣ дар байни блогерон нигаронкунанда мебошад.

Аз ин лиҳоз, зимни пешниҳоди маълумот ба масъалаҳои дастовардҳои Тоҷикистон дар самти ҳуқуқи инсон, қонунгузории соҳа, фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, таъмини баробарӣ ва барҳам додани табъиз, таълиму тарбияи кӯдак, стратегия ва барномаҳои давлатӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқи инсон аҳаммияти аввалиндараҷа дода шуд.

Яке аз самтҳои асосии татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон баланд бардоштани малакаи касбии омӯзгорони фанни ҳуқуқи инсон мебошад. Дар ин самт аз 30 апрел то 1 май барои омӯзгорони фанни «Ҳуқуқи инсон»-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Восеи вилояти Хатлон, рӯзҳои

27-28 май барои омӯзгорони фанни «Ҳуқуқи инсон»-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Конибодоми вилояти Суғд ва рӯзҳои 1-2 октябри соли 2025 барои омӯзгорони фанни «Ҳуқуқи инсон»-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Рашт семинари омӯзишӣ гузаронида шуд. Дар семинарҳои омӯзишӣ 78 нафар (49 нафар зан) омӯзгорони фанни «Ҳуқуқи инсон» иштирок намуданд.

Дар асоси барномаи семинарҳои омӯзишӣ оид ба масъалаҳои нақши механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, методикаи таълими фанни «Ҳуқуқи инсон», Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026, стратегияҳо ва дигар санадҳои барномавии соҳаи ҳуқуқи инсон: аҳаммияти қабул ва амалисозии самаранок, омӯзиши иҷтимоӣ-эмотсионалӣ, тарҳи универсиалии омӯзиш, Тоҷикистон дар низоми механизмҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи инсон ва амалисозии ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар ин самт, буллинг ҳамчун яке аз шаклҳои зӯроварӣ дар муҳити муассисаҳои таълимӣ ва шарҳи баъзе масъалаҳои пешгирии зӯроварӣ нисбат ба хонандагон, аз ҷумла духтарон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ машғулиятҳо гузаронида шуд.

Ҷиҳати амалисозии банди 30 Нақша, дар ҳамкорӣ бо котиботи Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва бо мусоидати Дафтари Барномаҳои САҲА дар Душанбе рӯзҳои 21-23 май дар шаҳри Бохтар, рӯзҳои 21-23 август дар

шаҳри Хуҷанд ва рӯзҳои 17-20 ноябр дар ноҳияи Варзоб барои хизматчиёни давлатӣ, масъулони самти ҳуқуқ - шахсони тамоси мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ тренингҳо гузаронида шуданд. Дар тренингҳо дар маҷмуъ, 68 нафар (10 нафар зан) шахсони тамос – масъулони бахши ҳуқуқ ва мақомоти васояту парасторӣ иштирок намуданд.

Зимни баргузории тренинг оид ба масъалаҳои Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038, Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026, таҳкими фаъолияти шахсони тамоси вазорату идораҳо оид ба иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, механизмҳои ғайрисудии ҳифзи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳамчун механизми ҳифзи ҳуқуқи инсон, санадҳои универсалии ҳифзи ҳуқуқи инсони СММ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз», ҳуқуқи озод будан аз шиканҷа ҳамчун ҳуқуқи мутлақи инсон, Тоҷикистон ва механизми Шарҳи универсалии даврӣ, баробарии гендерӣ ва ҳуқуқҳои занон, раванди иҷрои нақшаҳои миллии амал оид ба иҷрои тавсияҳои сохторҳои СММ ва дигар масъалаҳо маълумот пешниҳод карда шуд.

Дар доираи амалисозии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 ва Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли

2038 аз 15 то 18 июл бо ибтикори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар мувофиқа бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мусоидати Дафтари Барномаҳои САҲА Мактаби тобистонаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон гузаронида шуд.

Чорабинии мазкур бо фарогирии 24 нафар (7 нафар духтарон) ҷавонон аз ҳисоби кормандон мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, магистрон ва донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, Филиали Донишгоҳи давлатии Москва, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии забонҳои Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистони вилояти Суғд баргузор гардид.

Ҳамчунин, соли 2025 нахустин маротиба барои иштирок дар Мактаби тобистона бо назардошти Нақшаи кори Комиссияи ҳуқуқи инсони ИДМ барои солҳои 2024-2025 намояндагони давлатҳои узви Комиссияи ҳуқуқи инсони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил даъват шуда буданд. Дар Мактаби тобистона бо намояндагӣ аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон кормандони Ваколатдори Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳуқуқи инсон ва Маркази миллии ҳуқуқи инсони Ҷумҳурии Ӯзбекистон иштирок намуданд.

Дар ин робита, тибқи банди 34 Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026 дар муассисаҳои олии таълимӣ ва такмили ихтисоси назди вазорату идораҳо машғулиятҳо гузаронида шуданд. Аз ҷумла, 9 июл дар Маркази таълимии судяҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Санадҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи кӯдак», 15 ва 17 сентябр барои шунавандагони курси такмили ихтисоси мутахассисони пешбар ва мутахассисони сохторҳои маҳаллии Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар мавзуи «Рушди хизматрасониҳои давлатӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ», 7 октябр шунавандагони курси такмили ихтисоси роҳбарони сохторҳои маорифи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар соҳаи маорифи Тоҷикистон», 21 ва 22 октябр барои шунавандагони курси такмили ихтисоси кормандони Хадамоти иҷро дар мавзуи «Таълими ҳуқуқи инсон ҳамчун унсури муҳимми баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ» ва рӯзи 21 ноябр ба шунавандагони курси такмили ихтисос барои мутахассисони пешбар ва мутахассисони сохторҳои маҳаллии Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар алоқамандӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии тасдиқнамудаи Тоҷикистон машғулиятҳо гузаронида шуданд.

Дар банди 32 Нақша табодули таҷрибаи кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон пешбинӣ гардида, ҷиҳати иҷрои он рӯзҳои 22-29 ноябр бо мусоидати Дафтари Барномаҳои САҲА дар Душанбе сафари хизматии роҳбарият ва

кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба шаҳри Ҳелсинкии Финляндия ташкил карда шуд.

Ин чорабинӣ бо мақсади омӯзиши таҷрибаи пешрафта, тарғибу ташвиқи дастовардҳои Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва банақшагирии иқдомҳои минбаъда ҷиҳати қабул ва амалисозии барномаву нақшаҳои давлатӣ дар самти ҳуқуқи инсон равона гардида, дар он роҳбарият ва кормандони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон иштирок намуданд.

Зимни сафар бо масъули Агентии миллӣ оид ба таҳсилоти Финляндия хонум Нина Пенттинен, мушовири калони вазири маориф ва фарҳанги Финляндия хонум Сини Кейнонен, роҳбари Фонди Абилис хонум Аму Урҳонен, Омбудсмени кӯдаки Финляндия хонум Элина Пеккаринен, роҳбари Маркази волоияти қонун дар Финляндия хонум Туя Бракс, роҳбари Анҷумани Ҳуқуқшиносони Финляндия ҷаноби Роберт Салин, масъулони бахши ҳуқуқи инсони Вазорати адлияи Финляндия хонум Лиза Маннистё ва хонум Жасмина Ёкинен, бо масъули ҳамкориҳои байналмилалии Маркази ҳуқуқи инсони Финляндия хонум Елина Ҳакала ва дигарон дидору мулоқоти судманд сурат гирифт. Аз ҷумла, якчанд масъалаҳои зерин барои ҳайати Тоҷикистон ҷолиб буданд:

- дар тамоми зинаҳои таҳсил пешбинӣ шудани таълими ҳуқуқи инсон;
- муайян ва мушаххас гардидани мақсади таълими ҳуқуқи инсон дар барномаҳои таълимӣ;

- мавҷуд будани махзани ягонаи иттилоот оид ба ҳуқуқи инсон;

- ҳамкории ташкилотҳои ҷамъиятии Финляндия ва Тоҷикистон дар самти ҳифзи ҳуқуқи маъюбон;

- мавҷудияти омбудсменҳои мухталиф ва аз ҷониби Вазорати адлия таъмин шудани масъалаҳои молиявӣ ва маъмурӣ;

- фаъолияти барномавии Омбудсмени кӯдак дар самти гузаронидани таткиқоту назарсанҷиҳо вобаста ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак;

- ҷалби олимону мутахассисон дар раванди таҳияи маърузаҳои солона ва махсуси омбудсменҳо ба Президент ва Парламент;

- дар стратегия ва барномаҳои давлатӣ ба таври ҳатмӣ пешбинӣ гардидани бахши алоҳида оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон;

- ба роҳ мондани ҳамкориҳои экспертӣ бо Маркази волоияти қонун дар асоси таҷрибаи ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

- масъалаи аъзо шудани ташкилотҳои ҷамъиятии самти ҳуқуқи инсон ба Федератсияи байналмилалии ташкилотҳои ҳуқуқи инсон дар Франсия.

Итминон дорем, ки таҷрибаи андӯхташуда ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар самтҳои таълими ҳуқуқи инсон, таҳкими баробарӣ, манъи табъиз, ҳамкорӣ бо коршиносон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дар маҷмуъ эҳтиром, эътироф, ҳифз ва пешбурди ҳуқуқи инсон мусоидат хоҳад намуд.

Бинобар ба итмом расидани марҳилаи чоруми Барномаи умумиҷаҳонии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ки солҳои 2020-2024-ро дар бар мегирифт, Шурои ҳуқуқи инсони СММ дар ҷаласаи 57-ум, ки аз 9 сентябр то 11 октябри соли 2024 баргузор гардида буд, Қатъномаи 57/10-ро вобаста ба марҳилаи панҷуми Барномаи умумиҷаҳонии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2025-2029 қабул намуд, ки татбиқи он соли 2025 оғоз гардид.

Дар амалисозии марҳилаи панҷуми Барномаи умумиҷаҳонӣ диққати бештар ба кӯдакон ва ҷавонон ҳамчун субъекти афзалиятнок бо назардошти масъалаҳои ҳуқуқи инсон ва технологияҳои рақамӣ, муҳити атроф ва тағйирёбии иқлим, инчунин, баробарии гендерӣ равона карда мешавад.

Бо назардошти ин ва дар соли 2026 ба итмом расидани муҳлати татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026, ки айни замон бештар аз 80 дарсад иҷро гардидааст, зарурияти қабули барномаи нави давлатии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2027-2031 мувофиқи мақсад мебошад. Ҳамзамон, қабули барномаи нав ва аз соли 2027, ки аз ҷониби Маҷмаи Умумии СММ «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидааст, оғоз намудани татбиқи он, метавонад дастоварди муҳимми Тоҷикистон арзёбӣ гардад.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани сатҳу сифати таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

***- таъсис додани Махзани ягонаи иттилоот оид ба ҳуқуқи инсон;***

***- чораандешӣ намудан ҷиҳати чопи Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи инсон;***

***- ҷалби дигар шарикони рушд барои амалисозии Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026;***

***- тақвият додани фаъолияти Шурои ҳамоҳангсози байниидоравӣ оид ба татбиқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026;***

***- таҳияи Барномаи нави таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2027-2031.***

## 2.5. Мусоидат ба такмили қонунгузорӣ ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон

Мусаллам аст, ки қонунгузорӣ дар давлати демокративу ҳуқуқбунёд хусусияти догматикӣ надорад ва бо пайдо шудани муносибатҳои нав дар ҷомеа ва тибқи талаботи меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ қонунгузории миллӣ, аз ҷумла дар соҳаи ҳуқуқи инсон мунтазам такмил дода мешавад. Дар ин раванд, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон низ дар доираи ваколатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории миллӣ ҷиҳати такмили санадҳои дахлдори соҳаи ҳуқуқи инсон пайваста мусоидат мекунад.

Бо мақсади мусоидат намудан дар такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон кормандони Дастгоҳи марказии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 52 лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро мавриди омӯзиш қарор дода, аз ҷумла ба 17 лоиҳаи кодексу қонунҳо, 10 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 ҳуҷҷати банақшагирии стратегӣ, 5 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 12 санадҳои дигар хулосаҳо пешниҳод намуданд.

Аз ҷумла, ба лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2 маротиба), «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии

Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» (2 маротиба), «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон» «Дар бораи бақайдгирии давлатии дактилоскопӣ», «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2 маротиба), «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон», «Оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ», Қонуни намунавӣ «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ» хулосаҳо пешниҳод карда шуданд.

Ҳамзамон, ба лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирии экстремизм ва терроризм барои солҳои 2026-2030» хулоса пешниход карда шуд.

Инчунин, ба лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2027», «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2026», «Дар бораи Дастурамал оид ба тартиби пурсиши кӯдак-қурбонии савдои одамон», «Дар бораи Барномаи давлатии рушди хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030», «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2026-2030 оид ба амалисозии Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030», «Дар бораи Тартиби таҳия ва тасҳеҳи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2026-2027 оид ба амалисозии Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Оид ба амалишавии Стратегияи миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон то соли 2038 ва Нақшаи чорабиниҳои амалӣ намудани он барои солҳои 2023-2025», «Оид ба баргузории ҷашну солгард, фестивалу намоиш, иду озмунҳои фарҳангию маърифатӣ ва анъанаю ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2026», «Дар бораи рӯйхатҳои моддаҳои сахттаъсир ва моддаҳои заҳрнок, инчунин миқдори кам, начандон

калон ва калони моддаҳои сахттаъсир барои мақсадҳои моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи Тартиби мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» хулосаҳо пешниход карда шуданд.

Ҳамзамон, хулосаҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба лоиҳаҳои қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи татбиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои маданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ», «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори кории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», «Оид ба хусусияти татбиқи қонунгузорӣ марбут ба ҷиноятҳои ноболиғон ва чораҳои алтернативии таъсиррасонӣ», «Оид ба баъзе масъалаҳо, ки зимни татбиқи санадҳои қонунгузорӣ вобаста ба ҷуброни хисороти истифодабарии энергияи барқ ва гармдиҳӣ бармеоянд», «Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳо ба муқобили вайрон кардани қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ» ва «Дар бораи баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ зимни баррасии парвандаҳо оид ба бартараф кардани монеагӣ ба миён меоянд», инчунин, Барномаи давлатии баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ барои солҳои 2026-2030, Барномаи давлатии рушди хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030, Низомнома дар бораи шароити қобили қабул будан ва тартиби баррасии муроҷиатҳо аз ҷониби Комиссияи ҳуқуқи инсони ИДМ, Дархости Вазорати корҳои хориҷӣ оид ба

лоиҳаи нави UNOPS, Маълумотномаи Вазорати корҳои хориҷӣ вобаста ба вусъати робитаҳои илмӣ-фарҳангӣ бо Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ ва амалисозии Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2026, Шартномаи ҳамкорӣ миёни Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Созишнома дар бораи омода кардани кадрҳо барои хадамоти пенитенсиарии давлатҳои иштирокдори ИДМ, Эродҳои гузоришгарони махсуси СММ вобаста ба ҳуқуқҳимоякунандагон ва озодии ақида, Гузориши солонаи Котиботи давлатии ШМА оид ба ҳуқуқи инсон (қисмати марбут ба Тоҷикистон), Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи барномаи ҳамкории иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, пешниҳоди Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаи баромадани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Суди байналмилалии ҷиноятӣ, Нақшаи чорабиниҳои «Соли маърифати ҳуқуқӣ» дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҷиҳати татбиқи қарори Шурои сарони давлатҳои иштирокдори ИДМ дар бораи эълон намудани соли 2027 дар Иттиҳод ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ», Нақшаи амали  Барномаи ислоҳоти низоми адолати судӣ нисбат ба кӯдакон барои солҳои 2023-2027 дар соли 2026, Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030, пешниҳодҳои Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

Британияи Кабир ҷиҳати вусъат додани робитаҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақомоти давлатӣ ва муассисаҳои дахлдори Британияи Кабир ирсол карда шуданд.

Дар ин давра, кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар 71 гурӯҳҳои кории байниидоравӣ оид ба такмили қонунгузории миллӣ ва мутобиқсозии он ба меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ фаъолона иштирок намуда, дар таҳияи онҳо саҳмгузорӣ намуданд.

Новобаста аз ворид шудани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур ҳоло низ ҳолатҳои бидуни гирифтани хулосаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон баррасӣ ва қабул шудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва созишномаҳои байналмилалӣ, ки бевосита ва ё бавосита ба ҳуқуқи инсон алоқамананд, ҷой доранд.

Ҳамзамон, тавре ки дар маърузаҳои солонаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2021, 2022, 2023 ва 2024 қайд шуда буд, бори дигар таъкид месозем, ки бо дарназардошти муҳиммияти иштироки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар раванди такмили қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва яке аз вазифаҳои асосии ӯ маҳсуб ёфтани такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳатман ирсол намудани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бевосита ба ҳуқуқҳои инсон равона гардидаанд, мувофиқи мақсад мебошад.

Ҳамзамон, дар Маърузаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2024 қайд шуда буд, ки гарчанде Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» ҳанӯз соли 2022 қабул шуда бошад ҳам, мутаассифона, то имрӯз санадҳои дахлдори зерқонунӣ ҷиҳати муайян кардани тартиби гузаронидани экспертизаи зиддитабъизии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин Тартиби гузаронидани медиатсия оид ба баҳсҳои табъиз қабул нагардидаанд.

Вазъияти мазкур боиси нигаронии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳамчун мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи табъиз боқӣ мемонад, зеро чунин вазъият барои амалисозии меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» монеагӣ мекунад.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани раванди такмили қонунгузорӣ ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

– ***ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон пешниҳод намудани ҳамаи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дахл доранд;***

– ***бо назардошти таъмини баробарӣ ва манъи табъиз таҳия ва пешниҳод намудани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;***

– ***тезонидани раванди баррасӣ ва қабули Тартиби экспертизаи зиддитабъизии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин, Тартиби гузаронидани медиатсия оид ба баҳсҳои табъизӣ.***

## 2.6. Қабул ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

Яке аз вазифаҳои асосии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулу баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва мусоидат ба барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи инсон ва шаҳрванд буда, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҷиҳати иҷрои саривақтӣ ва самараноки меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар самти мазкур пайваста саъю талош менамояд.

Соли 2025 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 1625 муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки аз онҳо 301 муроҷиати хаттӣ, 13 муроҷиати электронӣ ва 1311 муроҷиат шифоҳӣ мебошанд.

Аз 1625 муроҷиат 316 муроҷиат дар Дастгоҳи марказии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 182 муроҷиати хаттӣ, 121 муроҷиати шифоҳӣ ва 13 муроҷиати электронӣ мебошанд.

Ҳамзамон, тибқи ҷадвали тасдиқшуда қабули шаҳрвандон аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва муовини ӯ рӯзҳои сешанбе, чоршанбе, шанбе дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва зимни сафарҳои корӣ ба минтақаҳои ҷумҳурӣ мунтазам ба роҳ монда шудааст.

Соли 2025 аз тарафи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 200 муроҷиат ва аз ҷониби муовини ӯ 68 муроҷиат ва дар маҷмуъ, 268 нафар шаҳрвандон қабул карда шуданд, ки аз инҳо 160 нафар зан ва 108 нафар мард мебошанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти мурочиатҳои аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон - Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулшуда ба самтҳои ҳуқуқ ба манзил - 93 адад,  ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ - 76 адад ва ҳуқуқ ба саломатӣ - 32 адад тааллуқ доранд:

Қабули шаҳрвандон зимни сафарҳои корӣ дар ҳузури масъулини соҳа гузаронида шуда, ҷиҳати мусоидат дар ҳалли мароҷиатҳои шаҳрвандон тавсияҳо ва ба шаҳрвандон маслиҳатҳои ҳуқуқии дахлдор дода шудааст.

**А) Мурочиатҳои хаттӣ**

Мурочиатҳои хаттии ба Дастгоҳи марказӣ воридшуда аз:

– сокинони шаҳри Душанбе 90 (с. 2024 - 75) адад;

– сокинони вилояти Хатлон 21 (с. 2024 – 25) адад;

– сокинони вилояти Суғд 28 (с. 2024 – 26) адад;

– сокинони ВМКБ 1 (с. 2024 - 5) адад;

– сокинони шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 22 адад (с. 2024 - 21);

- аз дигар давлатҳо 33 (с. 2024 - 17) адад мебошанд.

**Мурочиатҳои хаттӣ тибқи таснифот ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон ва шаҳрванд тааллуқ доранд:**

**Дар самти ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ:**

- ҳуқуқ ба баробарии гендерӣ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила - 10 (с. 2024 - 6) адад;

- ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ - 6 (с. 2024 - 3) адад;

- ҳуқуқ ба замин - 6 (с. 2024 - 4) адад;

- ҳуқуқ ба манзил – 18 (с. 2024 - 9) адад;

- ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ - 12 (с. 2024 - 14) адад;

- ҳуқуқ ба моликият - 1 (с. 2024 - 3) адад;

- ҳуқуқ ба мерос - 1 (с. 2024 - 3) адад;

- ҳуқуқ ба саломатӣ - 3 (с. 2024 - 5) адад;

- ҳуқуқ ба меҳнат - 8 адад;

- ҳуқуқ ба зиндагии осоишта - 1 адад;

- ҳуқуқ ба маъюбӣ - 2 адад;

- ҳуқуқ ба таҳсил - 1 адад;

- ҳуқуқ ба ситонидани алимент - 1 адад;

- ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ - 2 адад.

**Дар самти ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шаҳрвандӣ:**

- ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда – 10 (с. 2024-6) адад;

- муҳокимаи одилонаи судӣ – 6 (с. 2024-18) адад;

- ҳуқуқ ба мурочиат – 6 (с. 2024-7) адад;

- ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ - 12 (с. 2024-13) адад;

- ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ – 1 (с. 2024-2) адад;

- ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ – 1 адад;

- ҳуқуқи гурезаҳо – 1 адад;

- дигар ҳуқуқҳо – 12 (с. 2024-2) адад.

**Дар самти ҳуқуқҳои кӯдак:**

– ҳуқуқ ба муошират – 6 адад;

– ҳуқуқ ба таҳсил – 9 адад;

– ҳуқуқ ба саломатӣ – 1 адад;

– ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ ва озод будан аз ҳама шаклҳои зӯроварӣ – 10 адад;

- ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ, ғамхории волидайн ва дар оила тарбия гирифтан, алимент, таъминоти иҷтимоӣ – 21 адад;

- ҳуқуқ ба муроҷиат – 7 адад;

- ҳуқуқ ба моликият – 2 адад;

**Дар самти ҳуқуқ ба баробарӣ ва озодӣ аз табъиз:**

- таъқиб ва дахлнопазирии шахсӣ – 1 адад;

- табъиз аз рӯйи вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ - 2 адад;

- табъиз аз рӯйи маюбият - 2 адад.

**Дар самти ҳуқуқҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳуқуқи соҳибкорон:**

- ҳуқуқи шикоят аз болои қарорҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (норозигӣ аз болои қарори судӣ оид ба хезонидан ва бартарафсозии хонаи истиқоматӣ) – 4 адад.

**Б) Муроҷиатҳои шифоҳӣ**

Муроҷиатҳои шифоҳии ба Дастгоҳи марказӣ воридшуда аз:

– сокинони шаҳри Душанбе 61 (с. 2024 - 41) адад;

– сокинони вилояти Хатлон 19 (с. 2024 - 5) адад;

– сокинони вилояти Суғд 9 (с. 2024 – 7) адад;

– сокинони шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 30 (с. 2024 - 28) адад;

– шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Эрон – 1 адад.

Тибқи таснифот мурочиатҳои шифоҳии аз ҷониби воҳидҳои сохторӣ баррасишуда ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон ва шаҳрванд тааллуқ доранд:

**Дар самти ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ:**

- ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ - 3 (с. 2024-1) адад;
- ҳуқуқ ба манзил - 16 (с. 2024 - 9) адад;
- ҳуқуқ ба замин - 9 (с. 2024 - 5) адад;
- ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ - 11 (с. 2024 - 4) адад;
- ҳуқуқи озод будан аз зӯроварӣ - 4 (с. 2024 - 5) адад;
- ҳуқуқ ба муҳоҷирати меҳнатӣ - 1 адад;
- ҳуқуқ ба машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ - 1 адад;
- ҳуқуқ оид ба гирифтани мукофотҳои давлатӣ - 1 адад.

**Дар самти ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шаҳрвандӣ:**

- ҳуқуқи инсон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ - 4 адад;
- ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда - 5 адад;
- ҳуқуқи инсон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ – 2 адад;
- ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбӣ -1 адад;
- дигар ҳуқуқҳо - 5 адад.

**Дар самти ҳуқуқҳои кӯдак:**

- ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ, ғамхории волидайн ва дар оила тарбия гирифтан, алимент, таъминоти иҷтимоӣ – 13 адад;
- ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ ва озод будан аз тамоми шаклҳои зӯроварӣ – 5 адад;
- ҳуқуқ ба саломатӣ – 2 адад;
- ҳуқуқ ба моликият – 3 адад;

- ҳуқуқ ба муошират – 9 адад;

- ҳуқуқ ба муроҷиат – 4 адад;

- ҳуқуқ ба таҳсил – 5 адад.

**Дар самти ҳуқуқ ба баробарӣ ва озодӣ аз табъиз:**

- таъқиб ва дахлнопазирии шахсӣ – 2 адад;

- табъиз аз рӯйи вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ - 2 адад;

- таъқиб ва паст задани шаъну шараф - 2 адад;

- дигар масъала (баҳси оилавӣ) - 1 адад;

- табъиз оид ба ҳолати гендерӣ - 1 адад;

- табъиз оид ба ҳолати маҳалгароӣ - 1 адад.

**Дар самти ҳуқуқҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳуқуқи соҳибкорон:**

- маслиҳати ҳуқуқӣ оид ба баҳси замин (муассисон ва иштирокчиёни ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ) – 3 адад;

- маслиҳати ҳуқуқӣ оид ба баҳси судӣ - 1 адад;

- маслиҳати ҳуқуқӣ оиди масъалаи қарзи бонкӣ - 2 адад;

- маслиҳати ҳуқуқӣ оиди ҳуқуқи инсон 1 - адад.

Таҳлили муроҷиатҳои шифоҳӣ нишон медиҳанд, ки шаҳрвандон ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бештар нисбати мақомоти судӣ ва шахсони воқеӣ муроҷиат намудаанд.

**В) Муроҷиатҳои электронӣ:**

Соли 2025 дар Дастгоҳи марказӣ 13 муроҷиати электронӣ ба қайд гирифта шудааст. Аз ин шумора 6 нафар шахси воқеӣ (аз шаҳри Душанбе - 3 нафар, вилояти Суғд – 1 нафар ва

шаҳрвандони Федератсияи Россия - 2 нафар) ва 7 нафар шахси ҳуқуқӣ: (Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон вилояти Иркутски ФР - 1 адад, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон вилояти Пензаи ФР - 1 адад, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон вилояти Свердловски ФР - 1 адад, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳудуди Перми ФР - 1 адад, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Ҷумҳурии Бошқирдистони ФР - 1 адад, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Ҷумҳурии Алтайи ФР - 1 адад, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Ҷумҳурии Қазоқистон - 1 адад мебошанд.

Ҳамзамон, 1 мурочиат бинобар надоштани маълумоти пурра дар бораи шаҳрванд ва имзои электронӣ бе баррасӣ мононда шуд.

**Тибқи таснифот мурочиатҳои электронӣ ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон ва шаҳрванд тааллуқ доранд:**

- ҳуқуқи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда - 2 адад;
- ҳуқуқ ба манзил - 1 адад;
- ҳуқуқ ба меҳнат ва шароити одилонаи меҳнат - 1 адад;
- ҳуқуқ ба ситонидани алимент - 1 адад;
- ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ, ғамхории волидайн ва дар оила тарбия гирифтан, алимент, таъминоти иҷтимоӣ - 1 адад;
- ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ ва озод будан аз тамоми шаклҳои зӯроварӣ - 1 адад;
- дигар масъалаҳо - 6 адад.

Ҳамаи мурочитаҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо риояи мухлатҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ва тибқи талаботи Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ шудаанд.

Соли 2025 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз 316 муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ 81 муроҷиат, аз ҷумла 37 муроҷиат дар Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва 44 муроҷиат дар намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳалли мусбии худро ёфтаанд.

Масалан, шаҳрванд А.Д. аз шаҳри Душанбе, маъюби гурӯҳи I дар муроҷиати худ нисбати ҶДММ «Ҷовид» шикоят намудааст, ки дар бартарафсозии биное, ки дар он шаҳрванд дар хонаи №31 соҳибмулк аст, ҳуқуқҳои ӯ оид ба дастрасӣ ба хонаи нав дар бинои сохташаванда баъди ду сол поймол гардида истодаанд. Масъалаи мазкур дар идораи кории ҶДММ «Ҷовид» санҷида шуд.

Баъди суҳбат ба роҳбарияти ҶДММ «Ҷовид» ва фаҳмонидани ҳуқуқҳои шаҳрванд талаботи А.Д. вобаста ба пардохти иҷорапулии кофӣ барои 2 сол, даст кашидан аз гирифтани маблағи иловагӣ аз ҷониби ширкати сохтмонӣ барои 12 метри мураббаи иловагӣ аз соҳибмулк ва ба уҳда гирифтани таъмири хонаи нав аз ҷониби ширкати сохтмонӣ ба таври хаттӣ кафолат дода шуд.

Ё ин ки, шаҳрванд С.С. ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон хаттӣ муроҷиат намуда, баён намуд, ки ӯ соли 2015 ба Федератсияи Россия ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафта, дар он ҷо ба муҳлати 10 сол маҳбас гардид. Пас аз адои ҷазои ҷиноятӣ тӯли

2 моҳ ӯро бинобар надоштани маълумотномаи Шакли №1 ҷавоб надода, дар маҳбас нигоҳ доштанд. Мурочиати шаҳрванд ба ШВКД-1 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ирсол гардида, дар кутоҳтарин муддат маълумотномаи Шакли №1 ба маҳбасхонаи Урузанки шаҳри Сарански Федератсияи Россия ирсол карда шуд. Дар натиҷа, шаҳрванд С.С. аз маҳбас озод гардида, ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон миннатдорӣ баён намуд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани фаъолият дар самти қабул ва баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешавад:**

– ***ҳамаҷониба мусоидат намудани мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ зимни қабули сайёри шаҳрвандон аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар маҳалҳо;***

– ***сари вақт қабул ва баррасӣ намудани мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти дахлдор;***

– ***иштироки ҳатмии роҳбарони аввали шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳангоми аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон гузаронидани қабули шаҳрвандон.***

## 2.7. Фаъолияти намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон

Соли 2025 ҳамоҳангии фаъолияти намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таъмин карда шуд.

Дар ин давра, аз ҷониби намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 1309 муроҷиати шаҳрвандон ба қайд гирифта шуда, баррасӣ гардидаанд, ки аз онҳо 119 муроҷиати хаттӣ ва 1190 муроҷиати шифоҳӣ мебошанд. Аз 1309 муроҷиаткунанда 651 нафар занон ва 653 нафар мардҳо мебошанд. Муроҷиатҳо нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 - 97 нафар зиёдтар ба қайд гирифта шудааст.

Таҳлили муроҷиатҳои ба намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар минтақаҳо воридшуда нишон медиҳад, ки шаҳрвандон асосан ба таври шифоҳӣ муроҷиат менамоянд. Аз ин лиҳоз, мувофиқи мақсад аст, ки дар доираи амалисозии «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» давоми солҳои 2025 – 2030 ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон бо истифода аз технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла зимни мукотиба бо мақомоти давлатӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.

Аз муроҷиатҳои дар намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба қайд гирифташуда аксариятро масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқ ба манзил - 294 муроҷиат, ҳуқуқ ба замин - 231 муроҷиат ва ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ - 198 муроҷиат ташкил медиҳанд. Қобили зикр аст, ки аз 294 муроҷиати дар самти ҳуқуқ ба манзил воридгашта 252 муроҷиат дар Намояндагии

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ВМКБ ба қайд гирифта шудааст ва чунин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ВМКБ самти мазкур масъалаи мубрами рӯз аст.

Ҳамзамон, иштироки роҳбарони намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар 22 мурофиаи судӣ таъмин шуда, кормандони намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар кори 163 мизҳои мудаввар ва тренингу семинарҳо иштирок ва суханронӣ намудаанд.

Дар ин давра, намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 165 машваратҳои сайёри ҳуқуқӣ гузаронидаанд, ки дар онҳо зиёда аз панҷ ҳазор нафар иштирок намудаанд.

Гузашта аз ин, кормандони намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тариқи воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ 136 маротиба баромад намудаанд. Дар чорабиниҳои зикршуда онҳо бо намояндагӣ аз Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон паҳлуҳои мухталифи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва нақши мақомот дар пешбурд, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсонро матраҳ намудаанд.

Аз нишондиҳандаҳои омории намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бармеояд, ки фаъолияти онҳо дар ҳамаи самтҳо нисбат ба соли гузашта беҳтар ва нишондиҳандаҳо зиёдтар шуда, ҳамкориҳои мутақобилан судманди онҳо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ роҳандозӣ карда шудаанд.

Ҳамзамон, ҳамкориҳои баъзе сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар вилояти Хатлон бо Намояндагии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар вилояти Хатлон беҳбудиро тақозо мекунад.

Мурури замон ва зиёд шудани ҳаҷми кор тақозо менамоянд, ки воҳидҳои кории намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар вилоятҳо аз 2 нафар ҳадди ақал то 4 нафар расонида шуда, масъалаи як зина боло бурдани мансаби онҳо дар Феҳристи мансабҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шавад.

Дар Маърузаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2024 оид ба зарурати ифтитоҳи Намояндагии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар минтақаи Рашт бо фарогирии аҳолӣ аз ноҳияҳои Лахш, Тоҷикобод, Рашт, Нуробод ва Сангвор ибрози назар шуда буд, вале то ҳол масъалаи мазкур ҳалли худро наёфтааст. Бояд қайд кард, ки ноҳияҳои закршуда дурдаст буда, барои дастрасӣ пайдо намудани шаҳрвандон ба хизматрасониҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон душвориҳо пеш овардааст.

Инчунин, дар Маърузаи зикршуда натиҷаҳои сафари кории Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба шаҳру ноҳияҳои Роғун, Тоҷикобод, Лахш, Сангвор ва Рашт, вохӯриву мулоқотҳои ӯ бо фаъолон ва сокинон ва қабули сайёри шаҳрвандон дар шаҳру ноҳияҳои зикршуда таҳлил ва ҷамъбаст карда шуда, нигаронии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз ҷой доштани баъзе масъалаҳо дар ин минтақа ва тавсияҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҷиҳати ҳалли масъалаҳои мавҷуда баён шуда буданд.

Мутаассифона, то имрӯз аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои зикршуда ягон маълумот оид ба тадбирҳои дахлдор ҷиҳати ҳалли масъалаҳои дарҷшуда ба мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ворид нашудааст.

Вазъияти баамаломада аз он шаҳодат медиҳад, ки вуҷуд доштани чунин ҳолат дар дигар минтақаҳои дурдасти ҷумҳурӣ низ аз эҳтимол дур нест ва аз ин лиҳоз, мувофиқи мақсад аст, ки фаъолияти қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон низ аз ҳисоби буҷети давлатӣ аз нав эҳё карда шуда, дастрасии шаҳрвандон ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, хусусан, дар шаҳру ноҳияҳои сераҳолӣ ва дурдасти ҷумҳурӣ, таъмин карда шавад. Зеро ки фаъолияти онҳо ба амалишавии ваколатҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ҷиҳати қабул ва баррасии мурожиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, иттилоотонии ҷомеа дар бораи ҳуқуқу озодиҳои инсон, расонидани маслиҳатҳои ройгони ҳуқуқӣ ба мурожиаткунандагон, ташкили машваратҳои ҳуқуқии сайёр дар маҳалҳо мусоидат менамоянд.

**Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани фаъолияти намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тавсияҳои зерин пешниҳод мешаванд:**

***- аз нав таъсис додани қабулгоҳҳои ҷамъиятии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон;***

***- зиёд намудани воҳидҳои корӣ ва як зина баланд бардоштани категорияҳои мансабии кормандони намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон;***

***- тақвият додани ҳамкориҳои мақомоти маҳаллӣ бо намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон;***

***- таъсис додани Намояндагии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар минтақаи Рашт.***

# ХОТИМА

Тавре аз муҳтавои Маърузаи навбатӣ маълум гардид, мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 низ дар самти эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд корҳои назаррасро амалӣ намуд.

Қобили зикр аст, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо мақсади баланд бардоштани обрую эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ пайваста талош меварзад.

Маърузаи навбатӣ аз ду қисми асосӣ: 1. Вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2. Фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 2025 иборат мебошад.

Дар қисми 1 Маъруза вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар мамлакат дар самтҳои алоҳида бо назардошти рафти иҷрои самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, ки аз Стратегияи фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2021-2025 ва Барномаи амали мақомот барои соли 2025 бармеоянд, мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар қисми 2 Маъруза доир ба корҳои анҷомдодашуда, дар самти таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар иртибот бо ҳамкориҳо бо мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, фаълияти сохторҳои минтақавии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва

маблағгузории фаъолияти мақомот таҳлили муфассал пешниҳод ва ҷиҳати таҳкими иқтидори мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тавсияҳои мушаххас пешниҳод карда шудаанд.

Лозим ба ёдоварист, ки Принсипҳои марбут ба мақоми муассисаҳои миллӣ, ки ба пешбурд ва ҳимояи ҳуқуқи инсон машғуланд (Принсипҳои Париж) ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дахлдор аз давлатҳои аъзои СММ тақозо менамоянд, ки барои таъминоти пурра ва мустақилияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон пайваста шароити мусоид таъмин карда шавад.

Яке аз чунин талабот ин дар маркази пойтахт бо бинои алоҳидаи доимӣ таъмин кардани мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мувофиқ ба стандартҳои байналмилалӣ маҳсуб мешавад, ки бо мақсади амалӣ намудани мустақилият, дастрасӣ ба шаҳрвандон ва фаъолияти самараноки ниҳоди миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон нигронида шудаанд.

Бо вуҷуди дар маърузаҳои қаблӣ дарҷ гардидани масъалаи зикршуда, мутаассифона, то кунун ҳалли худро пайдо накардааст. Итминон дорем, ки масъалаи мазкур ҳарчи зудтар ҳал мегардад.

Соли 2025 мақомот дар самтҳои асосии фаъолият оид ба қабул ва баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, санҷиши вазъи риояи ҳуқуқи инсон ва баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба пешравиҳо ноил гардид.

Чунончи, натиҷаҳои баҳисобгирии омории муроҷиатҳо дар соли 2025 нишон медиҳад, ки дар мақомот, дар маҷмуъ, 1625 муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Ҳамаи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо риояи муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуда, ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар самти ҳуқуқи инсон ба муроҷиаткунандагон машваратҳои ҳуқуқӣ дода шудаанд.

Дар асоси муроҷиатҳои шаҳрвандон ва Барномаи амали мақомот барои соли 2025 88 санҷишу мониторинг гузаронида шуда, роҳбарияти мақомот 18 боздиду ташриф ба амал овардаанд.

Бо мақсади такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби мақомот лоиҳаи 52 санади меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар санадҳо мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуда, доир ба паҳлуҳои мухталифи ҳуқуқи инсон хулосаҳо пешниҳод гардиданд.

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар маърузаҳои ҳарсолаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дарҷ карда мешаванд, ин пешниҳоди тавсияҳо ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти мавҷуда дар самтҳои дахлдор мебошад.

Дар доираи қисми 1 Маъруза бо мақсади беҳтар намудани вазъи ҳуқуқи инсон дар муассисаҳои пӯшида ва қисман пӯшида ва ба ҳаёти иҷтимоӣ мутобиқ намудани шахсони озодшуда аз ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ, вазъи риояи ҳуқуқҳои хизматчиёни

ҳарбӣ ва шаҳрвандон ҳангоми даъват ба хизмати ҳарбӣ, вазъи таъмини ҳуқуқи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба муроҷиат, бо назардошти арзиши олӣ доштани ҳуқуқ ба ҳаёт, сиёсати инсондӯстонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зарурати такмили минбаъдаи қонунгузории миллӣ мутобиқ ба меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, вазъи риояи ҳуқуқҳои маъюбон, ҳифзи ҳуқуқҳои занон дар доираи уҳдадориҳои байналмилалӣ, баробарии гендерӣ, пешгирии зӯроварӣ нисбати занон ва зӯроварӣ дар оила, инчунин, таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои моливӣ ва ҳуқуқи соҳибкорон 40 тавсия пешниҳод гардидааст.

Ҳамчунин, дар қисми 2 Маърӯза бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани фаъолият ва таҳкими иқтидори мақомот, иттилоотонӣ ва мусоидат дар баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, таҷлил намудани Ҳафтаи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сатҳу сифати таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон, раванди такмили қонунгузорӣ ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, инчунин, беҳтар намудани фаъолияти намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 27 тавсия манзур карда шудааст.

Таъмини иҷрои тавсияҳои зикршуда барои ҷомеаи Тоҷикистон саривақтӣ ва муҳим буда, мувофиқи мақсад аст, ки Маърӯзаи фавқуззикр дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ баррасӣ гардида, ҷиҳати татбиқи тавсияҳо тадбирҳои дахлдор андешида шаванд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо итминон иброз менамояд, ки Маърузаи навбатӣ ҷиҳати густариши ҳамкориҳои минбаъда бо мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ мусоидат карда, иҷрои тавсияҳои пешниҳодгардида барои боз ҳам беҳтар шудани вазъи риоя, пешбурд ва ҳифзи ҳуқуқи инсон дар мамлакат таъсири мусбат мерасонад.